ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №11 (293) 27-уми июни соли 2019, панҷшанбе (оғози нашр: соли 1994)

## РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!



Майлу иродаи қавӣ, ҷидду ҷаҳд ва хости мардуми бонангу номуси Тоҷикистон низ ин буд, ки сулҳу оромӣ дар кишвар ҳарчи зудтар барқарор гардад.

Ҳарчанд ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буд, вале хушбахтона ҷаҳду талоши фарзандони содиқи халқи тоҷик бо сулҳу оштӣ ва ваҳдату ягонагӣ анҷом пазируфт, ки он имрӯз ҳамчун таҷрибаи нодири ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Эмомалӣ РАҲМОН

## АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН




## КИСТ ҲОШИМ ГАДО?




## ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ КӮЛОБ - 2019




## БЕЭЪТИНОӢ НИСБАТ БА ТАЪЛИМИ ФАННИ МЕТОДИКАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ




## 100 КИТОБИ БАРТАРИ АСРИ ХХ




## ДУ ТУҲФАИ БЕБАҲОИ ЯК ДӮСТИ ҶОНӢ




## ХЕЗ, ОЧАҶОН, ГУЛ ОВАРДАМ!



*Раҳи фаҳми таҷарруд фитрати борик мехоҳад,*
*Касе ҷуз ришта об аз чашмаи сӯзан намегирад. Бедил*

Анвори дониш
№11 (293), ПАНҶШАНБЕ, 27.06.2019

# ИШТИРОК ДАР ҶАЛАСАИ МИНТАҚАВӢ ДАР ДОИРАИ БАРНОМАИ ФОНДИ АВРУПО ERASMUS+



Бо мақсади иштирок дар 5-умин ҷаласаи минтақавӣ дар доираи барномаи Фонди Аврупо ERASMUS+ "Paving the way to interregional mobility and ensuring relevance, quality and equity of access - PAWER - "Роҳ ба сӯи табодули байниминтақавӣ, таълими дастрас, аҳамиятнокӣ ва баробарҳуқуқӣ" дар Донишгоҳи милии аграрии Ҷумҳурии Қирғизистон баноми К.И. Скрябин бо ҳамроҳии Шарифов Далерҷон, мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ рӯзҳои 20-24 майи соли равон ба шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон сафар намудем.

Ҷаласаи мазкур дар толори хониши ДМАҚ ба номи К.И. Скрябин баргузор гардида, дар он 53 нафар аз ВМИ, 28 муассисаи олии 13 кишвари мансуб ба 4 минтақа- Аврупо, Осиёи Марказӣ, Россия ва Қафқоз ширкат варзиданд.

Дар оғози ҷаласа муовини ВМИҶҚ Кожобеков К.Г, ҳамоҳангсози Маркази миллии барномаҳои Эразмус + дар ҶҚ Гульнора Чокушева, ректори ДМАҚ Нурғозиев. Р.З. бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, татбиқи лоиҳаҳои Эразмус +-ро барои кишварҳои аъзо дар замони ҷаҳонишавӣ муҳиму бориз арзёбӣ намуданд.

Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласа намояндаи ВМИҶТ, ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, ДДТТ, ДТТ, ДДХ ба номи Б.Ғафуров ширкат варзиданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳамоишҳои қаблӣ мавзуъҳои эътирофи баробарарзишии таҳсилот, таҳияи стандартҳои таълимӣ, интиқоли кредитҳо, ҳаракати донишҷӯён ва барои ба таҳсил фаро гирифтани онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои шарики ин лоиҳа даъвати мутахассисони хориҷӣ ба донишгоҳҳо барои хондани лексия ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ матраҳ шуда, ин навбат оид ба дурнамои фаъолият, идоракунии маблағҳо дар доираи ин лоиҳа аз ҷониби ҳамоҳангсозон Массимиллиано Д, Инокенсио, Марко Калибрис, Энрико Дел,Илсе, Ҷорҷ Кафарски, шарикони лоиҳа Гулнора Нурманбекова, Моностори Томас, Ҷорҷ Дофалес намояндагони ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, ДДТТ, ДТТ, ДДХ ба номи Б.Ғафуров ва дигарон масъалагузорӣ карда шуд.

Қайд карда шуд, ки на дар ҳама донишгоҳҳои шарик талаботи лоиҳа ба пуррагӣ риоя карда мешаванд, аз ҷумла, нобаробарии кредитҳо дар муассисаҳои олӣ, тақсимоти маблағҳои барои таҷҳизоти техникӣ ва то ҳанӯз харидорӣ нашудан, вале дар маҷмуъ сатҳи баргузор намудани семинарҳо ва давраҳои омӯзишӣ барои шумораи зиёди омӯзгорон гувоҳи татбиқи воқеии лоиҳа маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ҷараёни татбиқи лоиҳа, иштирокчиён тавассути анкета таклифу пешниҳодҳои хешро ирсол намуданд.

Нимаи дуюми рӯзи дуюми ҳамоиш нақшаи баргузории коференсияи баъдӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иттилоъ дода шуд, ки дар моҳи июн ва авали моҳи июл барои кишварҳои алоҳидаи аъзои лоиҳа дар шаҳрҳои Самарқанди ҶУ, шаҳри Тблисии Гурҷистон ва шаҳри Новосибирски Россия семинарҳои минтақавӣ гузаронида шуда, даври финалии (ҷамъбастӣ) лоиҳа дар шаҳри Бокуи кишвари Озорбойҷон баргузор хоҳад шуд.

Пас аз анҷоми семинар ба иштирокчиён сертификатҳо тақдим карда шуданд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то оид ба ин лоиҳа миёни омӯзгорону донишҷӯён семинару вохӯриҳо ташкил намоянд.

Дар доираи ин сафари хизматӣ ҳамчунин Созишномаҳои ҳамкории донишгоҳ бо Донишгоҳи миллии аграрии ба номи К.И. Скрябин ва ДДО ҶҚ ба имзо расонида шуда, дар ҳолати тантанавӣ тақдим гардиданд.

***Шарофат ХУДОЙДОДОВА,***
***ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ,***
***Далерҷон ШАРИФОВ,***
***мутахассиси шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ***

# ЧАНД МАЪЛУМОТ АЗ САФАР БА ПОРТУГАЛИЯ

***Лоиҳаи ФА, ERASMUS+ EXTEND***

Аз 13-ум то 17-уми майи соли ҷорӣ дар шаҳри Гимарайнши Португалия, дар Донишгоҳи Минҳо дар доираи барномаи Erasmus+ K2 ҷаласаи кории навбатӣ ва семинари омӯзишии лоиҳаи EXTEND баргузор гардид.

Дар ҷаласаи мазкур намояндагони чор донишгоҳ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Аз Федератсияи Россия низ намояндагони чор мактаби олӣ: Донишгоҳи давлатии сохтмонии Москва, Донишгоҳи давлатии техникии Москва ба номи М.Э. Баумани, Донишгоҳи давлатии Мордовия ва Донишгоҳи давлатии техникии Магнитогорск ба номи Г. И. Носова иштирок доштанд.

Аз Иттиҳоди Аврупо низ чор мактаби олӣ: Донишгоҳи техникии Бухарест (Руминия), Донишгоҳи Minho (Португалия), Донишгоҳи техникии Рига (Латвия) ва Донишгоҳи Warwick (Англия) шарикони лоиҳа иштирок намуданд.

Дар семинари мазкур дар Донишгоҳи Минҳо ба ҳамаи иштирокчиён сараввал натиҷаҳои аллакай бадастовардашудаи лоиҳа муаррифӣ карда шуда, сипас нақшаҳои нав пешниҳод гардиданд. Ҳамчунин, аз ҷониби шарикони аврупоӣ ба иштирокчиён тарзи тартиб додани барномаву нақшаҳои нави таълимии ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ омӯзонида шуданд. Баъдан ҳамаи иштирокчиён ба 8 гурӯҳ тақсим карда шуда, таи ду рӯз аз рӯи 8 фанни таълимӣ кор карда, барои онҳо силлабус сохта, салоҳиятнокиҳоеро, ки донишҷӯ баъди аз худ намудани фанни мазкур бояд соҳиб шавад, муайян намудем.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар гурӯҳҳои корӣ барои коркарди ҳамаи ҳуҷҷатгузориҳои 3 фанни мазкур аъзои гурӯҳи корӣ ва дар таҳияи якеи онҳо - "Communication" ҳамоҳангсоз мебошад.



Ин лоиҳа дар доираи лоиҳаи Фонди Аврупо Erasmus+ "EXTEND "Excellence in Engineering Education through Teacher Training and New Pedagogic Approaches in Russia and Tajikistan" "Баланд бардоштани сифати таълимоти муҳандисӣ бо роҳи бозомӯзии омӯзгорон ва истифода аз усулҳои нави омӯзгорӣ дар Тоҷикистону Россия" буда, дар доираи вохӯриҳои кории он ба ғайр аз нақшаву натиҷаҳои лоиҳа боз масъалаи усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои нави таълим барои омодасозии кадрҳои инжинерӣ, тайёркунӣ ва азнавтайёркунӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорони мактабҳои олӣ дар шароити муносиботи байналмилалӣ ва мутобиқшавӣ ба таҷрибаи пешқадами аврупоӣ таҳлил карда мешаванд.

Мақсади асосии лоиҳаи мазкур ин баланд бардоштани сатҳу сифати таълимоти соҳаи муҳандисӣ дар мактабҳои олии шарики лоиҳа буда, дар доираи он дар донишгоҳ ба маблағи 22500 евро ё ин ки 245 000 сомонӣ маркази EXTEND таъсис дода мешавад. Маркази мазкур бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз хоҳад буд ва дар он баргузории курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорону унвоҷӯён ба роҳ монда мешавад. Асосан таълими усулҳои фаъоли таълим ва технологияи пешрафтаи муосири таълим дар маркази мазкур ба роҳ монда хоҳад шуд.

Аз рӯи нақшаи кории пешакӣ таҳиягардида то моҳи сентябри соли ҷорӣ бояд ҳуҷҷатгузории ҳамаи фанҳои дар доираи лоиҳа коркардшаванда ва маводҳои таълими онҳо ба итмом расида, аз моҳи октябри соли ҷорӣ дар маркази EXTEND аз рӯи ин фанҳо гурӯҳи нахустин ба такмили ихтисос фаро гирифта шаванд.

Мувофиқи нақшаҳои пешакӣ таҷҳизот барои маркази мазкур тахминан миёнаҳои моҳи июни соли ҷорӣ харидорӣ ва дар марказ насб карда мешавад.

Вохурии навбатии лоиҳаи мазкур аз 9-ум то 13-уми сентябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи Ворвик шаҳри Бирмингеми Англия баргузор мегардад ва дар он се нафар аъзои гурӯҳи кории лоиҳа аз донишгоҳ бояд иштирок намоянд.

Моҳи июни соли ҷорӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон конференсияи паҳнгардонии лоиҳаи мазкур баргузор хоҳад шуд, ки дар он натиҷаҳои аллакай бадастомада, муваффақкиятҳо, камбудиҳо, мақсадҳои асосӣ ва афзалият ба намояндагони тамоми мактабҳои олии кишвар пешкаш карда мешавад ва агар худи онҳо хоҳишашон бошад, метавонанд натиҷаи кори лоиҳаро дар донишгоҳашон истифода баранд ва татбиқ намоянд.

***Орзу ОРИФОВ,***
***сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,***
***Алишер ҲОФИЗОВ,***
***мутахассиси маркази таҳсилоти фосилавӣ***



*Фирӯзҷон АРАБЗОДА, омӯзгори Донишгоҳи давлатии Данғара*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН-ПОЯГУЗОРИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Миллати тоҷик аз нигоҳи таърих як миллати сулҳхоҳ ва фарҳангиву созанда арзёбӣ мешавад. Ин миллат мероси гаранбоҳову муқаддас-сулҳу ваҳдатро барои наслҳои оянда боқӣ гузоштааст.

Чун медонем, ки ваҳдату ягонагӣ пойдевори ҳастии миллат аст.

Ҳарчанд ин миллати сахтҷон тӯли ҳазорсолаҳо ба парокандагиву сарсониҳо дучор шуд, вале рӯ овардан ба ваҳдати миллӣ ва сулҳу осоиштагӣ боз як нишонаи садоқат ба арзишҳои созандагист, ки дар арсаи таърих аз беҳтаринҳо муаррифӣ мешавад.

Ҳамагон дар ёд дорем, дар оғози соҳибистиқлолӣ Тоҷикистони азизамонро гурӯҳҳои тундгаро, бадхоҳони миллат ба гирдоби низоъҳои дохилӣ ва мусаллаҳона кашиданд. Ҷанги шаҳрвандие, ки ба вуқӯъ пайваст боиси ҳалокати даҳҳо ҳазор зиёӣ ва ашхоси бегуноҳ гардид.

Дар ин маврид дар яке аз суханрониҳои худ наҷотбахши ин миллат Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, ки "даҳсолаҳо лозим мешавад, то захму ҷароҳатҳои ин фалокат муолиҷа шаванд..." Асари ҷанги шаҳрвандӣ, ки хисороти азимеро ба бор овард, ки бартараф кардани ин хисорот замони маъниеро тақозо дорад. Ин миллати сарбаланд тавонист бо сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ бирасад.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ оғози зиндагии пурсаодат ба шумор меравад. Бо шарофату заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳи байни тоҷикон барқарор гардид.

Мардуми моро ин падидаи ҳаётбахш аз вартаи нобудӣ наҷот дод.

Имрӯз мардуми шарафманди тоҷик дар фазои сулҳу осоиш зиндагии хӯшу хуррамро ихтиёр карданд, ки хизматҳои беандозаи роҳбари давлати тоҷикон дар ин самт хеле назаррас ва боиси таҳсину офаринҳост.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарварона, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки дар баҳои ба гарав мондани ҷон ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон таъмин гардад.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон барои давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишон дод, ки ҳар як миллати сулҳхоҳ метавонад аз сулҳи тоҷикон сабақ гирад, то ба сулҳи деринтизор расад. Сулҳи Тоҷикистон натанҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавон умед баояндаи нек, хушбахтӣ, саодат, некномӣ ва ваҳдати пояндаро зинда намуд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст гуфтаанд: "Воқеан, агар мо аз дидгоҳи имрӯз ба рӯйдоду ҳодисоти рӯзҳои аввали истиқлолияти Ватанамон назар афканем Иҷлосияи таърихии XVI сарогози таърихи навини мо ба шумор меравад, чунки он ба марҳалаи таҳкими истиқлолияти миллӣ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пояҳои давлату давлатдорӣ, ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ ва оштиву сарҷамъии миллат заминаи мустаҳкам гузошт."

Ҳамин тариқ, сулҳу ваҳдат арзишҳои башарӣ буда, ҳар шахси худогоҳ ва меҳандӯстро ба фикр кардан водор месозад.

***Нишоти мо ҳамин сулҳ асту Ваҳдат,***
***Каломи беҳтарин сулҳ асту Ваҳдат.***

# НИГАРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



*Орзу ХАМИДИЁН, раиси Кумитаи ичроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб, муовини раиси ТҶҶ "Созандагони Ватан"*

Чуноне тамоми сокинони кишвар огоҳанд, санаи 10.05.2019 дар Кохи Борбад Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳои кишвар мулоқот доир намуданд. Зимни суханрании худ дар ин мулоқот Пешвои миллат вазъи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даҳ соли охир амиқан таҳлил намуда, ба моҳияти масъала ба таври интиқодӣ бархурди ҷиддӣ намуданд ва омилҳои манфии таъсиррасонро ошкор намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Тавре медонем, Пешвои миллат ободии кишвар ва ба зиндагии шоиста даст ёфтани мардумро дар меҳвари сиёсати созандаи худ қарор доданд. Бо назардошти ин, дар мулоқоти мазкур қайд намуданд, ки: "... ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои олии давлат, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мо бояд пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, такмили низоми идораи давлатӣ, суботи молиявӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, хулоса, рушди муназзаму устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин намоем".

Ҳамзамон, Пешвои миллат нисбат ба қонунвайронкуниҳо аз ҷониби мансабдорон, ҷой доштани омилҳои коррупсионӣ дар раванди иҷрои вазифаҳои хизматӣ, сохтакориҳо дар ҳуҷҷатгузорӣ, ба манбаи манфиатҳои шахсӣ табдил додани вазифаҳои масъулиятнок аз ҷониби баъзан мансабдорон ва монанди инҳо сахт изҳори нигаронӣ намуданд.

Бо назардошти ин, бояд дар ёд дошта бошем, ки ҷиҳати рушди устувору муназзами иқтисодиёти ватанамон, дар баробари шахсони масъули вазорату кумита ва идораҳои дахлдор мо шаҳрвандон низ масъулияти калон дорем ва дар ин росто мавриди муҳимме пеш омадааст, то масъулияти баланди шаҳрвандиамонро зоҳир намоем.

Яке аз нишонаҳои равшани масъулияти шаҳрвандии мо дар муносибати бовиҷдонона ба буҷаи давлат ва воситаву таҷҳизоте, ки бо маблаггузории буҷа таъмин гардидаанд, зоҳир мешавад. Яке аз нигарониҳои Пешвои миллат низ дар ин росто, истифодаи ғайримақсадноки буҷаи давлатӣ ва сӯистифода аз мансабҳои ишғолнамуда ҷиҳати зарар расонидан ба буҷаи давлат ба хотири манфиатҳои шахсӣ мебошад. Ин мансабдорон кӣ ҳастанд? Набояд фаромӯш созем, ки дар кадом мансабу вазифае бошем, пеш аз ҳама шаҳрванди кишвар ва аъзои ҷомеа ҳастем. Яъне мансабдорон ҳам пеш аз ҳама аъзои ҷомеа буда, аз миёни мову шумо бромадаанд ва бо ҳамон рӯҳияе кору фаъолият мекунанд, ки аҳли ҷомеа ба онҳо таъсиргузорӣ кардааст. Тавре Пешвои миллат ишора намуданд, ягон мансабдор аз осмон начакидааст. Касеро ҳам аз дигар сайёра наовардаанд. Ҳар чизе, ки ҳаст аз мост, ки бар мост. Маҳз ҳамин фаҳмишҳои нодурусти дар миёни ҷомеа шаклгирифта, амсоли "дар осиёб даромадӣ, гардолуд мешавӣ", "вазифаро гирифтӣ, аввал шароитатро хуб кун" (ду-се мошину ду-се хона ва ғайра гир), "ҳама тамаъ доранд, аз гала ақиб намон, ки ёлу думат мерезад", "вазифа гирифтӣ, моро фаромӯш накун", "пора додан пеши коратро мекушояд" ва ғайра боис гардиданд, ки дар низоми иқтисодӣ як қатор монеаҳои сунъӣ ба вуҷуд биёянд. Дар ҳаёт бояд даҳҳо нафароне вохӯрдан мумкин аст, ки аз коррупсия ва тамаъкории ин ё он мансабдор шикоят мекунанд, ки то фалон миқдор нагирифт, корамро буд накард. Аммо вақте решаи масъаларо мебинем, ҳамин бечоранол худаш пора пешниҳод кардааст, ё ин ки агар пурсем, худат дар ҷойи ҳамон мансабдор мешудӣ, чӣ кор мекардӣ, ҷавобашон "хатман мегирифтам!" аст. Чунин нафарон бояд фикри онро кунанд, ки онҳо пеш аз ҳама на буҷаи давлат, балки кисаи худашонро ғорат карда истодаанд ва рафтори онҳо боис мегардад, ки бо ба мушкилоти молиявӣ афтидани ҷомеа онҳо хоҳанд нахоҳанд ҳамроҳи хешу фарзандонашон ба ин мушкилот рӯбарӯ мегарданд. Аз сӯи дигар, мо аъзои ҷомеа баъзан фикр намекунем, ки бо чунин принсипҳои ғайриахлоқӣ, ки ҳатто "тақозои замон"-ашон ҳам мегӯем, садҳо нафарро пушти панҷара мебарем ва ҳаёташонро месӯзонем.

Маҳз ҳамин бардоштҳои нодуруст ва ғайриахлоқӣ дар ҷомеа боис гардидаанд, ки садҳо нафари солим худашонро маъюб мегузаронанду даҳҳо нафари дигар тамаъи гирифтани нафақаи хешони фавтидаашонро доранд. Ин омил барои мо шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мо миллати тамаддунофару фарҳангӣ шармовар аст. Гузашта аз ин, тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (тавре дар суханронии Пешвои миллат садод дод) дар даҳ соли охир аз ҷониби кормандони Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук беш аз 700 қонунвайронкунӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҷинояти иқтисодии хусусияти коррупсионидошта содир карда шудааст. Ҳамаи ин омилҳо пеш аз ҳама айби мо аҳли ҷомеа аст, ки фарзандону наздиконамон ва дӯстону рафиқонамонро дар рӯҳияи тамаъкорӣ тарбия намудем ва намуда истодаем. Ҳаёт нишон додааст, ки баъзан занону фарзандон ва хешу ақрабои шахсони мансабдор, чун мехостанд аз бақияи ҷомеа бо сару либоси гаронбаҳо ва мошину хонаҳои бодабдаба фарқ кунанд, боис гардидаанд, ки шавҳару падарон ва наздикони худро ба анҷом додани амалҳои ғайриқонунӣ "ҳавасманд" карда, амалан пушти панҷара баранд ва оилаи ободашонро умрбод бадбахту доғдор созанд.

Имрӯз Тоҷикистон дар марҳилае қарор гирифтааст, ки аз ҳар яки мо аҳли ҷомеа масъулияти баланди шаҳрвандӣ тақозо мегардад. Чуноне Пешвои миллат таъкид доштанд: "Торафт шиддат гирифтани рақобати байналмиллалӣ моро водор месозад, ки дар самти татбиқи ҳадафҳои умумимиллӣ имконоту захираҳои мавҷударо самаранок истифода карда, фазои соҳибкориву сармоягузориро боз ҳам беҳтар ва фаъолнокии иқтисодии аҳолии Тоҷикистонро баланд бардорем". Дар ростои ин суханҳо дар баробари шахсони масъули давлатӣ, ки дастуроти лозимро гирифтаанд, мо аҳли ҷомеаро низ мебояд новобаста аз шакли фаъолиятамон вазифаҳои шаҳрвандии худро иҷро намоем. Аз ҷумла:

1. Дар ҷойи аввал манфиатҳои умумимиллиро гузорем, на шахсиву гурӯҳиро;

2. Ба кор ва нисбат ба ҳамдигар софдилонаву поквиҷдонона муносибат намуда, фарзандону наздикони худро ҳам ба сӯи амали нек ва дасту дили пок ҳидоят кунем;

3. Андоз ва дигар уҳдадориҳои молиявиамонро дар назди давлат сарбаландона иҷро намуда, дар рушди иқтисоди миллӣ саҳм гузорем;

4. Бо назардошти шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкор ва корофарин бошем, то худ ва дигаронро ба ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардонем;

5. Тафаккури мардумро аз андешаҳои бепояи ба қавле "иқтисоди сиёҳ" поккорӣ намуда, миёни ҷомеа принсипи асосии зиндагӣ- дасту дили пок, обу нони ҳалол ва зиндагии бошарафонаро, ки аз гузаштагони пурифтихорамон мерос мондааст, роҳандозӣ намоем.

Дар маҷмуъ, моро мебояд, ки содиқат, заҳмати фидокорона ва хизмати софдилона ба Ватанро пайваста аз Пешвои муаззами миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯхта, дар ҳамаи самту соҳаҳо, хусусан, рушди иқтисоди миллӣ саҳми сазовори худро гузорем.



## • Шеъри рӯз



*Муҳаммад Иброҳим Сафо*

### МАН ЛОЛАИ ОЗОДАМ

*Ман лолаи озодам, худрӯяму худбӯям,*
*Дар дашт макон дорам, ҳам фитрати оҳуям.*
*Обам нами борон аст, фориғ зи лаби ҷӯям,*
*Танг аст муҳит он ҷо, дар боғ намерӯям.*
*Аз хуни раги хеш аст, гар ранг ба рух дорам,*
*Машшота намехоҳад зебоии рухсорам.*
*Бар соқаи худ собит, фориғ зи мадад корам,*
*Не дар талаби ёрам, не дар ғами агёрам.*
*Ҳар субҳ насим ояд бар қасди тавофи ман,*
*Оҳубарагонро чашм аз дидани ман равшан.*
*Сӯзанда чароғ ҳастам дар гӯшаи ин маъман,*
*Парвона басе дорам саргашта ба пероман.*
*Аз ҷилваи сабзу сурх тарҳи чамане резам,*
*Гаштаст Хутан саҳро аз бӯи диловезам.*
*Ҳам мешавам аз мастӣ ҳар лаҳзаву мехезам,*
*Сар то ба қадам нозам, по то ба сар ангезам.*
*Озодаву сармастам хӯ карда ба ҳомунам,*
*Рондаст ҷунуни ишқ аз шаҳр ба афсунам.*
*Аз саъйи касе миннат бар худ напазирам ман,*
*Қайди чаману гулшан бар хеш нагирам ман.*
*Бар фитрати худ нозам, ворастазамирам ман,*
*Озода бурун оям, озода бимирам ман.*

# ДУ ҲИКМАТ

### ҲИКОЯТИ БА ДОР ОВЕХТАНИ МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ

Пас Ҳусайнро бурданд, то бар дор кунанд. Сад ҳазор одамӣ гирд омаданд... Дарвеше дар он миён пурсид, ки ишқ чист? Гуфт: Имрӯз, фардо ва пасфардо бинӣ!

Он рӯз бикуштанд ва дигар рӯз бисӯхтанд ва севум рӯз бар бод доданд, яъне ишқ ҳамин аст.

Пас дар роҳ, ки мерафт, мехиромид, дастандозону айёрвор мерафт бо сездаҳ банди гарон. Гуфтанд: Ин хиромидан чист? Гуфт: Зеро ба қурбонгоҳ меравам.

Чун ба зери дораш бурданд, бӯсае бар дор зад ва по бар нардбон ниҳод. Гуфтанд: Ҳол чист? Гуфт: Меърoҷи мардон сари дор аст.

Пас ҷамоъати муридон гуфтанд: Чи гӯӣ дар мо, ки муридонем ва инҳо мункаранд ва туро санг хоҳанд зад? Гуфт: Ишонро ду савоб аст ва шуморо яке; аз он ки шуморо ба ман ҳусни занне беш нест ва ишон аз қуввати тавҳид ба салобати шариат меҷунбанд ва тавҳид дар шаръ асл бувад ва ҳусни занн фаръ.

Ҳар кас сангe меандохт; Шиблиро гуле андохт. Ҳусайни Мансур оҳе кард. Гуфтанд: Аз ин ҳама санг ҳеҷ оҳ накардӣ; аз гуле оҳ кардан чӣ маънӣ аст? Гуфт: Аз он ки онҳо намедонанд, маъзуранд; аз ӯ сахтиям меояд, ки ӯ медонад, ки намебояд андохт.

Пас, дасташро ҷудо карданд, хандае бизад. Гуфтанд: Ханда чист?

Гуфт: Даст аз одаме баста боз кардан осон аст, мард он аст, ки дасти сифот, ки кулоҳи ҳиммат аз тораки арш дармекашад, қатъ кунад.

Пас, пояш буриданд, табассуме кард, гуфт: Бад-ин пой сафари хокӣ мекардам, қадаме дигар дорам, ки ҳамакнун сафари ҳарду олам бикунам, агар тавонед он қадамро бибуред.

Пас, ӯ дасти буридаи хунолуд бар рӯй молид, то ҳарду соид ва рӯй хунолуд кард. Гуфтанд: Чиро кардӣ? Гуфт: Хуни бисёр аз ман бирафт ва донам, ки рӯям зард шуда бошад, шумо пиндоред, ки зардии ман аз тарс аст. Хун дар рӯй молидам, то дар чашми шумо сухррӯй бошам, ки гулгунаи мардон хуни ишон аст. Гуфтанд: Агар рӯй ба хун сурх кардӣ, соид чиро олудӣ? Гуфт: Вузӯ созам.

Гуфтанд: Чи вузӯ? Гуфт: Дар ишқ ду ракъат аст, ки вузӯи он дуруст наёяд илло ба хун. Пас чашмҳояш барканданд. Қиёмате аз халқ баромад. Баъзе мегиристанд ва баъзе санг меандохтанд. Пас гӯшу бинӣ буриданд ва... Пас забонаш бибуриданд ва намози шом буд, ки сараш буриданд ва дар миёни сар буридан табассуме карду ҷон дод.

*Аз "Тазкират-ул-авлиё"-и Аттор*

### ХУЛОСАИ ДОНИШҲО

Донишманде дар биёбон ба чӯпоне расид ва ба ӯ гуфт:

- Чаро ба ҷои таҳсили илм чӯпонӣ мекунӣ?

Чӯпон дар ҷавоби вай гуфт:

- Он чи хулосаи донишҳост ёд гирифтаам.

Донишманд ба ӯ гуфт:

- Хулосаи донишҳо чист?

Чӯпон посух дод:

- Панҷ чиз аст: то рост тамом нашуда, дурӯғ нагӯям; то моли ҳалол тамом нашуда, ҳаром нахӯрам; то аз айбу гуноҳи худ, пок нагардам, айби мардум нагӯям; то рӯзии Худо тамом нашуда, ба дари хонаи дигаре наравам; то қадам ба Биҳишт нагузоштаам, аз ҳавои нафс ва шайтон ғофил набошам;

Донишманд пас аз андаке тафаккур дар ҷавоби ӯ гуфт:

- Ҳаққо, ки илмро дарёфтай. Ҳар кас ин панҷ хислатро дошта бошад, аз оби ҳақиқати илм ва ҳикмат сероб шуда бошад.

*Таҳияи*
*Ҷаҳонгир РУСТАМШО*

*Рухсори худ дарег мадор аз нигоҳи мо,*
*Аз боғ мева кам ба тамошо намешавад. Сайидои Насафӣ*

Анвори дониш
№11 (293), ПАНҶШАНБЕ, 27.06.2019

# КИСТ ҲОШИМ ГАДО?



*Зафар МИРЗОЁН, ховаршинос, мушовири ректор оид ба иртибот бо ҷомеа, профессори фахрии донишгоҳ*

***Соли гузашта мо ҳама 80 - солагии шахсияти барҷастаи миллати тоҷик, Ҳошим Гадоро ҷашн гирифтем. Ин бознамоёнсозии триумфи (пирӯзиҳои) Ҳошим Гадо буд, ё замони апогейи (авҷи баланди) афсӯсхӯриҳои якумраи ин колбуди ниҳоят бузурги андешамандӣ, ки аз бухсҳои дар дилу пайкар ҷамъ шуда, ба таркиши ҳастаӣ наздик буд. Авҷи афсӯсхӯриҳои ин эҷодкори беҳамто аз ин рӯ буд, ки дигар ин қаду қомат, ин ҳаракати хаста ва мимикаҳои хирадмандонаи 80 - сола тавони бозтоби Спартак - ин намоди озодӣ, ҷавонмардӣ, худфидоӣ ва нангу номуси инсониро надорад.***

Бо вуҷуди ин вақте ба чеҳраи ғайриоддӣ, метавон гуфт намунаву эталони симоҳои худоёни Юнон ва Рими бостон, яъне ба Ҳошим Гадо менигарӣ, афсӯс меҳӯрӣ, ки кош дромнавис, ё филмноманавис мебудам, ки барои Ҳошим Гадо намоишномаҳоеро бахшида ба Куруши Бузург, Зартушт, зиндагиномаи Ҳаким Фирдавсӣ менавиштам. Намоди (образи) Зартушти нонавиштаи ман бо қомати баланди ҳошимона, чашмони пур аз меҳри ориёӣ, лабони фишурда аз нобовариҳо ва бемеҳриҳои атрофиён, ки ҳатто ба суханони паямбар бовар надоранд, аз байни оташ берун омада ба шоҳ Гуштосп розҳои зиндагии пас аз маргро ривоят мекунад. Ҳаким Фирдавсии ман бо гардани баланди ҳошимона лабони фишурдаи пур аз нафрат бар ҳамлаварони тозӣ, аз Номаи бостон ва тира гаштани офтоби озодии озодагон гуфтугӯ мекунад. Фирдавсии ман ҳаргиз пеши Маҳмуди Сабуктегини туркзод намеравад то бо чанд пайсаи нуқрагину мисин ин гавҳари 35 сол суфтаву дурахшон гаштаашро бифурӯшад.. Ӯ шоҳи нооориёиро ҳеҷ медонад. Куруши Бузурги ман дар ҷанг бо ваҳшиёни падару модархори масагетӣ захмдор мешавад, на бо дасти як занаки заъифи бодиягард.

Куруши ман, ҳар гоҳ ба кишваре лашкар мекашид, решаи зулму ҳақоратро барканда, тухми накӯкорӣ ва додхоҳӣ мекорид. Барои пахши эъломияи офаридаи додхоҳии худ, сухангӯёнро ба кишварҳо мефиристод.

Шояд даҳсолаҳо пас дромнависи тоҷике пайдо шавад, ки Зартушт, Куруш ва Фирдавсиро бо диди ман офарад, аммо он замон Ҳоши Гадо дар рӯйи замин нахоҳад буд ва он чеҳраҳои нотакрори таърихи тоҷиконро каси дигаре тавоноии бозтоб намудан нахоҳад дошт.

Ман ҳам хоста будам ба пешвози 80 солагии Ҳошим Гадо чизе бинависам, аммо хушам намеояд, ки бузургонро дар рӯзи зода шуданашон ситоиш карда, рӯзе пас фаромушаш кунанд. Ҳамчунон дӯст надорам он навишторҳоеро, ки ғолибан сабт мекунанд "фалонии бузург", "фалонии нобиға", "фалонии боистеъдод", аммо ҳунари бозтоб намудани бузургии он шахсро надоранд.

Ҳошим Гадо дар ҷилди XXIX асарҳои худ бо номи "Паяц" (масхарабоз - ширинкор) шиква кардааст, мардумон - ҳамвандон ба нақшофариниҳои ӯ, ки ба сони зоиши кӯдак душвору гаҳе марговар аст, бо табассум, бо истеҳзо менигаранд, гарчи ӯ худро чун шамъ месӯзонад, то барояшон равшанӣ бубахшояд. Ӯ солҳо дар интизорист, ки ин падидаҳои дупо, бо номи одамон бар сари ӯ равған бирезанд, то хидматгузории бардаворашро то нафаси вопасин идома бидиҳад. Ва ин андешаашро бо нидои "Дареғ…. Дареғ….Дареғу дард… Танҳоӣ ва яъсу дилсардӣ ҳамчун ду бародар дар паҳлӯям ҳазён мехонанд", ба поён мерасонад.

Агар бо Ҳошим Гадо гуфтугӯ медоштам, мегуфтамаш: Ҳошим Гадои гиромӣ, Шумо эҷодгари бузурге бар пояи ҷаҳонӣ воистодаед, вале паямбар нестед. Ин мардум ба паямбарашон гӯш фаро намедоданд, ба паямбаре, ки онҳоро ба Пиндори нек, Кирдори нек, Гуфтори нек даъват дошт. Ба Зартушти Спитамон, ки ба фарози кӯҳ баромада сӯйи Худованд - Аҳурамаздо фарёди ҷонкоҳ мекашад: Эй, Маздо, Эй Аҳуро! Охир бигӯ чӣ кунам бо ин мардум? Ту маро гуфтӣ ба паямбарӣ гумоштамат. Бирав, паёми маро ба мардум бирасон! Охир чӣ кунам, ки ҳеҷ кас аз мардумон ба ман гӯш фаро намедиҳанд. Ба гуфтаҳоям лабханд мезананд, писханд мезананд, ришханд мефиристанд.

Ҳошим Гадои гаронмоя, озурда нашав. Бо умед бизӣ, ин мардум дар оянда туро хоҳанд фаҳмид. Ту тавонистаӣ суханатро ба абад барои мардумон бимонӣ. Дигар акнун агар пас аз садсолаҳо номҳоеро чун Софокл, Эдип, Шекспир, Гамлет, Отелло, Суҳроб ва ҳамтоёни онҳоро бишнаванд, ҳатман чеҳраи Ҳошим Гадо ин паяци (тасвиргари) нотакрорро пеши рӯ меоваранд ва ифтихор хоҳанд кард, ки ӯ аз он чашмае об мехӯрад, ки аз он Ҳошим Гадо об хӯрда буд - он чашма Тоҷикистон ном дорад.

## КИСТ ҲОШИМ ГАДО?

Ва ба ростӣ, кист Ҳошим Гадо? Чӣ дард дорад Ҳошим Гадо?

Ин пурсишро ӯ ба худ низ медиҳад ва наметавонад ба кӣ будани худ посухи басанда пайдо кунад.

Гаҳе гумон мекунам Ҳошим Гадо файласуфи бузургест, ки фалсафаи пайдо шудани Инсону Заминро мехоҳад кашф кунад. Дар ин росто ӯ ҳама роҳҳоро паймудааст, дарунмояи нигоштаҳои файласуфони Шарқу Ғарбро кундуков кардааст, аз кашфиётҳои онҳо ба ваҷд омадааст, аммо ҳама гуфтаҳову офаридаҳои онҳо ҳанӯз ӯро натавонистаанд ба кӯҳи баланди қаноатмандӣ бирасонанд. Дар ҳақиқат Ҳошим Гадо фаротар аз як ҳунарманди филму саҳна аст.

Ҳошим Гадо ҳамон Ҳамлети рӯзгори мост. Чунин шахсиятҳоро одамони оддии дар пайи рӯзгор - ҷӯяндагони зиндагии осудаи Замин ва ҳатто сӯфиёни солики "ҳафт шаҳри ишқ", ки барои пайвастан ба Худо роҳпаймоии маҷозӣ мекунанд, наметавонанд дарбиранд. Ҳошим Гадо чунинҳоро дар шигифту ҳайрат мегузорад.

Ҳама дардҳои Ҳошим Гадо дар атрофи миллатро андешагаро кардан, миллатро аз зиндони андешаронии омиёна берун баровардан аст. Аз зовияи биниши шахси дигар мепурсад, ки чаро бо вуҷуди дархӯри ҳама унвонҳову мукофотҳо будан, аз ҷумла ифтихорманди нишони баланди "Ситораи Президент" будан, ин шахс наметавонад худро хушбахт биҳисобад. Чӣ меҷӯяд равони осиву саркаши ӯ?

Ба пиндори ман Ҳошим Гадо мехоҳад он чӣ ӯ медонад, дигарон ҳам бидонанд. Он эҳсосе, ки ӯ дорад, дигарон низ дошта бошанд. Ҳамин аст трагедияи - фоҷеаи Ҳошим Гадо, ки дигарон яъне ҳамвандонаш, тоҷикон ӯро фаҳмида наметавонанд. Миллати 1100 сол дар занҷиру завлонаи андешаи бегонагон гирифтор худро фаромуш кардааст ва магар чунин нест, ки нобиғаи дигаре, бо номи Эмомалӣ Раҳмон тамоми асабҳо, ҳама вуҷуди худро сарфи он мекунад, то ин миллат ба худ бингарад, имрӯзро барои ояндааш бисозад. Барои Ҳошим Гадо албатта фоҷеа аст, вақте ки атрофиён ва ҳатто ҳамхонагон ӯро ба таври боиста намешиносанд. Барои ӯ фоҷеаи миллаташ он аст, ки театр, осори нобиғаҳои драманавис ва намодҳои офаридаи ӯ дар инсонсозии онҳо нақши хира доранд. Дар ҷилди 50 - ӯми асарҳояш, ки "Боль" (Дард) ном дорад, навиштааст: "Шумо агар бипурсед, кист Ҳошим Гадо? Ҷавоб хоҳам дод: "Ман, суратгари рӯ ба маргам! Ман дар ҳалокшавиам!!! Аз танҳоӣ, аз бефарҳангӣ, аз фақри маънавӣ, аз кундзеҳнии онҳое, ки худро фарҳангиву боҳунар мепиндоранд нафасгир мешавам. Ин чист???!!!"

Ӯ ғолибан сабабгори дар саҳнаҳои театру синамо, дар миёни аҳли ҷомеа кам пайдо шуданашро аз беҳавсалагии дастандаркорони фарҳангу ҳунар медонад. Дар чанд ҷойи ёддоштҳояш аз ҳаммаслакону ҳамкорони бахил шиква мекунад. Гаҳе бахилони рӯзгори зиндагии худро дар ҳамгунӣ бо персонажҳои осори драманависони бостон мебинад. Чуноне ки лаҳзаҳои ҳассостаарини фоҷеаи "Отелло" ро аз асари муаллиф айнан бозгӯ намуда, дар миёни бознависии порчаҳои он фоҷеа шарҳи режисёрии худро афзудааст. Ва шарҳи саҳнаи кушта шудани Дездемона ва ба баҳси Эмилия ва Яго дар назди Отеллои қотил, шарҳи алоҳидаи омӯзандае бахшидааст.

Ҳошим Гадо дар ин ҷо ишора ба бахилони барои мо исмашон номаълум бо дард суханронӣ мекунад. Ман тасаввур мекунам яке аз бахилони Ҳошим Гадоро, ки як паканаест бо чашмони рез, овози заъиф, андакхондаи худбохта, ки дар тафовут бо қомати баланд, чашмону бинии росту қаламкашида, пайкари тавоно ва лабони пур аз сухани боирода, дар дил хешро ҳақиру нотавон мебинад, вале ба ин офаридаи Худо рашк бурда, чун ҷонвари пахшкунандаи бӯйи бад, ки онро аврупоиён Скунс хонанд, фазоро олуда месозад.

Дар аксарияти навиштаҳои ӯ Аҳримани саросари ҳастиаш пур аз хун рӯйи пайроҳаи дурӯғ, рашк, чоплусӣ пой мегузорад, то ки инсонҳои, жарфандеш, поксиришт ва аз ҳама беш шахсиятҳои андешагаро ва истеъдодҳоро бикушад. Гаҳе бахилон, бадкирдорон, но-



тавонбинон, ки садди роҳи одамони хушзеҳну боистеъдод мешаванд, дарёфтҳои ғайриоддии ба берун омадан наздики инчунинҳро ба сони кӯдаки андаруни модар орамида, мекушанд. Аммо истеъдод, ки нозуку шиканандa аст, аз қаҳру ғазаб пурзӯру тавоно шуда, рӯ мезанад ва аз сари роҳи худ аҳримани бахиливу рашк, рӯбоҳи ҳилаву шайтониро маҳв мекунад. Ҳамин аст, ки бо вуҷуди саддгузориҳои сари роҳ, Ҳошим Гадо бо иродаи пурзӯри дар кӯҳҳо обутоб ёфта, намодҳоеро дар саҳнаи тоҷик, бо забони тоҷикӣ офарид, ки дигарон наметавонистанд бад - он сатҳ биофаранд.

Тоҷиконро таърихи ҳазорсолаи фаромушсозии саргузашти худ ва нигаҳ дошта натавонистани офаридаҳои эҷодгаронаш ҳузнангезу фоҷеабор аст. Ҳамин аст ки беҳтарин нусхаҳои хатии "Шоҳнома", "Таърихи Бухоро" ва садҳо китобҳои таърихиву ҷуғрофиёӣ ва бозёфтҳои гаронарзиши ҳафриётии тоҷикон дар осорхонаҳои Лондон, Санкт - Петербург, Париж, Ватикан ва дигар марказҳои фарҳангии Аврупо нигаҳ дошта мешаванд. Ҳамин аст, ки Ҳошим Гадо бо дард мегӯяд, ки ҳангоми сафари ҳунарӣ ба шаҳри аз ҳама фарҳангпарвари Русия - Ленинград, наворбардорони ленинградӣ намоишномаҳои театри академӣ - драмавии Лоҳутиро ба навор гирифта, ба театри тоҷик тақдим намуда буданд ва дар навбати худ он наворҳои бозгӯкунандаи ҳунари баланди тоҷикон ба бойгонии телевизиони Тоҷикистон супорида шуда буд, вале чун ба суроғи он наворҳо меравад посух медиҳандаш, ки онҳоро сӯзондаанд. Ҳошим Гадо дастандаркорони бойгониро "барбарони ваҳшӣ" меномад.

Бояд ба ин ҳунарманди беҳамто гуфт Шумо таку танҳо нестед, ки гирифтори ҳилаву найрангҳои андакхондагони худбузургбин гашта бошед. Дар сари ҳар роҳ бо андакхондаҳои гирифтори бемории рашку ҳасад метавон дучор омад. Он андакхондаҳо дар сари роҳи Ҳошим Гадо бештар буданд, ки ночор 10 соли зиндагиро дар ҷонканӣ сипарӣ кард, то арзиши бемонанди намоишномаи Софокл, "Эдип" рӯйи саҳнаи театри тоҷикро бинад. Тасаввур мекунам чӣ гуна ҳунарманди бузург бо директори театр ва коргардони он, ки ҷаҳони Софокл барояш бегона аст дар баҳсу мунозираи дилбазан буд. Танҳо устуворӣ ва иродаи шикастнопазири ӯ нагузошт, ки тамошогари тоҷик аз дидани ин шоҳкори ҷаҳонӣ бенасиб монад. Ва рӯҳи нобиғаи Софокл носипос намонд, ки бозофарандаи он шоҳкор, Ҳошим Гадо шоистаи унвони "Артисти халқии Иттиҳоди Шӯравӣ" ва барандаи Ҷоизаи давлати Иттиҳоди Шӯравӣ гардад.

Театр ва тоҷикон. Театри тоҷик ҷавон аст ва тамошобини тоҷик аз он ҳам ҷавонтар. Тамошогари тоҷик аз он сабаб ҷавонтар аст, ки дар солҳои нахустини бунёди театри тоҷик бештари тамошогарон яҳудиёни тоҷикзабон ва иддае русзабонҳо буданд, зеро санъати театрӣ барои тоҷикон бегона буд. Танҳо бо кӯшишҳои зиёди мақомоти ҳизбиву давлатӣ, ҷалби донишҷӯён ба тамошои намоишномаҳо, оҳиста - оҳиста (дар солҳои 60 - ӯми садсолаи гузашта) пойтахти кишварамон ба шаҳрҳои театрии ҷаҳонӣ каме ҳам бошад монанд шуд. Албатта дар театрҳои Тоҷикистон чун шаҳрҳои Москва, Ленинград ва Парижу Венаву Рим аншлаг набуд, яъне билетҳои тамошои намоишномаҳо як моҳ ва гаҳе ду моҳ пеш фурӯхта намешуданд. Барои ба даст овардани ду билет касе нисфи моҳонаи худро сарф намекард.

Бояд гуфт ҷойгоҳи театрро дар тарбияи маънавии одамон, на синамо, на телевизион, на интернет, дискҳои аудиоӣ, на намоишҳои дигар гирифта наметавонад. Донишиёни ҳунари тарбияи одамон бартарии театрро дар он дидаанд, ки бо ҳунарнамоии баланд воқеа дар рӯёрӯи тамошогар бо гуфтори зинда (бидуни микрофон) сурат мегирад ва таъсири театр ба гуфтору кирдор ва фарҳангисозии мардумон ягонаву беҳамто мебошад.

Ин бартарии театрро ба назар гирифта Иосиф Сталин - сарвари давлати Иттиҳоди Шӯравӣ шахсан ба нахустнамоишҳои театрӣ рафта, аъзои Бюрои сиёсии ҳизби коммунистро вомедошт, то ҳама аз тамошои намоишномаҳо дар канор набошанд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҳизбиву давлатӣ дар мавриди ҳар як намоишнома тақризҳои муфассал ба чоп мерасиданд. Чунин пиндореро хонда будам, ки ҳангоми Иосиф Сталин имконияти ба театр рафтанро надошт, шахси ба ӯ монандро ороиш дода дар ложаи (нишастангоҳи) пешво мешинонданд. Нерӯҳои иртиҷоӣ дар ҳама замонҳо бадбини театр буданд. Мутаассибон, ба вижа ифротиёни зери чатри ислом паноҳ бурда, дар пайи куштани ҳамвандон силоҳ ба даст гирифтаанд, ҳар он чӣ ба фарҳанг пайваста аст, нобуд мекунанд. Ончуноне соли 1975 дар кишвари Афғонистон, шоҳиди нахустин гирдиҳамоии ифротгароёни динӣ бо сарварии Ҳизби исломӣ будам, ки нахустин ҳамлаашонро ба театри шаҳри Қундӯз бурда, онро оташ заданд ва ҳунармандонашро зери таъқиб қарор доданд.

Дар ин ҷо бояд ба таъкид оварد, ки насли ба театри тоҷик симои театрӣ бахшида, дар ҷараёни аз саҳнаи зиндагӣ рафтан аст. Солхӯрдаву бемор шудаанд, шогирдони мактаби театрии дар ҷаҳон беҳамтои Русия - Мейерхолд, Станиславски, Немирович - Данченко, Вахтангов, устодони устодҳои тоҷикон - Олга Пижова, Бибиков, Чефранова, Чистяков.

Ҳошим Гадо ҳамчун як шахсияти босипос ва ба арзишу заҳматҳои устод арҷгузор, сипосгузории хешро ба кишвари паҳновари Русия, дар ҷилди алоҳидае, бо унвони "Русь…." (ҷилди 106), бо як эҳсоси баланд баён кардааст, ки як шахси бо таърихи фарҳанговарии ин мардуми бузург ошно, ҳатман ҳамандешаи ӯ хоҳад буд. Ӯ бо як меҳри хосса саргузашти фишурдаи Русияро бозгӯ намудааст, ки на ҳар русзода тавонистааст бо чунин самимият ин қавми диловару ватанпарварро ситоиш намояд. Ҳошим Гадо диловарсарони Русро, ки душманони ҳамлавари харобсози ватанашонро саркӯб карда, аз марзҳо дур партофта буданд ва паҳнаи густурдаи сарзаминашонро боз ҳам фарохтар намуданд, аз Рюрики бунёдгузори шоҳигарии Рус, то Иван Калита, Александр Невски, Минину Пожарский, Суворов, Кутузов, Пётри Бузург ва Николаи II ба таври фишурда тавсиф намудааст. Дар бораи саҳми Тимирязев, Дарвин, Сиолковский, Рерих, ва олимони дар инсон кардани одамон саҳмдошта, самимона гуфтугӯ кардааст.

## ҲОШИМ ГАДО ВА КИТОБҲОИ Ӯ

Дар ин фурсати маҳдуд ман наметавонам 260 ҷилд осори Ҳошим Гадоро як -як таҳлил кунам ва гумон мекунам барои таҳлили он мебояд ду - се ҷилд китоб навишт. Ва он ҳам дар сурате, ки битавонӣ ба андешаҳои ӯ дарбиравӣ, ҳунари баланди нуктасанҷ дошта бошӣ. Барои таҳлили навишторҳои ӯ мебояд чун ӯ тавоноии андешаи жарф ва биниши осмонӣ дошт. Аммо барои аз ин

*Дилором бошад зани некхоҳ,*
*Валекин аз зани бад, Худоё, паноҳ! Саъдӣ*



укёнуси андешаҳо косаи обе бардошта пеши шумо гузоштан, мекӯшам чанд иқтибосе оварам, ки ҳамзамон баёнгари як лаҳзаи талхе аз сарнавишти ҳузангези миллати тоҷик низ мебошад. Ҷилди 71 уми осори ӯро кушода дар фасли аввал, унвонии "Побараҳнагии бачагӣ", ё Ностальгия (Сина пурдоғи ёдкардҳо) хотираи кӯдакии бемодариро хондам ва ғами писари модармурдаву ранҷи номеҳрубониҳои модарандарро дар хаёл чашида, ин ҳамаро ба синаи ғампарвари худ ҷой додам. Гумон мекунам ҳама модарандарони тоҷик дар номеҳрубониҳояшон нисбат ба фарзандони шавҳар ҳамсон буданд. Муаллиф бо як ҷаҳон синаи доғ кӯдакии худро тасвир карда мегӯяд: "Хотираҳои аз ҳама ваҳшатбори кӯдакии ман - ин эҳсоси гуруснагӣ буд, ки маро дар саросари кӯдакиам шабу рӯз таъқиб мекард ва ман гаҳ - гоҳе як камаке онро дар оғуши табиат хомуш мекардам. Он душман - душмани асосии ман буд, ки боре шабҳангом ягона мавҷуди азизи маро - додаракамро рабуд.

Ҷанг оғоз шуд - падар ба ҷанг рафт ва ман бо додарам дар пеши гуруснагӣ ва модарнадар танҳои танҳо мондем. Шабҳои сард мо ба сони ду гурбаяк мекӯшидем дар миёне кадом латтапораҳои фарсудаи рӯйи замин партофта, худро гарм кунем. Додараки ҳамеша хомушу барояш нозҳои тифлӣ бегонааки ман, якбора бо овозаки сусту гирифта, ба зорӣ даромад: "Акаҷон, нон. Нон мегӯм, нонам бите!". Хостам оромаш созам: - "Додарҷон, хоб бирав, саҳар ки шуд ману ту рафта аз ягон кас нон металбем. Ягон пора нонамон медиҳанд ва ту онро мехӯрӣ. Хоб рав, додарҷон"!

Додаракам ба хоб рафт, ба хоби ҳамешагӣ рафт, ягонаи ман, риштаи пайвандгари ягонаи бо модари ҳаргиз надидаву гумномам. То имрӯз ман қабрҳои онҳоро дар гӯристонҳои Кӯлоб ҷустуҷӯ дорам".

Сатрҳои болоро аз забони русӣ баргардондаам ва гумон мекунам ман натавонистаам кӯҳи ғами баён намудаи Ҳошим Гадоро ба шеваи худи ӯ бозгӯ кунам. Чун ки навиштаҳои ӯ сӯзон буданд ва натавонистам он сатрҳоро бе чашми тар тарҷума кунам. Офарандаи он сатрҳо як нависандаи оддӣ набуд. Он сатрҳо аз қалами шахсияте берун омада буданд, ки фоҷеаи зиндагии инсонҳоро аз пайкари худ гузаронда, тавоноии бозтоби дарди ҷонкоҳро дорад. Пас аз хондани ин сатрҳо каме пай бурдам, ки истеъдоди бозтобсозии фоҷеаи инсонҳои дар Юнони бостон ба тасвир расида ва дирӯзиёну ҳамзамонон дар рагу пайкари Ҳошим Гадо аз куҷо сарчашма гирифтааст.

Ихтироъи театрро аз тарафи аврупоиён (юнониҳо) ман ҳамсони ихтироъи неруи барқ медонам. Театр дар Юнони бостон дар замони фаротаърихӣ (ҳанӯз 5000 сол пеш) пайдо шуда буд ва бо бунёди жанри фоҷеа, бар пояи офаридаҳои устуравӣ, ин санъати ҷаҳонгир шукуфт, густариш пайдо кард. Фоҷеаи юнониён ба инсонҳо бовар кардан ба нерӯи худ, бузургии руҳияи хастанопазирии одамонро вогӯ мекунад. Маҳз дар фоҷеа мавзӯи асосии фарҳанги Юнони бостон бо як нерумандии хосса бозтоб гардидааст - мавзӯи муқовимати қаҳрамононаи инсон бо нерӯҳои бадкори ҷаҳони носозгор. Берун баровардани нолаҳои рӯҳ дар миёни бедодиҳои рӯзгорон, ки бештари онҳоро одамон худ ба миён меоваранд.

Чаро Ҳошим Гадо сарнавишти хешро ҳамсони сарнавишти фоҷеабори шоҳ Эдип мегуморад? Ин китобдӯсти бузург ба ҳангоми хондани асарҳои нобиғаҳо, на танҳо даст ба тору пуди андешаҳои муаллифон бурда, онҳоро дастмол кардааст, балки овози қаҳрамонони офаридаи масалан Софокл Еврипид ва Шекспирро аз фаросӯи садсолаҳо шунавидааст. Дар ҷилди 50 - ӯми асарҳои худ ба пурсиши боло посух додааст, ки "пас аз андешарониҳои бепоён, ба ин нукта даррфтааст, ки "Шоҳ Эдип" - и Софокл пеш аз ҳама намоёнгари ҳикматест ба сони ҳар гуноҳеро кайфаре дар пеш аст ва шӯрбахтиву фоҷеа оне мебошад, ки кайфари гуноҳи падари гунаҳкорро писари бегуноҳ мегардонад".

Ҳошим Гадо худаш мегӯяд, ки сарнавишти Эдип ва низ Ҳамлет дар тамоми зинадгиаш ӯро пайгирӣ мекунанд. Ба вижа сарнавишти ваҳшатангезу фоҷеабори Эдип ҳар сония ҳамчун ноқус (зангула) ба гӯшҳояш танин мефиристад.

Инҷониб дар ин ҳолати рӯҳӣ, дар ин дарёфти Ҳошим Гадо густурдагии хаёли беҳамтояшро пай бурдаам, ки шояд каси дигаре ба он нукта аҳамияти шоиста надода бошад. Нукта ин ҷост, ки инсонҳо дар ҷараёни худнигарӣ ҳанӯз дар садсолаҳои фаротаърихӣ натиҷагирӣ карда будаанд, ки фоҷеаҳо ғолибан аз сарчашмаи нафс сар мезананд. Барои равшантар шудани мавзӯи фоҷеаи Эдип зарур дониста мешавад, ки фишурдаи ин фоҷеаро пеши рӯ оварам. (Чуноне аз мундариҷаи ин фоҷеа огоҳем, шоҳ Эдип худ гуноҳе надошт, гунаҳкор падараш Лай буд, ки дар меҳмонии шоҳ Пелопс, нону намаки ӯро хӯрда, бо нияти нопок дил ба писари зебояш мебандад. Лай писари шоҳро дуздида бо худ мебарад ва ба пиндори устурашиносон ин нахустин гуноҳе буд дар ҷаҳон бар пояи меҳри нопок. Агар Лай нону намаки шоҳро хӯрда даст ба он гуноҳи кареҳ намебурд, он силсилафоҷеаҳо сар намезаданд. Аммо решаи гуноҳҳо фаротар аз рабудани писари навҷавони шоҳ буд. Навҷавон бори бенангиву бешармиро бардошта натавониста худкушӣ мекунад. Аммо гуноҳи аз ин ҳам сангин пештар рӯй дода буд. Пелоп аз ин бадкирдориҳои меҳмони бехудояш ба Лай нафрин хонда дуои талхе мехонад, ки ӯ ҳаргиз писардор нашавад ва агар ҳам писардор шуд, бигзор бо дасти писари худ ҳалок шавад. Бад - ин тартиб гардунаи гунаҳкориҳо дар замонҳо ба чархиш медарояд. Лай пас аз гунаҳкории фаҷеҳи худ душизаи зебоеро бо номи Иокаста ба занӣ гирифта, писардор мешавад. Лай чун пай бурд, ки бо дасти писари худ кушта мешавад, амр мекунад пойҳои Эдипи навзодро сӯрох карда ба чӯпон бисупоранд, то дар биёбон бимирад. Чун дили чӯпон ба навзод месӯзад, ӯро ба чӯпони дигаре медиҳад ва дар навбати худ кӯдакро чӯпони дуввум ба шоҳ Пелопи бефарзанд месупорад. Эдип ҳамчун шоҳзода ба воя мерасад ва дар яке аз нишастҳои дарборӣ, ашрофзодаи ҷавоне аз рафтори ҳавобаландонаи ӯ дар ғазаб бо тамасхур ишора мекунад, ки шоҳзода фарзанди асили шоҳ нест. Эдип бо огаҳӣ аз фарзанди нотании шоҳ будан, шикастадил дарборро тарк карда ба сайру гашти кишвар мепардозад. Дар чорроҳе бо марду зане бармехӯрад, ки бо аробаи вайрон интизори ёрӣ буданд. Эдип ба мард дарафтода ӯро мекушад ва зану силоҳашро азхуд мекунад. Пас аз чанд сол он зан - Иокаста бо ваҳшат пай мебарад, ки Эдип писари падаркуши ӯст, ки модари худашро ба занӣ гирифтааст. Дар он замон Эдип аз модар соҳиби ду духтар гашта буд. Бо гузашти замон Эдип аз паёмади кирдораш бохабар шуда, бо ҳазёну дарду дареғи бепоён ба чашмони хеш ханҷар зада, худро кӯр мекунад.)

Софокли хирадманд ҳанӯз ду ҳазор сол пеш, ин модари норасоиҳои инсонҳоро дар чаҳорчӯбаи асари драмавӣ ҷой дода бозтоб намудааст, ки худоён (худоҳои юнониён) гуноҳҳои аз нафс сар задаро набахшида, кайфари онҳоро ваҳшатбор таъин кардаанд. Ҳамин аст, ки садсолаҳо пас аз Софокл паямбарони динҳои гуногун, ҳангоми баёни паёми Худованд, чӣ аз роҳи Таврот, чӣ аз роҳи Инҷил ва ё Қуръону Авасто, мубориза бо нафсро дар ҷойи намоёни худошиносӣ гузоштаанд.

Ин дарёфтҳои баланди Софокл дар "Шоҳнома" - и ҷовидонии Ҳаким Фирдавсӣ, Маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, фоҷеасароиҳои Шекспир ва офаридаҳои бузургони ҷаҳон ҷойгоҳи вижае дорад. Ман ба зиндагии шахсии Ҳошим Гадо ошно нестам, аммо аз шунидаҳо натиҷагирӣ кардаам, ки дар паҳлӯйи чунин шахсияти офтобсон қарор гирифтан ба як инсони оддӣ муяссар нахоҳад буд. Аз овозхони овозаманде шунидам, ки ба ӯ гуфтааст "ту дар маъракаҳо таронахонӣ мекунӣ, пулат медиҳанд. Ба ман якчанд сӯм бидеҳ!....". Дар яке аз асарҳояш хондаам, ки таку танҳо дар як хонаи якутоқа умр ба сар мебарад. Тасаввур мекунед, ки ин ҳама аз шикастанафсии Ҳошим Гадо гувоҳӣ медиҳад, на аз баднафсии ӯ. Охир агар мехост ӯ ба сони овозхононе, ки дар базмҳо ҳунари худро ба фурӯш мегузоранд, бо як суханрониҳои кутоҳ, чеҳранамоии афсонавӣ, метавонист сармоя гирд оварад ва хонаву ҳавлии чандошёнаву автомобили гаронарзишро соҳиб бошад.

## КИТОБФУРӮШИИ ҲОШИМ ГАДО

Боре дар пойтахт меҳмон будам, ки гуфтандам Ҳошим Гадо дар хиёбони Рӯдакӣ ба китобфурӯшӣ машғул аст. Шитобидам то бубинам, ки чӣ гуна ин офаридгори манишу кунишу чеҳраи инсонҳо, ранҷҳои рӯйи коғаз овардаашро ба харидорон пешкаш мекунад. Намедонам ин бузургвор огоҳона хиёбони назди бинои бонки миллиро ҷойи китобфурӯшии хеш қарор дода буд ва ё тасодуфан, аммо рамзеро дар он пай бурдам, ки наметавонам онро бозгӯ накунам. Равшан аст, ки хазинаи давлат дар ин ниҳоди муҳими давлатӣ ҷой дорад. Ҳар рӯз ҳазорон нафар аз назди он убуру мурур доранд. Пиндоштам, ки корафтодагони бонк касоне бо телефон, касони дигар дар гуфтугӯи рӯбарӯ бо ходимони бонк дар вурӯдгоҳи бино аз харҷу варҷи миллионҳо сомониву доллар сухан мегӯянд, аммо касе ба як нафар китобфурӯши бедукон, ки дар паҳлӯяш марди зебои сарсафед бо қомати баланд, нобиғаи замон Ҳошим Гадо низ бастаи китобҳои худро паҳн карда ба фурӯш гузошта буд, нимнигоҳе намекарданд. Баъзеҳо ба чеҳраи шиноси дар филмномаҳо дидаашон нигариста бо лабханд мегузаштанд. Ман ҳанӯз ба пеши он ду китобфурӯш наздик нашуда фаҳмидам, ки дар сари



роҳ ба савдои китоб пардохтани Ҳошим Гадо фаротар аз муомилаи тиҷоратии харидору фурӯшанда буда, дархӯри як ҷаҳон маънӣ мебошад. Дар он лаҳзаҳо маънии "фурӯхтани китоб ва барои рӯзгор сармояе пайдо кардан", комилан ҷой надошт. Дар он ҷо бештар намоишномаи бесухан дар саҳнаи рӯшоди зиндагии мардумон ба тамошо гузошта шуда буд. Ин лаҳза хостам дар саҳнаи офаридаи он бузургвор нақши харидореро бибозам. Китоберо бардошта гуфтам: Муаллим, нархи ин китоб чанд? Гуфт: Чанд мехарӣ? Гуфтам нархи ин китоб аз дусад сомонӣ зиёдтар аст, аммо ман ин қадар пул надорам. Ӯ бо як ҷиддият гуфт: Бигир, бе пул! Роҳравон гуфтам: Не, наметавонам ба меҳнати Шумо беқадрӣ кунам. Пул, ки пайдо кардам, омада мехарам.

Ҳошим Гадо бо садои баланд хост маро аз роҳ боздошта, китобашро бепул бибахшояд: Эй мардак, бигир китобро, пулашро баъд медиҳӣ! Аммо ман дигар ба сӯяш нигоҳ накарда, аз наздаш дур шудам. Ҳунарпешаи нотакрор, ифодагари ранҷу азобҳои камаршикани рӯҳии Ҳамлет, Эдип, шоҳ Лир, бо сари сафед, дар сари роҳ рӯйи поҳои афсурда истода китоб мефурӯхт, вале харидореро наметавонист пайдо кунад ва он ҳам китобҳоеро ки зиндагии мардумашро ҳикоят кардааст. Дар он самти хиёбон бинои Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ҷой дорад, бо садҳо курсиҳои холӣ дар интизори харидорони ҳунари ҷаҳонгири оҳангсозоне чун Вивалди, Мотсарт, Бетҳовен, Вагнер, Штраус, Чайковский .....

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чӣ талошҳое намекунанд, то ин мардум рӯ ба китоб оваранд, зеро ин шахсияти миллатсоз ба сони Виктор Ҳиюгои нобиға медонанд, ки барои нест кардани миллат шарт нест тамоми китобҳояшро сӯзонд, басанда аст кореро анҷом бидиҳӣ, то миллат аз китобхонӣ даст бикашад. Ҳамин аст, ки дар баробари ба роҳ андохтани як силсила тадбирҳо, аз ҷумла бунёди бинои китобхонаи бузург дар паҳлӯи майдони марказии пойтахт, имсол Амре тадвин намудааст дар мавриди доир намудани озмунҳо ва ба ҷоизаҳои калон шоиста донистани беҳтарин зеҳнҳои китобпараст.

Дар пиромуни китоб суханронӣ карда наметавонам фарҷоми китобпарастии адиби фарҳехтаи Эрон Оқо Бузург Алавиро, ки ду даҳсола пеш дар Олмон даргузашт, бозгӯ накунам. Бузург Алавӣ дар Олмон мезист ва занаш олмонӣ буд. Дар моҳҳои ахири умр, рӯзе ба хонааш бозгашта мебинад, ки хонум ҳама китобҳояшро фурӯхтааст. Дар китобхонааш ҳазорон нусха аз китобҳои нодиреро бо забонҳои форсӣ, арабӣ, англисӣ ва олмонӣ гирд оварда буд. Бузург Алавӣ даст рӯйи сина гузошта, рӯйи кат мехобад ва дигар аз бистар боло нашуда, ҳафтае пас ҷон медиҳад. Ин зани беш аз 20 сол ҳамбистараш буда, нашинохт, ки бо чӣ касе ҳамхона аст. Бо ёдоварии лаҳзаи вопасини умри Бузург Алавӣ гуфтаниам, ки сарнавишти бисёре аз нобиғаҳо ҳамmonанд аст ; ғолибан дар пайдо кардани ҳамраҳони ҳамандеша, ба вижа зану фарзанди андешавар ва нозбардори шахсияти фидоии касби худ, бенасибанд. Касе, ки ба танҳоии Ҳошим Гадо лабханд мезанад, ҳатман аз фурӯмоягони андакхонда аст. Ин гурӯҳ одамони нуктагир аз худсӯхтанҳои суханофарон бехабаранд. Ҳаргиз дарнахоҳанд рафт аз чӣ буд , ки Саъдӣ умрро бе оилаву фарзанд гузаронд, Ван Гог, ки имрӯз як асари офаридааш чанд миллион доллар фурӯхта мешавад, фарзанду хонаву дар надошт. Ранҷи Ҳошим Гадо аз кори рӯзмарра дар паҳлӯи андакхондагон, беморони марази рашк, худбузургбиноне, ки сурату симову пайкару қоматашон барои бозтоб намудани қаҳрамонони мусбати осори адибон рост намеояд, сарчашма дорад. Барои ҳамин ҳам ӯ худро дар асарҳояш "чӯҷаи бадсурати мурғобӣ" (гадкий утёнок), номидааст. Дар нигар дорад ҳамон чӯҷаеро ки аз тухми мурғобии зери пари мурғ ба дунё омада, дар тафовут бо ҳамзодагони хеш, дар оби ҷӯй ба шино медарояд.

## ҲОШИМ ГАДО ОМӮЗГОРИ ФАРҲАНГИ АВРУПО

Ҷойи дудилагӣ нест, ки агар Ҳаким Фирдавсӣ дар замони мо зиндагӣ мекард, бечунучаро шоиста ба ҷоизаи байналмилалии Нобел дониста мешуд, дастандаркорон номи ӯро дар рӯйхати рекордҳои Гиннес сабт мекарданд. Ҷуз Фирдавсии беҳамто каси дигаре 35 соли умри хешро ба офариниши саргузашти ҳамватанонаш дар 60 ҳазор байти заррин набахшидааст. Бояд ба худфидоиву худсӯзии Ҳошим Гадо низ қоил шуд, ки шабу рӯзҳои душвори даврони солхӯрдагии худро бидуни камтарин тамаъ, қурбони фарҳангӣ сохтани миллаташ кардааст. Куҷоянд дастандаркорони ҷоизаи Нобел ва рекордҳои Гиннес?! Бигӯянд, кадом актёри кадом мамлакат афзун ба офариниши нақшҳои бузурги саҳнавиву синамоӣ, ба таблиғи фарҳанг, омӯзондани осори нобиғаҳои ҷаҳон, 260 ҷилд китоб офаридааст? Мебояд донист, ки китобҳои Ҳошим Гадо рӯнависи осори классикон намебошанд. 260 ҷилд китоби ӯ энсиклопедияи офаридаҳои адабиёти асотирии Юнон ва Рими бостон мебошад. Бо омӯзиши ин китобҳо донишхоҳон на танҳо бо қаҳрамонони офаридаи ӯ чун Ҳамлет, Отелло, Шоҳ Лир, Эдип, Одиссей ошно мешаванд, балки ба намодҳои асотирие, ки бо номашон дарёҳо, уқёнусҳо, ситораву сайёраҳо, шаҳрҳову кишварҳо, қитъаҳову қораҳо унвонгузорӣ шудаанд, ба монанди Европа, Америка, Арктика, Антарктика, Амур, Океан, Атлант, Титан, Юпитер, Сатурн, Уран, Нептун, Плутон, Олимпиада, Минотавр, Феникс, Сфинкс, Кентавр, Дионис, Гера, Вакха ва даҳҳо гидронимҳо, ҷойномҳо, ошно мешаванд.

Асарҳои ӯ тақризи олимонае ба офаридаҳои адабиёти Юнон ва Рими бостон ва низ шоҳкориҳои драмнависони Аврупо мебошанд. Гумон ба яқин аст, ки дар ҷаҳон мунаққиди театршиноси дигареро (литературный критик) наметавон пайдо кард, ки дар баробари нақди адабии осори классикони адабиёти Юнону Рими бостон ва Аврупои асрҳои миёна, ҳунари бозтоби намодҳоро (образҳоро) аз тарафи актёрҳои дар ҷаҳон машҳур, ба монанди Ҳошим Гадо, мавриди таҳлили жарф қарор гирифта бошад. Асарҳои ӯро боясти алифбои мактаби равшанандешӣ гуморид, василаи пурзӯри тарбияи зеҳниву рӯҳӣ, ба воя расонидани андешапешагон - интеллектуалҳо, донандагони фарҳанги ҷаҳонӣ донист. Ҳама эҷодкорони барҷастаи ҷаҳон, аз ҷумла Аврупову Русия аз устураҳои Юнон ва Рими бостон маънӣ бардошта, дар жанрҳои гуногун асар офаридаанд: наққошони нигораҳо, суратгарони асарҳои тасвирӣ, пайкартарошон, оҳангсозон, операофарон, балетофарон, чеҳранигорон, меъморон дар офариниши биноҳо, поркҳову боғҳо, шоирону суханварон, синамогарон, забоншиносон, адабиётшиносон. Дар Аврупо ва Русия сатҳи босаводиву хушзеҳнӣ ва ботарбия будани одамонро бо ченаки андӯхтаҳояшон аз асарҳои адабиёти Юнон ва Рими бостон варандоз мекунанд.

Даҳҳо ибораҳои рехта ва ташбеҳу истиораҳои адабиёти ҷаҳонӣ ишора ба достонҳои Юнони бостон ва Рими бостон доранд. Чунончи дар гуфтор бо забонҳои русӣ, англисӣ ва фаронсавиву олмонӣ ибораҳое чун "Домоклов меч" (Шамшери Домокл), "Яблоко раздора" (Себи даъво), "Сизифов труд" (Заҳматҳои Сизиф), "Ахиллесова пята" (Пошнаи Ахиллес), "Троянский конь" (Аспи Троягӣ) ва монанди онро сухангустарон ба таври фаровон ба кор мебаранд ва дар сурати надонистани мундариҷаи достонҳои асотирӣ, кас дар пеши гӯянда лол хоҳад монд. Гузашта аз ин шахси ноогоҳи достонҳои асотирӣ, дар назди дигарон камсаводу андакхондаву омӣ намоён хоҳад гашт.

*Идомааш дар саҳ. 6-7*

*Барои ишқи ту аз дигарон бибридаму шодам,*
*Дилатро меканам аз сина, гар бо дигарат бинам! Лоиқ*



# КИСТ ҲОШИМ ГАДО?

Ҳамчунон аз роҳи омӯзиши асарҳои ӯ дар баробари шинохти осори Ҳомеру Софокл, Еврипиду Эсхил, Шекспир ва дигар саромадони адабиёти куҳани Аврупо, донишхоҳон метавонанд ба офаридаҳои нобиғаҳое чун Лааконе, Ренуар, Эл Греко, Титсиан ва даҳҳо суратгарону тандисгарони беҳмто ошноӣ пайдо кунанд.

Дар бораи шеваи нигориш ва маҳорати баёни Ҳошим Гадо дар асарҳои офаридааш бояд бигӯям, ки банда дар дарозои зиндагии хеш китобҳои бешумореро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, форсӣ (бо хати форсӣ - чопҳои куҳан ва имрӯз), хондаам, вале нигоштаҳои муаллиферо, ки чун Ҳошим Гадо тамоми сарвати бебаҳои зеҳнии худ, асрори маҳрамонаи хешро аз дили соф берун баровarда ба хонандагон туҳфа карда бошад, нахондаам. Ҳошим Гадо дар навишторҳои худ гавҳари андешаҳои хешро ба хонанда бахшидааст, беҳтарин гулҳои чидаи худро ба андешаварон ба подош додааст.

**ҲОШИМ ГАДО ВА ФИРДАВСӢ**

Ҳошим Гадо намоишномаи "Эдип" - ро пас аз сар задани ҷанги байнихудии тоҷикон дар саҳнаҳои театрии Москва ба намоиш гузошт. Гӯё бо намоиши ин асари бузурги адабиёти Юнони бостон нишон доданӣ буд, ки бубинед, мо миллати фарҳанговар мебошем ва ин ҷанги бемаъниву нангин берун аз иродаи мо - тасодуфан рух додааст. Ҳамчунон ӯ мехост таъкид намояд, ки агар ҳама мардумон намоишномаҳои ӯро, ба вижа "Эдип" - ро тамошо мекарданд, ин ҷанг рух намедод. Ва дуруст мегӯяд, ки сар задани ҷангҳо, хиёнатҳо, захмҳои иҷтимоии ҷомеа паёмади вуҷуд надоштани маънавиёт мебошад.

Гаҳе ба ҳангоми тамошои филмномаи "Рустам ва Суҳроб" пиндоре пеши рӯям меояд, ки коргардони бузурги мо Борис Кимёгаров мебоист сабр мекард, то Ҳошим Гадо ба сини 55 - 60 мерасид ва он замон нақши Рустамро ба ӯ медод. Ҳангоми офариниши нақши Суҳроб, бо вуҷуди ҳунари беҳамтои ӯ, ман як норизоиятро дар чеҳрааш пай мебурдам. Гумон мекардам ӯ дар навиштори филмноманавис норасоиҳоеро пай мебурд.

Дар шоҳкори беҳамтои ҷаҳон "Шоҳнома", Ҳаким Фирдавсӣ фоҷеаро дар намоди Рустам нишон додааст, на Суҳроб. Суҳроб ҷавону зебову қаҳрамон буд, вале бо марги ӯ фоҷеа ба поён мерасад. Аммо фоҷеаро Фирдавсӣ дар симои Рустам намоён кардааст. Писаркушӣ барои чӣ? Танҳо ба сабаби нашинохтани писар? Ин пиндори казоӣ, ки писаркушиву падаркушиҳо аз нашинохтани ҳамдигар рух медиҳанд, адабиёти ҷаҳониро пур кардаанд ва на он қадар чашмгиранд. Дар "Шоҳнома" фоҷеа дар ҳолати дигар ҷой дорад. Суҳроб писари Рустам аст, вале ҳамзамон душмани ғаддори ӯст. Ӯ душмани шахсияти Рустам нест. Суҳроб барои забт кардани Ватани ӯ омадааст, на барои суроғи падар. Суҳроб на танҳо дар пайи куштани шоҳаншоҳи Меҳани ӯ Кайковус буд, балки барои нест кардани сипаҳбадони ватанпарасти ӯ Тусу Геву Гударз, Гургину Густаҳму Баҳром омадааст. Ин ҷавони аз Турон бо лашкари бераҳм ба марзҳои Эрон ҳамлавар, нияташро бо овози баланд, гуфтааст:

***Барангезам аз гоҳ Ковусро,***
***Зи Эрон бибуррам пайи Тусро.***
***На Гургин бимонам, на Гударзу Гев,***
***На Густаҳми Нузар, на Баҳроми нев!***

Рустам ба душмане, ки ҷавону зебост ва аз пайкараш бӯйи фарзанд меояд, вале бо силоҳ барои вайрон кардани Ватан омадааст, наметавонад гузашт кунад. Дар ин ҷо падару писарӣ дар паспардаи ин фоҷеа қарор дорад. Аммо барои бознамоёндани чеҳраи Рустам, агар режиссёр Абулқосим Фирдавсӣ мебуд, танҳо Ҳошим Гадоро мепазируфт. Дар байни ҳама ҳунарпешагони нақшҳои мардонро бозтоб намуда, танҳо Ҳошим Гадо метавонист наъраи Рустамро бо сухани Фирдавсӣ фарёд кашад:

***Ки Рустам манам к - ам мамонод ном,***
***Нишинод бар мотамам пури Сом!***

Ва ба ҳангоми наъра кашидан ва бар асари фарёди Рустам мебоист аз кӯҳҳо харсангҳо кафида, сарозер мешуданд.

Бубинед чӣ қадар оҳ аст дар ин байт, зеро овои "О" дар ҳафт вожа шаш бор омадааст. Ва ин байтро намешавад бо русӣ ва ё забони дигаре баргардон кард. Театршиноси москавӣ, Никита Сичкин гуфтааст, ки дар бознамоёндани фоҷеа садо низ нақши асосӣ дорад. Ба пиндори ман филмноманависи рус Колтунов ба якчанд паҳлӯҳои фоҷеасароии Ҳаким Фирдавсӣ дарнарафтааст. Агар ӯ мехост фоҷеаи Рустами Дастонро чун Фирдавсӣ бознамоён созад, мебоист бо "Шоҳномашинос" и нуктасанҷе ҳамкорӣ мекард, то ки пас аз омӯзиши ҳар сатри лаҳзаҳои сӯзони достони "Рустам ва Суҳроб", коргардонро ба бозтоби нуктаҳои борики фоҷеаи Рустам вомедошт. Ба вижа он лаҳзаҳоеро, ки Рустам пас аз куштани Суҳроб, ханҷар аз ниём бароварда, ба нишони сӯгворӣ ёлу думи аспи ӯро мебурад, ба зону зада, суми аспи Сӯҳробро мебӯсад. Дасту остин барзада, бо чашмони пурашк, тахтаи тобути фарзанд метарошад. Ҳангоме ки ба Зобулистон меояд, ба пешвозаш, мӯйпарешону рӯйканон, пойи лучу лаб пур аз фиғон Рӯдоба - модари Рустам, модаркалони Суҳроб мешитобад, на Таҳмина. Таҳмина бо шунидани хабари марги писар дилкаф шуда, ҷон медиҳад. Рустам пайкари беҷони писарро рӯйи найзаҳо (ки расму ойини бошарафонаи ҳамлу нақли пайкари беҷони гурдону диловарсарон буд), пеши пойи падараш Золи Дастон гузошта, бо оҳ мегӯяд: "Бубин, дар тобут падарат Сом хобидааст". Яъне падари Зол ва падарбузурги Рустам, Соми Наримон, ки Суҳроб гӯё такрори чеҳраву пайкари ӯ будааст.



Аз ҷониби дигар набояд аз дида дур дошт, ки ҳадафи офариниши "Шоҳнома" нигаҳдошти забони тоҷикӣ - форсӣ ва ҳуввияти миллии эронитаборӣ буд. Тамоми дардҳои Фирдавсӣ аз дарди вайрон шудани Ватан сар зада, баёни ин дарди бо колорити (рангомезии) забони дарӣ офаридаро наметавон бо забони дигар, ҳатто бо забони бузурги русӣ ба таври боиста бозгӯ кард.

**ҲОШИМ ГАДО ДАСТАТ МАРЕЗОД!**

Дар инҷо мебояд гуфт, ки ҳаргиз намехоҳам моро миллатгаро ва худбузургбин бигуморанд, вале ёдоварии ин нукта баҷост, ки дар паёмади мавҷҳои пай дар пайи ҳамлаварони бодиянишин, тоҷикон симои тоҷиконаи ориёии худро каме аз даст додаанд. Гарчи бар асари чирамандии арабҳои сиёҳҷурда ва туркону муғулони зардпӯст ба зодбуми пешини мо ва даромехтани онҳо бо ниёкони ориёинажодамон, вижагиҳои антропологии тоҷикон каме дигаргун шуда бошанд ҳам, мо ҳамеша ба чеҳраи тоҷиконаи зебо, қомати баландбоило бо нигоҳи вижа менигарем. Мо дар ҷавонӣ бисёр ғам мехӯрдем, ки бо тамошои филмҳои истеҳсоли "Тоҷикфилм", аксҳои маҷаллаву рӯзномаҳо, нотоҷикон, ба вижа аврупоиён гумон мебаранд, ки миллати тоҷик аз нажоди зардпӯстон, ҳамтоёни дигари варорӯдиҳои имрӯзин мебошанд. Ва ин дуруст аст, зеро яке аз нишони ҳуввияти нажодии миллатҳо, симои зоҳириашон мебошад. Чуноне дар дастурномаи кишвари Русия оид ба посбонҳои фахрӣ ба таъкид оварда шудааст, ки симои низомиёни фахрӣ бояд ҳатман славянӣ бошанд.

Аммо рӯзе, ки овои мардона, чеҳраи ҷиддӣ, чашмони тоҷикона, қомати баланди Ҳошим Гадоро аз саҳнаи театри ба номи Лоҳутӣ дидем, умеде диламонро фарогир шуд, ки ин шахсият метавонад симои шоистаи тоҷикро ба мардумони ҷаҳон намоён созад.

Акнун, пас аз сипари гаштани солиёни дароз, хондани сатрҳои шикваомези дар баъзе саҳифаҳои китобҳояш, ба ёд овардам, ки Ҳошим Гадо аз роҳи офариниши намоди афсари фошист, Курт Шумахер, аз рӯйи асари Фотеҳ Ниёзӣ "Купрӯк" (Пул), дар миёни ҷавонони он солҳо овозаманд гашта буд. Ба ростӣ ҳам афсари олмонӣ бо либосҳои ороста, мӯзаҳои ҷилодор, ба истилоҳи ҳунарманди филми "Ҳабдаҳ лаҳзаи баҳор", ки 20 сол пас симову сириштИ Штирлитсро тавсиф мекард, "ориёии асил, маниши нордӣ, рафтору робитаҳои ношоиста надорад" - (истинный ариец, характер нордический, порочных связей не имеет), забони тоҷикиро шеваи олмонӣ бахшида, сарбози ба асорат афтодаи шӯравиро истинтоқ мекард, чеҳраву ҳаракатҳояш на кам аз нақшофаринии актёрҳои Москва ва Ленинград (масалан Николай Тихонов ва Юрий Соломин) буданд.

Мо дар миёни қавмҳои дигари Иттиҳоди Шӯравии собиқ ва намояндагони дигар мардумони ҷаҳон хеле зиндагӣ ва кор кардаем ва ба ростӣ чеҳраи тобандаи як марди ҳақиқӣ, марди ориёии зебо, Ҳошим Гадоев аз саҳнаҳои филмҳо моро дар назди дигарон тавонову ғаюру зебову на кам аз юнониҳои таърифиашон, на кам аз аврупоиҳояшон намоиш медод. Ҷойи пинҳонӣ нест, пас аз дидани офаридаҳои ӯ ман қомати худро баландтар, худро зебову тавоно ҳис мекардам. Ва медидам, ки ноtоҷикони аврупоӣ бо мо акнун бо эҳтиром назар меафкананд, бархе нотоҷикони худбузургбини осиёимиёнаӣ худро дар нисбат ба мо нотавонтар медиданд. Дидаам, ки афғонистоние, ки тоҷик будани худро на он қадар равшан нишон медод, бо ифтихор мегуфт: "Ман ҳам тоҷикам". Дидаам, ки ҳамкори русиам, пас аз тамошои симои босмачӣ дар нақшофаринии Ҳошим Гадо, ба он босмачӣ на бо дидаи таҳқир, балки бо эҳтиром менигарист.

Ҳамин аст сеҳри истеъдод, ҳамин аст намояндаи шоистаи як миллат будан. Ҳамин аст Ҳошим Гадо - эталони чеҳраи як тоҷик, ки зебову тавоност, дар муқобили душман бо синаи фарох бармехезад, аммо бо он пайкари кӯҳи чун Рустами Дастон, дар назди носозгориҳои рӯзгор, фоҷеаҳои одамони ҳазорсолаҳо пеш зиста, гиряҳои ҷонкоҳ аз синаи мармарин берун меовард.

Ҳошим Гадо дар бораи ифтихор доштан аз тоҷик будани худ гуфтаҳои зиёд дорад. Ҳатто ҷилди 206 - ӯми осори худро чунин унвон ҳам гузоштааст: "Я - таджик" (Ман тоҷикам!). Дар ин китоб ӯ якчанд лаҳзаҳои саргузашти ҳунарнамоиҳои худро дар кишварҳои дигар ба ёд овардааст, ки ниҳоят ҳаяҷоновар ва омӯзандаанд. Ҳошим Гадо бо дастаи театри ба номи Лоҳутӣ барои бозтоби нақши Эдип ду бор ба Москва ва Ленинград (ҳоло Санкт - Петербург) даъват шуда буд. Ончуноне муаллиф хеле гӯёву зебо навиштааст "Ягон театри кишвари дигар барои намоиши асарҳои худ ду дафъа даъват нашуда буд, ҷуз театри тоҷик барои бознамоёндани намоишномаи "Эдип". Тамошогарони рус, пас аз анҷом ёфтани намоишнома ба назди ҳунарманди шинохта, ҳоло сарвари Кумитаи радио ва телевизиони мамлакат Пиров Саид омада, аз ӯ мепурсиданд: "Магар бозтобгари намоди шоҳ Эдип тоҷик аст?" Ӯ посух медиҳад: "Бале, тоҷик аст. Ӯ ифтихори халқи тоҷик, Ҳошим Гадоев мебошад!" Ҳама ҳайратзада мешуданд". Ҳошим Гадо бо ифтихор мегӯяд: "Ман 22 сол заҳмат кашидам ва чӣ ранҷҳое набурдам, то ин намоишномаро ба саҳна гузорам. Заҳматҳоям беҳуда набуданд, зеро бо бозтоби нақши Эдип тамоми ҷаҳон донист, халқи тоҷик кист". Ҳамин аст, ки дар таърихи ҳунарнамоиҳои театрӣ ягон ҳунарманд дар зарфи як сол бо фосиали чанд моҳе шоистаи ду унвони олӣ нагашта буд: "Артисти халқии Иттиҳоди Шӯравӣ" ва "Лауреати ҷоизаи давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ".

Ёдоварии лаҳзаи дигаре низ дар ин мавриди зарур дониста мешавад ва он ин аст, ки солҳои 1990 - 1991 ӯ ба Марокко барои иҷрои яке аз нақшҳои асосӣ дар филми муштараки Марокко - Узбекистон даъват шуда буд. Дар ин филмбардорӣ актёрҳои овозаманди Русия, Испания, Италия, Ӯзбекистон ва Марокко иштирок доштанд. Маълумамон гашт, ки ба он филмбардорӣ актёри дар ҷаҳон овозаманди Ҳоливудӣ Умар Шариф низ иштирок доштааст. Аз рӯйи филмнома қаҳрамони асар мебоист аз баландии 20 метри киштӣ, дар даҳон шамшерро дошта, ба баҳр мепарид. Ба Умар Шариф 4 миллион доллар пешниҳод мекунанд, ки ин амалро иҷро кунад. Актёри машҳури ҳоливудӣ, бинобар сабаби душвории амалиёти каскадёрӣ аз масъулон 5 миллион доллар талаб мекунад. Коргардони узбекистонӣ Учқун Назаров ба ҳамтои худ аз Марокко, Суҳайл бинни Барку, ки аз пешниҳоди актёри ҳоливудӣ озурда гашта буд, мегӯяд: "Озурда нашав, ман актёре дорам, ки бо як моаши оддӣ душвортарин амали каскадёриро иҷро хоҳад кард. Ва ман ба дандонҳо шамшерро сахт дошта, аз баландии 20 метр ба мавҷҳои баҳр сарозер шудам. Суҳайл бинни Барку маро ба назди худ хонда гуфт: "Офарин, Гадоев! Сипас пурсид: "Ту аз миллат кистӣ?" Ман бо як ғурури баланд гуфтам: "Ман тоҷикам!" Сипас ӯ чунин бозпурсӣ кард: "Магар чунин миллат ҳаст?" "Ман гуфтам: Бале! Ва яке аз онҳо манам - тоҷик!" Ва ӯ идома дод: "Ту бохабар ҳастӣ, ки бар Умар Шариф ғолиб шудаӣ? Сипас ӯ таърихчаи 5 миллион талабидани Умар Шарифро ҳикоят кард. Ҳамин тавр ман дар назди ҷамъе аз ҳунармандони кишварҳои дигар миллати худро намояндагӣ карда, овозаманд сохтам".

Гаҳе гумон мекунам ҳунарманди овозаманди Ҳоливуд, Арнолд Швартснегер ва ё ҳунармандони дигари ҷаҳонӣ агар нақши Спартакро меофариданд, ҳатто пайкари паҳлавониашон онҳоро чун Спартаки воқеъӣ бознамоёнда наметавонист, зеро дар чеҳраи Ҳошим Гадо чизе ҳаст (шояд ҳолае вуҷуд дошта бошад), ки дигар бозтобкунандагони паҳлавонони асотирӣ аз он бенасибанд. Шояд Швартснегер тавоноии бозтоби пайкари мармарини Спартакро дошта бошад, вале гумон мекунам дар баробари нишон додани неруи хастанопазири ҷисмонӣ, паҳлӯҳои ботингароии ӯро, ранҷу андӯҳашро, нолаҳои рӯҳии ӯро танҳо Ҳошим Гадо метавонист бознамоён созад.

Албатта ба намоиши саҳна гузоштани асарҳои классикони адабиёт ва комёб гаштани дастаи эҷодӣ, на танҳо ҳунари баланди коргардон, истеъдоди фавқулоддаи ҳунармандонро мехоҳад, балки ин ҳама ба тамошогари босалиқа ва доно ниёз дорад. Мо бояд тамошобини тоҷикро тарбия кунем, омода созем. Ақаллан аз миёни 8 миллион тоҷикон, 1 миллион тамошогари театрро ба воя бирасонем. Ҳатман коргардонҳои театрҳои шаҳриву музофотиро дар Москва ва Санкт - Петербург дарс биомӯзонем.

Ҳошим Гадо дар ҷилди 50 - уми китоби худ ("Боль"- "Дард") навиштааст, ки нахустин бор намоди Ҳамлетро дар ГИТИС (Донишкадаи давлатии санъати театрӣ) бознамоён карда буд, ки ҳамчун донишҷӯ аз устодон ва ҳамдарсон баҳои баландеро сазовор гардид. Аммо пас аз дарёфти таҷрибаи басанда, дар саҳнаи театри академӣ - драмавии ба номи Лоҳутӣ тамошогари тоҷик ӯро нафаҳмид: "Дар Тоҷикистон Ҳамлетро нашинохтанд. На мунаққидони театршинос, на тамошогари тоҷик, ки аз осори адабиёти Юнони бостон ноогоҳ буд". Ҳунарманди бузург, шогирди мактаби театрии Москва ҳанӯз дар солҳои 70 - уми садсолаи гузашта, ки тамошогари тоҷик бисёр нодидаҳои худро аз қавмҳои аврупоии ҳамҷаворашон меомӯхтанд, даррафта буд, ки тоҷикон барои фаҳмидани намоди душвори Ҳамлет омода нестанд. Барои тамошогари тоҷик ягон намоишномаи содае, ба сони "Тӯй" - и Самад Ғанӣ, ё "Интихоби домод" - и Ҳоҷӣ Содиқ дилхоҳ буд. Чунин мазҳакаҳоро тамошогари тоҷик ба осонӣ мепазирад ва ба тамошояш меравад. Аммо Ҳамлети ҳошим гадоевӣ барои ӯ нофаҳмо монд. Пеш аз ҳама на танҳо тамошогари тоҷик, балки чуноне худи ӯ мегӯяд "актёрҳои дар ин намоишнома нақшдошта, асари Шекспирро нахонда буданд".

Ман нақши Ҳамлетро пештар дар бозтоби ҳунарманди бузурги рус, Инокентий Смоктуновский дар филми "Ҳамлет" дида будам ва баъдҳо ин намоишномаро дар театри МХАТ тамошо кардам. (Барои билет ба даст овардан москвагиҳои дар Афғонистон ҳамкор, ёрӣ расонида буданд.) Бояд ба тамоми масъулият бигӯям, ки нобиғаи Ҳошим Гадо дар нисбат ба ҳунармандони бузурги Русия, чандин бор боло буд. Ҳошим Гадо, ҳамчун Ҳамлети ҷавон - ташнаи қассос, душмани дурӯягӣ, дурӯғ, макр, аз ҳақириву нотавонии хоинони падараш лаззат мебурд. Дар лабонаш, гуфтораш он қадар тамасхур, ришханд, нешханд ҷой дошт, ки хоинони хонадонаш, кушандагони падараш тоқату бурдбориҳоро аз даст дода, заҳри барои Ҳамлет тайёр кардаи худро мехӯрданд.

Воқеан, беҳтарин ақлҳои аврупоиён - но-

*Ранги шири модарон аз устухони мо нарафт,*
*Сад ҳазорон сол зери хок мемонад сапед.* Сармад



биғаҳои даҳр, ҳазорон ҳунарҳои беҳсозии зиндагии имрӯзаро кашф карда, бо хондани устураҳои Юнони бостон савод омӯхтаанд. Дареғ, ки ин офаридаҳои беҳамто ба забони тоҷикӣ баргардони дуруст нашудаанд.

Мехоҳам пурсишеро ба миён гузорам, ки ин 260 ҷилд китоби Ҳошим Гадо дар зиндагии одамони садсолаи 21 ва оянда чӣ нақше метавонанд дошта бошанд? Оё лозим аст ин асарҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, барои тарбияи насли компютеру тамошогарони аудиову видео пешкаш кард?

Аз нигоҳи ман чун Ҳошим Гадо каси дигаре мавзӯи талош барои инсон шудан, меҳанпарастӣ ва ғурури миллиро бо як эҳсосоти осмонӣ ва самимияти аз жарфнои дил бархоста бозгӯ ва бозтоб накардааст. Ҷилди 106 - уми китоби ӯро (унвонии "Русь") хонда, аз таърихчаи сабти филми муштараки Узбекистон ва Алҷазоир, ки коргардонаш Ғиёс Шермуҳаммадов буд ва аз тамошои он метавон ба саргузашти ҷоннисориҳои мардумони Самарқанду Панҷаканд, огоҳии пуратаре ҳосил кард. Ҳунарманди дар офариниши асарҳояш ҷонро дареғ надошта, рӯзҳоро дар китобхонаи Тошканд мегузаронад, то ки аз сарчашмаҳои қадим барои исботи ҷоннисориҳои тоҷикон дар муқобили истилогарони араб, далелҳои гӯё пайдо кунад. Саҳнаи ҷолибу омӯзанда он аст, ки шоҳи тоҷик (дар нақш Ҳошим Гадо занҷиру завлонапеч, бо сару рӯйи хуншор) ба дасти арабҳои ҳамлавар асир афтода, зери истинтоқ қарор мегирад. Аз ӯ мепурсанд: ""Панҷ вакт намоз мехонӣ? Агар бихонӣ аз марг раҳо хоҳӣ ёфт. Шоҳи тоҷик посух медиҳад: "Розиям, ба шарте, бо забони модариам форсии дарӣ бихонам". Ибни Қутайба сарвари араб ба ӯ мегӯяд: "Ё маргро интихоб кун, ё намозгузориро бо забони арабӣ". Шоҳ мегӯяд: "Ман шоҳи Самарқандам ва маргро интихоб мекунам"! Пас аз қатли ӯ корашро Деваштич давом медиҳад, ки низ бо усули ваҳшатнок ба қатл расонда мешавад; ӯро бо табар ба порча - порчаҳо тақсим мекунанд.

Ҳошим Гадо менависад, ки ба ҳангоми ҷусторҳо дар китобхонаҳои Тошканд, ба ду - се далеле дучор омадам, ки ҳанӯз ҳам аз лавҳи хаёлам берун намешаванд. Котибон ба халифаи араб чунин пайғом фиристодаанд: "Дастони ҷаллодони мо аз каллабурии ин кофирон хаста шудаанд. На ҳама ислом мепазиранд. Мо садҳо ҳазорон сарҳоро аз тан ҷудо кардаем". Дар номаи дигар омадааст: "Ибни Халифи муҳтарам. Мо сад ҳазор духтарону душизагонро ба Шумо фиристодем. Мо сад ҳазор ҷавонону бачагонро фиристодем. Оё онҳо расиданд, ё на? Калонсолонро ба дор меовезем, сар мебуррем, дар оташ месӯзонем".

Ҳамин дарёфтаи Ҳошим Гадо худ дорои арзиши баланде мебошад, барои худнигарӣ ва ғурури миллии тоҷикон, дар рӯзгори мо ки неруҳое талош доранд ифротгароии диниро бар арзишҳои ватанхоҳӣ тарҷеҳ бидиҳанд.

Пеш аз анҷоми ин навиштори худ мехоҳам ин воқеъиятро ёдовар шавам, ки хоҳ нохоҳ як идда арзишҳои неки романтикӣ, одамгароӣ, инсонпарастӣ дар саросари ҷаҳон тираву хира шудаанд ва набояд аз ин миллате, ки пас аз шикастҳои маргбори солҳои 90 - ӯм дар пайи бозёбии гузаштаи худ, бозсозии кишвар ва бозбинии иштибоҳоти хеш мебошад, озурда буд.

Воқеан, шоири эронӣ Аҳмад Азизӣ рӯзгори имрӯзро "асри сурбозиншуда" хондааст, зеро бисёриҳо гумон мекунанд, ки пешрафти технологияи навин, сатҳи баланди тиҷорат ҷойи андешагароии эҳсосотиро пур мекунанд:

***Вой, бар ин асри сурбозин шуда,***
***Вой, бар ин мардуми нафрин шуда.***
***Рӯҳи инсон дар тиҷорат мурдааст,***
***Ишқ дар ҳоли асорат мурдааст.***

Чунин пиндор нодурст аст ва шояд ба ҳамин иллат дар як идда мамлакатҳо холигоҳи фарҳангии пайдошударо дар заминаи дин, унсурҳои худхоҳу бемеҳру шафқат, берӯҳу фарҳанггурез пур мекунанд. Кор то дараҷае расидааст, ки инсонҳо фоҷеаро ба таври шоиста дарк намекунанд; на танҳо фоҷеаи одамони ҳазорсола пешро, балки фоҷеаи дар хонадони ҳамсояи худ, дар хонаи хеш рух додаро ҳамчун паёмади тақдир, таваккул сарсарӣ мебинанд. (Ба сони кишвари Афғонистон, ки дигар акнун дар марги наздикони худ, на занон шеване мекунанд ва на мардон ашк мерезанд.)

Мо бо сайри гузарои худ дар гулистони эҷодиёти Ҳошим Гадо чунин бардошт дорем, ки имрӯз дар тарбияи меҳанпарастӣ, зебоипарастӣ, ва бисёр паҳлӯҳои дигари ба воя расонидани инсони комил офаридаҳои ин Титани андешаҳо ниҳоят заруранд.

Ва ягон сатри навиштаҳои Шумо Ҳошим Гадои азиз, беҳуда набуданду бар ҳадар нахоҳанд рафт!

# ЁДЕ АЗ МАЪРУФИ РАҶАБӢ

***Бо пешниҳоди мо рӯзномаи "Анвори дониш" аз 30-юми марти 2019 порчаеро аз эссеи Маъруфи Раҷабӣ бо унвони "Сӯҳбате бо аҳли зиё" ба мутолиаи донишҷӯён ба чоп расонида буд. Дар он пешниҳод мо ба муносибати шогирдонаи Маъруф Раҷабӣ бо донишманди зуфнун Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ ишорае дорем. Акнун ба мо муяссар гардид, ки мақолаи ёддоштии муаллим Шакуриро, ки бо унвони "Ёде аз Маъруфи Раҷабӣ" дар рӯзномаи "Минбари халқ" ба сабаби 50 - солагии Маъруф Раҷабӣ ба чоп расидааст, пайдо намоем. Мо он мақоларо бо камоли эҳтиром ба мутолиаи донишҷӯёни азиз пешниҳод менамоем. Умеди мо бар он аст, ки ин мақола ҳиссаи муҳими Маъруф Раҷабиро дар таҷдиди назар ба илми танқид ва адабиётшиносӣ ошкор месозад.***

*Муҳаммадҷон Шакурии Бухорӣ*

Дар бораи дӯсти азиз, ки дар ҷавонӣ, дар синни чилу шаш ҷаҳонро падруд гуфта бошад, сухан рондан душвор аст. Ӯ дили моро доғ гузошту рафт ва ин доғ ҳанӯз сӯзиш дорад. Ва намегузорад, ки дар панҷоҳумин зодрӯзаш чизе муносиби ҳоли ӯ бигӯем.

Маъруфи Раҷабӣ дастпарварди мактаби адабиётшиносии Пажӯҳишгоҳи Рӯдакӣ буд. Ҳамин ки Донишкадаи омӯзгории Кӯлобро ба поён расонид, ба Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти Рӯдакӣ омад ва ҳамеша бо мо буд. Давраи аспирантураро дар Донишгоҳи омӯзгории Душанбе гузаронд ва роҳбараш зиндаёд профессор Холиқ Мирзозода буданд. Вале дар солҳои аспирантӣ ҳам Маъруфҷон як по дар Пажуҳишгоҳи Рӯдакӣ дошт. Пас аз аспирантура ба кор омад. Солҳои аспирантӣ, бавижа пас аз он, устухони Маъруфҷон бо ҷӯсторҳои илмии Пажӯҳишгоҳи Рӯдакӣ сахт шуд.

Агарчи пажӯҳиши поэтикаи насри нав аз ҷумлаи душвортарин вазифаҳои илмӣ буд, Маъруфи Раҷабӣ аз нахустин қадамҳо ба ҳамин равия пайваст, ба ҳамин роҳи душвор даромад, равияи илмии Пажӯҳишгоҳи Рӯдакиро пеш гирифт ва ҳамеша бо мо ҳамкорӣ дошт. Ин ҳамкорӣ зуд ба ҳаммаслакӣ гузашт.

Якумин комёбиҳои М. Раҷабӣ дар нақду адабпажуҳишӣ аз китоби ӯ "Тадқиқи таърих - тадқиқи характер" ("Адиб", 1990) намоён аст. Дуввумин китоби ӯ, ки ҳамон сол (1990, "Дониш") бо номи "Насри тоҷикии замони ҷанг. Таҳаввули поэтика. (Душанбе, 1990) ба табъ расид, нахустин қадами калоне дар поэтикашиносии ӯ буд. М. Раҷабӣ дар ин китоб ба насри тоҷикии солҳои ҷанги зидди фашизми Олмон (1941 - 1945) бо биниши тозае нигоҳ карда, ҳарчанд он солҳо дар шароити ҷанг насри тоҷикӣ чандон вусъат наёф ва жанрҳои калон аз ривоҷ монданд, ӯ имкон пайдо кард, ки баъзе хусусиятҳои асосии рушди адабиро падид оварад ва дар бораи насри он давра сухани нав бигӯяд. Мо маводи ин рисола ва консепсияи муаллифи онро барои яке аз ҷилдҳои "Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо" қабул кардем, вале, мутаассуфона, он ҷилд чоп нашуд.

Аз нимаи даҳаи ҳаштодуми садаи бистум бо оғоз ёфтани бозсозӣ (перестройка)- и Горбачёв зарурате пеш омад, ки дар таҳқиқи таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, бавижа дар пажӯҳиши адабиёти садаи бист, аз ҷумла, адабиёти замони Шӯравӣ фаҳмиши тоза, консепсияи наве ба вуҷуд овардан лозим аст. Ошкор гардид, ки назариёти адабиву илмии аҳди шӯравӣ, адабиётшиносии сиёсӣ ва синфӣ, иҷтимоъгароии дурушт, сотсиологизми вулгар дигар ба кор намеояд ва барои пажӯҳиш роҳу равиши тоза бояд пеш гирифт, фаҳмиши тозаи масъалаҳои асосиро пайдо бояд кард. Дар ин бора дар матбуот чанд мақола, аз ҷумла, навиштаҳои банда чоп шуд, дар Пажӯҳишгоҳи Рӯдакӣ конфронсе баргузор гардид ва ҳама ба ин қарор омаданд, ки адабиёти форсии тоҷикии садаи бист, чунончи адабиёти маорифпарварӣ ва эҷоди ҷадидон, осори Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав, Турсунзода, Икромӣ, Раҳимӣ, Ҳаким Карим, Улуғзода ва дигарон аз нав таҳқиқ шавад, арзиши адабӣ ва таърихии онҳо ба диди тозаи даврони истиқлол аз санҷиш гузарад.

Кам-кам маълум шудан гирифт, ки фаҳмиши тоза бо равнақи бадеъиятшиносӣ бо амиқбурди поэтикапажӯҳии жанрҳову сабкҳо ва осори алоҳида, бо таҳқиқи сарнавишти анъанаҳои миллии адабӣ, вижагии гардишҳои нав ва муносибати онҳо бо анъанаҳо, хусусияти миллии навангезиҳои адабӣ ва монанди инҳо шакл хоҳад гирифт. Тафаккури илмиро дигар кардан лозим буд. Ин дигаргунӣ ва равишҳои тозаи пажуҳишӣ бо санҷишу озмоишҳои зиёде муяссар мешаванд ва фурсат мехоҳанд.

Ягона касе аз ҷавонон, ки бо суботкории тамом камари ҳиммат баст, Маъруфи Раҷабӣ буд. Ӯ дар душвортарин солҳои ҷанг, ки барои фаъолияти илмӣ ҳеҷ шароите вуҷуд надошт, фидокорона ба ковишҳои илмӣ пардохт, дар китобхонаву бойгониҳо нишаст ва маводу мадорики ҷолибе ба даст оварда, моҳияти онҳоро бо навнигоҳии борикбин амиқан дарк намуда, чанд мақола ва ду китоби пурарзише навишт, ки яке "Ислом: ҷадидия ва инқилоб. (Маҷмӯаи мақолаҳо)" (Душанбе: Дониш, 1997. -245 саҳифа) ва дигаре "Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. (Асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷикии марҳалаи якуми шӯравӣ. Солҳои 1920 - 1954)". (Душанбе: Адиб, 1997. - 208 саҳифа) ном дорад.

Ин ду китоб аз чанд ҷиҳат аҳамияти вижа дорад. Якумӣ пажӯҳиши доманадорест, ки ҷунбиши ҷадидони тоҷик (ду даҳаи аввали садаи бист) ва аҳамияти адабӣ ва иҷтимоиву сиёсии онро аз паҳлуҳои гуногун равшан кардааст. Ин китоби М. Раҷабӣ, ба пиндори мо, ҷиддитарин асаре дар адабиётшиносии тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳатҳо мукаммалан барқарор менамояд.



М. Раҷабӣ сустиҳо ва каҷравиҳои адабиётшиносии шӯравиро дар мавриди фаъолияти адабӣ ва фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷадидон ба хубӣ пай бурда, барои падид овардани моҳияти аслии адабиёти ҷадидӣ бештар ба комёбӣ ноил омадааст.

Китоби "Таърихи накд ва адабиётшиносӣ" низ аҳамияти вижа дорад. Нигоранда усул (принсипҳо)- и танқиди ҳизбиро, ки танқиди илмӣ ва адабиётшиносӣ ба он такя мекард, як-як аз назар гузаронида, нақши ҳалкунандаи онро барои муайян шудани хусусиятҳои адабиёти шӯравии такявӣ нишон додааст. Накди ҳизбӣ дар ҳар давра усули асосии адабиётро, он чиро ки синфият, ҳизбият ва халқияти адабиёт номида шуда буд, муайян мекард, халлоқияти нависандаро ба як чорчӯбаи ғоявию сиёсӣ мегирифт ва агар майлу рағбати эҷодии нависанда ба ин чорчӯб нағунҷад ё ба фишори он тоб наёварад, он гоҳ ба сари ӯ фоҷеаҳо меомад.

Чун дар китоби М. Раҷабӣ усули асосии ғоявию сиёсии адабиёт бо бинишу фаҳмиши нав ва айнӣ ҳамаҷониба шарҳу баён шудааст, барои пажӯҳиши таърихи адабиёти шӯравии тоҷикӣ имкони бештар фароҳам меояд. Аз ин рӯ, ба гумони қавӣ, минбаъд пажӯҳишгарони адабиёти шӯравии тоҷикӣ ба ин китоби М. Раҷабӣ зуз-зуд рӯ хоҳанд овард.

"Таърихи накд ва адабиётшиносӣ" асоси рисолаи доктории Маъруфи Раҷабиро ташкил кард ва соли 1998 дар Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти Рӯдакӣ онро ба ҳимоя гузошта, соҳиби унвони доктори илми филология гардид. Соли 2000-ум М. Раҷабии ҷавон узви вобастаи Фарҳангистони улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

Дар ду китби аввали Маъруфи Раҷабӣ - "Тадқиқи таърих - тадқиқи характер" ва "Насри тоҷикии замони ҷанг" (Таҳаввули поэтика) гоҳ-гоҳ осори қаламронии шогирдона ва вобаста ба назари роҳбари илмӣ намоён аст. Аз "Ислом: ҷадидия ва инқилоб" ва "Таърихи накд ва адабиётшиносӣ" истиқлоли табъи М. Раҷабӣ устувор шуд ва ӯ бо роҳи мустақилонаи ҷустуҷӯи илмӣ даромад. Дар китоби "Сотим Улуғзода- абармарди набард ва андеша" (Душанбе, 2004, баъди вафоташ чоп шуд) сабки хоси пажӯҳишгарии ӯ хеле қувват гирифт ва натиҷаҳои муҳим дод. Равишҳои таҳқиқи поэтикаи насри як нависандаи барҷаста ва ба ин восита нишон додани вижагиҳои сабки хоси як санъаткор ва хусусиятҳои миллии реализми насри тоҷикӣ дар китоби Маъруфи Раҷабӣ "Сотим Улуғзода-абармарди набард ва андеша" хеле такмил ёфт. Агар гӯем, ки аҳамияти ин китоб дар адабиётшиносии тоҷикӣ аз ҳамин ҷо муайян мегардад, шояд хато нашавад. Масъалаи асосӣ дар ин китоб поэтикаи насри реалистии С. Улуғзода ва сабки хоси ӯ, таҳаввули тадриҷии сабки реалистӣ ва пасту баланди роҳи ин таҳаввулро муайян карда буданд, ҳамеша меҷӯяду меёбад ва як- як намудор месозад. Дигар шудани сабки Улуғзода ва такомули он дар китоби М. Раҷабӣ ҳам ба таҷрибаи таърихии миллат, ҳам ба таҷрибаи иҷтимоии худи нависанда ва вижагиҳои шахсияти ӯ ва зиндагии хусусии вай, ҳам ба сиёсати адабии ҳизб, яъне ба омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Гоҳ яке аз ин омилҳо фаъолтар мешавад ва гоҳ ҳамаи онҳо баробар амал мекунанд. Ба вижа ба сиёсати адабии ҳизб, ки сарнавишти нависандагонро муайян мекард, бештар аҳамият дода шудааст. Сиёсати ҳизб сиёсати саркӯбӣ ва шахсияткушӣ буда, фарҳангиён, ба вижа нависандагонро нерӯи мухолифи ҳизбу давлат пиндошта, кӯшиш мекарданд, ки ин нерӯро дар тобеъият нигоҳ доранд. М. Раҷабӣ бисёр хуб нишон додааст, ки Улуғзода монанди бисёре аз фарҳангиёни тоҷик аз нахуст сидқан коммунист буд ва то охир ба армонҳои коммунистӣ содиқ монд. Бо вуҷуди ин, нобоварӣ ва бадгумонии сиёсӣ чунин буд, ки Сотим Улуғзода аз сиёсати адабии рӯз ва накди ҳизбӣ ҳамеша саркӯбӣ медид, ҷустуҷӯҳои эҷодии ҷасоратмандонаи ӯ, падидаҳои шахсияти эҷодӣ ва истиқлоли табъи вай пешгирӣ мешуданд ва ӯ маҷбур мегардид, ки равиши эҷодии худро ба сӯи дигар гардонад.

Аз таҳқиқи ҳадафманду пайгиронаи М. Раҷабӣ мебинем, ки Улуғзода, сарфи назар аз ҳама монеаҳо бо ҷӯсторҳои собитқадамона оқибат роҳу равиши эҷодии худро ташаккул дод, шахсияти эҷодии худро устувор кард. Таҳқиқи илмии М. Раҷабӣ зӯрмандии бузурги шахсияти Улуғзодаро падид овардааст.

Гумон меравад, ки ба ҳар ҳол ба Улуғзода бартараф намудани на ҳамаи монеаҳо муяссар шуда буд. Шояд ба сабаби ин ки теғи сиёсат, теғи иҷтимоъгароиву синфгароӣ ҳамеша дар болои сари нависандагон буд, таҳқиқи бадеии Улуғзода дар бисёр мавридҳо, чунончи на танҳо дар романи "Восеъ", ҳатто дар романи "Фирдавсӣ" бештар таҳқиқи иҷтимоист ва камтар ҷамбаи маънавӣ дорад, дарунмояи маънавии ҷаҳони ботинии инсон камтар ба таҳқиқ омадааст. Мутаассуфона, М. Раҷабӣ ба ин ҷиҳати тасвири психологии Улуғзода аҳамият надодааст. Умуман, хусусиятҳои тасвири руҳиву равонии Улуғзода дар рисолаи М. Раҷабӣ, ба назари мо, хеле муътамад баррасӣ шудааст.

Бунёди ҳуҷҷатии китоби М. Раҷабӣ пурзур аст. Чун ин китобро мехонем, тасаввуре пайдо мешавад, ки ин пажӯҳишгар ҳар чизеро, ки аз Улуғзода ё дар бораи ӯ дар матбуот чоп шуда буд: маводи бойгониҳо, сӯҳбатҳои худи ӯ бо Улуғзода, мукотибаи нависанда ва ғайра - ҳама чизеро, ки ба даст оварда буд, истифода кардааст, гӯё чизе намондааст, ки ӯ надида ва ба кор нагирифта бошад. Албатта, пажӯҳишгарони минбаъда шояд боз маводу мадорики зиёде ба даст хоҳанд овард, лекин имрӯз китоби М. Раҷабӣ мукаммалтарин пажӯҳише дар насри Улуғзода ва бояд таъкид бикунем, якумин таҳқиқи илмии мукаммал дар бораи ин нависандаи барҷастаи тоҷик аст. Пас аз хондани ин китоби М. Раҷабӣ эҷодиёти Улуғзодаро андаке ба тарзи дигар хоҳем фаҳмид, роҳҳои инкишофи адабиёти шӯравии тоҷикиро хеле беҳтар хоҳем донист.

Аз ин рӯ, зиндаёд М. Раҷабӣ ҳамеша бо мо, бо адибону адабиётшиносони тоҷик хоҳад буд. Ӯ дар умри кутоҳаш кори зиёдеро анҷом дод. Шояд пажӯҳишгарон дар оянда аз навиштаҳои ӯ норасоӣ ва саҳви қалам хоҳанд ёфт ва ӯро танқид ҳам хоҳанд кард. Аммо М. Раҷабӣ аз онҳоест, ки саҳву хатоҳои ӯ низ гоҳо барои ҳалли масъалаҳо кӯмак мекунанд.

Чанде пеш як маҷмӯаи мақолаҳои М. Раҷабӣ, ки худаш бо номи "Бо фикри ман" гирд оварда буд, аз чоп баромад. Бештари ин мақолаҳо низ маҳсули даҳаи навади садаи бистанд ва аз муҳимтарин масъалаҳои адабиёти форсии тоҷикии поёни сада баҳс мекунад. Бархе аз ин мақолаҳо низ гувоҳанд, ки М. Раҷабӣ рӯ ба сӯи камолоти илмӣ дошт.

Оре, комёбиҳои илмии Маъруфи Раҷабӣ барои пажӯҳиши фарогири адабиёти форсии тоҷикии садаи бист, барои ҷамъбасти адабии сада ва ба вуҷуд овардани таърихи адабиёти ин давраи муҳим хидмат хоҳанд кард ва барои насли нави адабиётшиносон, бавижа поэтикапажӯҳон пайроҳаҳои тоза хоҳанд кушод.

***Ёдаш ба хайр, равонаш шод бод!***

*Ёралӣ СОДИҚОВ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика, ба чоп ҳозиркунанда*


СИПОСНОМА

Ба ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ А.РӮДАКӢ барои иштироки фаъолона дар аксияи фурӯши китоби Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб», ки дар ҳошияи Озмунҳои Ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...», «Тоҷикистон кишвари азизи ман» ва дигар чорабиниҳо бо амру ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба китоб роҳандозӣ гардидаанд, инчунин ба ифтихори 22-солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ ва ба хотири саҳми арзишманд дар ташвиқу тарғиби китобҳои тозанашри Муассисаи нашриявии «Адиб» тақдим мегардад.

Директори нашриёти «Адиб» Д. Сафарзода

# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "МАЛИКАИ ЧАКАН"



Санъати чакандӯзӣ навъе аз тарзҳои дӯхтани гулҳо, нақшу нигор ва тасвирҳои рамзнок бо риштаҳои ранга дар матои пахтагин ва абрешимӣ мебошад. Одатан бо усули гулдӯзии чакан курта, чодар ё сӯзанӣ, болишт, ҷоёпӯш, сардеворӣ, тоқӣ, гаҳворапӯш, парда, чойхалта, сачоқ, рӯймол, ҷойнамоз ва ғайра истифода мешавад. Дар гулдузии чакан тасвирҳои рамзнок ва мазмунҳои мифологӣ оид ба табиати атроф, кайҳон, орзую омоли мардум истифода мешавад. Ҳар нақши дар болои матоъ дӯхташуда ном дорад, чунончи косагул, гули анор, барги бед, бодомак, лола, райҳон, ва монанди инҳо. Маҳорату таҷрибаҳои дӯзандагон аз интихоби матоу риштаҳои ранга, нақшкашӣ, дӯхтани гулҳову нақшҳо ва дӯхтани либосҳо иборат мебошад. Санъати чакандӯзи бештар дар вилояти Хатлон, махсусан дар минтақаи Кӯлоб, Данғара, Ховалинг, Фархор, Шӯрообод, Ҳамадонӣ ва минтақаи Бохтар васеъ истифода мешавад.

Дар ин асос санаи 15-17 июни соли ҷорӣ дар шаҳри Кӯлоб фестивали ҷумҳуриявии ҷавонон таҳти унвони "Зинату ҳусни ҷавонист чакан" бо иштироки зиёда аз 300 нафар ҷавонон аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Дар ин баробар, боз озмуни ҷумҳуриявии дигар ҳам таҳти унвони "Маликаи чакан" миёни донишҷӯёну хонандагони гуногун аз шаҳру вилоят ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Дар фестивали мазкур Маҳфират Хидирзода, муовини раиси вилояти Хатлон, Абдулозода Аҳтам Рустам, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Марҳабо Олимӣ, муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Камолзода Шариф директори Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зулфия Бурхон, сардори Раёсати Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО, Шаҳлои Абдураҳмон, сармутахассиси Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Абдураҳмонова Ширинмоҳ, донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баромад ва суханронӣ намуданд.

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ КӮЛОБ - 2019




Санаи 14.06.2019 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Форуми байналмилалии сармоягузории Кӯлоб-2019 баргузор гардид. Дар форуми мазкур соҳибкорон ва роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар иштирок доштанд.

Ҳадафи Форум аз муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ, фаъол гардонидани раванди ҷалби сармоя, тақвияти раванди истеҳсоли маҳсулоти воридоти ивазкунанда, баланд бардоштани нерӯи содиротӣ, густариш додани ҳамкориҳои соҳибкорону сармоягузорон, таъмин намудани имкониятҳои рушди соҳибкорӣ мусоид ва дар маҷмӯъ мусоидат намудан ба вусъат бахшидани татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ вобаста ба саноатикунонии мамлакат ва устувор намудани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳри Кӯлоб иборат буд.

# МУҲАММАД-НОМЗАД БА УСТОДИ ВАРЗИШИ ҶУМҲУРӢ



Каримов Муҳаммад, донишҷӯи факултаи химия, биология ва географияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз тарафи Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши минтақаи Кӯлоб бо шаҳодатномаи номзад ба устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гуштини тарзи "озод" сарфароз гардонида шуд.

Муҳаммадро табрик мегӯем!

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии (аттестат) Т-ШТУ № 0236668, ки соли 2009 мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 4-и шаҳри Кӯлоб ба Ятимова Сайёра Рустамовна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дафтарчаи имтиҳоние, ки Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 3-юми факултаи математика (шуъбаи рӯзона) Исоева Идимо Амрохоновна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛӢ БАХШИДА БА 80-СОЛАГИИ ШОИР САИДҶОН ҲАКИМЗОДА

Санаи 15.06.2019 дар толори фарҳангии Донишгоҳи давалатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бахшида ба 80-солагии шоир Саидҷон Ҳакимзода конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Саидҷон Ҳакимзода ва масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик" баргузор гардид. Дар конференсияи мазкур олимону муҳаққиқон, шоирону нависандагон аз ҳар гӯшаю канори ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Сараввал, сухани ифтитоҳиро ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло оғоз намуда, кулли меҳмонону иштирокчиёнро ба ин боргоҳи илму адаб хайрамақдам намуданд. Дар ҷаласаи ифтитоҳӣ маърӯзаҳои зерин мавриди баҳсу мунозираи иштирокчиён қарор гирифтанд:

1. Устод Турсунзода дар тасвири Саидҷон Ҳакимзода, сухангӯ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Кӯчаров Аламхон;
2. Нигоҳе ба сурудаҳои дилрабои Саидҷон Ҳакимзода, сухангӯ Зафар Мирзоён, профессори фахрии донишгоҳ, мушовири ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.



Инчунин дар қисмати ифтитоҳи суханони шодбошии раиси Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон Низом Қосим шунида шуд. Ғайр аз ин, шоирон Камол Насрулло, Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб ва дигарон баромад ва суханронӣ карданд.

Тибқи барномаи кори конференсия баъди хӯроки нисфирӯзӣ кор дар ду бахш: "Назаре ба рӯзгор ва осори Саидҷон Ҳакимзода", роҳбари бахш Кӯчаров А., профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва "Масъалаҳои адабиёти муосир", роҳбари бахш Ҳусейнзода Ф.Д., профессори Донишгоҳи давлатии Данғара идома ёфт.

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ



Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳояшон тарбия намудани нерӯҳои нави эҷодкорро зарурати айём шуморида, баҳри амалишавии ин матлаб доимо ғамхорӣ менамоянд. Вобаста ба ин, тарбияи насли наврасу ҷавон дар меҳвари асосии сиёсати Пешвои миллат қарор гирифта, ба раванди муназзаму муайян ворид гардидааст.

Дар ин замина Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявиро дар мавзӯи "Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2019, №79) 8-уми майи соли ҷорӣ ташкил ва баргузор намуд.

Конференсияи мазкур ба санаҳои муҳим ва барои миллати тоҷик сарнавиштсоз, ба қабул гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", оғози амалишавии ҳадафи чорум - саноатикунонии босуръати кишвар, 80-солагии шоири шаҳири тоҷик - ифтихори ин даргоҳи муқаддас - Саидҷон Ҳакимзода, 22-юмин солгарди "Рӯзи Ваҳдати миллӣ" ва аз ҳама муҳим қабули сесолаи суботкориҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омадааст.

Дар конференсияи мазкур зиёда аз 100 нафар олимону муҳаққиқон аз донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ, АИ ҶТ ва АТТ маърӯза пешниҳод намудаанд, ки барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Конференсия ба санаи солрӯзи 80-умин баҳори умри омӯзгори асил, Ходими шоистаи маорифи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ислом Ғуломов рост омад. Бо он ки устод дар самти тарбия ва тайёр намудани омӯзгорони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза корҳои зиёде анҷом додааст, чорабинии номбурда бахшида мешавад. Ӯ зиёда аз 56 соли ҳаёти пурбаракоти хешро маҳз сарфи таълиму тадрис ва тарбияи насли наврасу ҷавони миллат намуда, ҳанӯз ҳам ин пешаро идома дода истодаанд.

Устод Ислом Ғуломов дар давоми фаъолияти корӣ 2 монография, 22 китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, зиёда аз 180 мақолаи илмӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-оммавӣ навишта, дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ ба нашр расонидаанд, ки то имрӯз аҳамияти назариявию амалии худро гум накардаанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки ба қишри босаводу зиёиёни миллат, аз ҷумла омӯзгорон роҳбарияти давлати ҳукумат, хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳтироми вижа зоҳир намуда, нақши омӯзгорро дар ҳаёти насли наврасу ҷавони миллат бориз медонанд. Дар ҳар як суханрониашон Пешвои миллат мақому манзалати омӯзгорро боло бардошта, эътимоду боварии ҳукумати мамлакатро нисбат ба ин қишри ҷомеа изҳор медоранд. Аз ҷумла, дар яке аз суханрониҳояшон қайд намуданд, ки "Давлату ҳукумат ба шумо эътимоди комил дорад, зеро инсонияте ба омӯзгор ҳамеша ниёз дорад. Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад".

Мақсади асосии баргузории конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза" ин пеш аз ҳама бартараф кардани мушкилотҳои мавҷуда мебошад. Зеро айни замон афзудани мактабҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, зиёд шудани талабот ба муаллимони соҳибмаълумот дар кишварамон бо ҷиддият ҳалли масъалаи таъмини онҳоро дар марди аввал бо китобҳои таълимӣ-методӣ мегузорад. Ғайр аз ин, ҳаминро ба назар бояд гирифт, ки омӯзгорони ҷавонон дар мактабҳои олии омӯзгорӣ ба ёрии методӣ эҳтиёҷ доранд.



• Бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ

# АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

*15-уми апрели соли 2016 вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар мавриди ворид намудани илова ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" баррасӣ ва қабул карданд.*

*Мувофиқ ба ин тағйирот ҳар сол 16-уми ноябр Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни истироҳат таҷлил карда мешавад.*

*Бояд тазаккур дод, ки 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити барои миллати тоҷик ниҳоят ҳассосу мушкил ва сарнавиштсоз доир гардида, дар ин Иҷлосияи тақдирсоз Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби вакилон ба ҳайси раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар соли 1994 дар асоси интихоботи президентӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.*

*16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти саҳми арзанда ва хизматҳои бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули давлатдории навини кишвар, эҳёи давлати миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдат ва баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ эълон гардидааст.*

*Аз ин рӯ, хостем, то чанд андешаи сиёсатмадорони ҷаҳонро, ки дар ҳаққи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфта шудаанд, пешниҳоди хонанда намоем.*



***Владимир ПУТИН, Президенти Федератсияи Россия.***

Тамоми таърихи муосири Тоҷикистон бо номи Эмомалӣ Раҳмон комилан алоқаманд аст. Дар тӯли солҳои президентӣ ба ӯ муяссар гардид, ки сулҳу ризоиятро дар кишвар таъмин карда, эҳтироми сазовори ҳамватанон ва нуфузи баланди байналмилалиро пайдо намояд. Таҳти роҳбарии он кас ҷумҳурӣ дар роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ устуворона пеш рафта, дар ҳалли масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ фаъолона иштирок мекунад. Саҳми шахсии Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими муносибатҳои шарикии стратегӣ ва иттиҳоди байни давлатҳои мо ниҳоят бузург аст.



***Реҷеб Тайип ЭРДОГАН, Президенти Ҷумҳурии Туркия.***

Туркия ва Тоҷикистон дар мавриди густариши равобити дӯстона, ки решаҳои таърихӣ ва арзишҳои зиёди муштарак ба монанди шахсиятҳои маъруф Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дорад, иродаи қавиро доро ҳастанд. Итминон дорам, ки дар ҷодаи устувор бахшидани бародарии турку тоҷик саҳми Эмомалӣ Раҳмон ба мисли гузашта минбаъд низ хоҳад расид.



***Си ҶИНПИН, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин.***

Дар давоми 26 соли аз рӯзи истиқлолият таҳти роҳбарии хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон суботи сиёсӣ ва рушди босуръати иқтисодӣ ба назар мерасад, сатҳи зиндагии мардум ба таври назаррас беҳтар мешавад, нуфуз дар корҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ баръало боло меравад. Ҷониби Чин аз ин самимона хушҳол аст.



***Шавкат МИРЗИЁЕВ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.***

Мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Ӯзбекистон ҳамчун ходими намоёни давлатӣ ва роҳбари таҷрибадоре, ки худро саропо ба хизмати халқу кишвараш бахшидааст, мешиносем.

Тоҷикистон зери роҳбарии хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдорӣ ва сохти иҷтимоӣ ба муваффақиятҳои калон ноил гардидааст. Сатҳ ва сифати зиндагии мардум ба таври назаррас боло рафта, нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ пайваста таҳким меёбад.

Ба шарофати сиёсати ҳамаҷониба андешидашуда ва мутавозини ӯ дар шароити мураккаби Тоҷикистон имкон пайдо гардид, ки дар ҷомеа сулҳ ва ризоият на танҳо ҳифз карда шавад, балки ба он заминаи устувор гузошта шавад, ки ин яке аз омилҳои муҳими таъмини субот ва рушди устувор дар кишвар ва умуман ҳамаи минтақа мебошад.



***Нурсултон НАЗАРБОЕВ, собиқ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон.***

Мутмаинам, ки маҳорати баланд ва таҷрибаи ғании ҳаётии Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, ба шукуфоии минбаъда ва боло рафтани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Сатҳи эътимоди сиёсӣ ва ҳусни тафоҳуми то ба имрӯз ба дастомада миёни Остонаву Душанбе аз устувории муносиботи мо, ки бар рӯҳияи шарикӣ ва иттиҳодӣ асос ёфтаанд, шаҳодат медиҳад.



***Александр ЛУКАШЕНКО, Президенти Ҷумҳурии Беларус.***

Меҳнати фидокоронаи чандинсолаи Эмомалӣ Раҳмон, ки ба таҳкими сулҳу субот, баланд бардоштани некӯаҳволии халқи тоҷик ва пойдории нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона гардидааст, сазовори эҳтироми ниҳоят баланд мебошад.



***Гурбангули БЕРДИМУҲАММЕДОВ, Президенти Ҷумҳурии Туркманистон.***

Дар солҳои охир Тоҷикистони дӯст таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи бунёди давлатдорӣ, рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва таҳкими нуфуз дар арсаи байналмилалӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид.

Мо дар Туркманистон саҳми шахсии Эмомалӣ Раҳмонро дар рушди муносибатҳои дӯстона байни кишварҳоямон баланд арзёбӣ карда, ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории дуҷониба, ки ба анъанаҳои чандинсолаи эҳтиром ва эътимоди мутақобила такя мекунанд, умед дорем.



***Чан Дай КУАНГ, Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам.***

Ветнам ҳамеша ҳодисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайгирӣ мекунад ва аз муваффақиятҳои ноилшудаи Тоҷикистон дар самти рушди кишвар таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон хушҳол аст.



***Илҳом АЛИЕВ, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон.***

Имрӯз Тоҷикистони дӯст зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар кори таҳкими давлатдорӣ, пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва эҳдокории фарҳангӣ дилпурона ба пеш ҳаракат мекунад. Муваффақиятҳое, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар ба амал омаданд, бо номи Эмомалӣ Раҳмон пайванданд.

Хизматҳои махсуси ӯ дар таҳким ва ҳифзи муносибатҳои анъанавӣ, дӯстона ва шарикӣ миёни Озарбойҷон ва Тоҷикистон назаррасанд.



***Серж САРГСЯН, Президенти Ҷумҳурии Арманистон.***

Таърихи муосири Тоҷикистон, ки бо комёбиҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, болоравии нуфуз дар арсаи байналмилалӣ ишора мешавад, бо номи Эмомалӣ Раҳмон комилан алоқаманд аст.



***Алмазбек АТАМБОЕВ, собиқ Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон.***

Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар роҳи таъмини рушди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

*Таҳияи Ҷаҳонгир РУСТАМШО*

*Ростон аз сӯҳбати каҷтинатон каҷ мешаванд,*
*Кафш гардад з-ихтилоти пои каҷ ноҳор каҷ. Маъдан*



# БЕЭЪТИНОӢ НИСБАТ БА ТАЪЛИМИ ФАННИ МЕТОДИКАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



*Қаюм САНГОВ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он*

Чунон ки маълум аст, методикаи забони тоҷикӣ мисли дигар методикаҳои хусусӣ ба соҳаи илмҳои педагогӣ тааллуқ дорад. Вай маводи омӯзиш, мазмун, системаи мафҳумҳо, методикаи илмию тадқиқотии хоси худро доро мебошад.

Методикаи забони тоҷикӣ фанни махсус ва мустақил аст, зеро ки вай системаи донишҳои як соҳаи муайяни ҳақиқати реалӣ: метод, усул, роҳ ва шартҳои таълими забони тоҷикиро дар бар мегирад.

Вазифаҳои асосии курси методикаи таълими забони тоҷикӣ инҳоанд:

1. Муайян кардани хусусият, мақсад, мундариҷа ва ҳаҷми фанни за-



бони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, сохти вай, алоқамандӣ ва пайдарҳамии қисмҳои он, тақсимоти материали таълимӣ ба синфҳо.

2. Омӯзиш ва таҳқиқи метод ва усулҳои беҳтарину самараноки таълим (аз нуқтаи назари сарфаи қувва ва вақти муаллиму талаба…).

3. Ҳалли масъалаҳои роҳ ва шартҳои беҳтарини бо муваффақият аз худ карда шудани доираи муайяни дониш, маҳорат ва малакаҳо оид ба забони тоҷикӣ аз тарафи талабагон.

Ҳамин тариқ, методикаи забони тоҷикӣ фаннест, ки дар бораи мазмуну мундариҷа, методу усулҳои самараноки таълим ва шартҳои аз тарафи талабагон аз худ карда шудани дониш ва малакаҳо аз фанни забони модарӣ дар мактаб баҳс мекунад…

Методикаи забони тоҷикӣ муаллимро роҳбарӣ менамояд, ки нисбат ба кори худ эҷодкор бошад, аз ҳар гуна усулҳои нодаркор ва каҷравиҳо раҳоӣ ёбад. Ӯро аз ҳар гуна ҷустуҷӯҳои беҳуда ва зиёдатӣ оид ба ин ё он масъала, ки дар илм барвақт тадқиқ ва санҷида шудаанд, бозмедорад.

Хулоса, барои таълими дуруст ва самараноки фанни забони тоҷикӣ дар мактабҳои ибтидоӣ, миёна, типи нав ва ғайра ҳар як донишҷӯ, омӯзгори ояндаи вазифадор аст, ки фанни методикаи забони тоҷикиро амиқ омӯзад ва донад…

Ҳаминро бояд махсус қайд намуд, ки фанни методикаи забони тоҷикӣ дер боз аз омӯзишгоҳҳои педагогӣ сар карда, дар ҳамаи факултаҳои филологияи тоҷики донишкадаю донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ, инчунин коллеҷҳои омӯзгорӣ таълим дода мешавад. Вай дар нақшаи таълимӣ мавқеи хос дошта, дорои барномаи таълимӣ ва дастуру китобҳои методист.

Солҳои пешин фанни мазкур дар курсҳои 3-4-ум танҳо дар шакли машғулиятҳои лексикию амалӣ таълим дода мешуд ва барои омӯзонидани он соатҳои зиёде (100-150) сарф мегардид. Баъдтар ин фан дар курси 3, дар 2 нимсола дар ҳаҷми 128 соат (32+32=64с, 32+32=64с) таълим дода мешуд, ки қобили қайд аст.

Фанни методикаи забони тоҷикӣ дар айни ҳол, аз соли хониши 2018-2019 сар карда, дар шуъбаҳои рӯзонаи факултаҳои филологияи тоҷики мактабҳои олии кишварамон дар 2 курс (курси 2 нимсолаи 2, курси 3 нимсолаи 1) дар шакли машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва КМРО (кори мустақилонаи донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор) омӯзонида мешавад. Мувофиқи нишондоди нақшаи таълимии ҷорӣ миқдори умумии кредитҳо ва соатҳои таълимӣ дар курсҳои 2-3 ба таври зайл аст: курси 2-2 кредит, лексионӣ 12 соат, амалӣ 12 соат, КМРО 24 соат; курси 3-2 кредит, лексионӣ 12 соат, амалӣ 12 соат, КМРО 12 соат. Аз рӯи ин нақша маълум мегардад, ки дар ҳар як курс (курсҳои 2-3) омӯзгори фанни мазкур бояд ҳафтае як соат машғулияти лексионӣ, як соат машғулияти амалӣ ва як соат дарси КМРО гузарад. Ба назари мо, дар мактабҳои олии омӯзгорӣ аз фанни методикаҳои забон ба адабиёти тоҷик ба ин миқдор соат ин гуна машғулиятҳо гузаштан бемаънӣ ва хандаовар буда, ояндa надорад ва ба таври таъҷилӣ ислоҳ металабад.

Ба КМРО ин қадар соати зиёд бахшидан чӣ маънӣ дорад? Ҳол он ки вай чизи зиёдатист.

Дар омади гап бояд гуфт, ки камина чанд сол пеш аз ин дар яке аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ як мақолаи устод, академик М. Лутфуллоевро бо завқ хонда будам, ки як ҷумлааш ба ман хеле писанд омад ва он то ҳол дар хотирам боқӣ мондааст. Он ҷумла ин аст: "Фанне, ки дар ҷадвал ҳафтае як бор гузошта мешавад, баракат надорад". Ба фикрам, ин сухани пурҳикмат барои онҳое, ки дар соҳаи маориф кор мекунанду ба тартиб додани нақшаҳои таълимӣ сарукор доранд, ибратомӯз аст.

Чунон ки ба доираи васеи хонандагони тоҷик маълум аст, қариб ё 11 сол пеш аз ин дар рӯзномаи "Омӯзгор" (26.09.2008, № 39) мақолаи хондanбоби шогирди азизамон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзноманигори шинохтаи кишварамон Саида Набиева таҳти унвони "Олими воқеъбин" рӯи чопро дид, ки дар он сухан асосан, дар бораи фаъолияти корӣ, илмию тадқиқотӣ ва методии муаллифи ин сатҳҳо меравад. Дар мақола аз ҷумла қимати илмию методии яке аз дастурҳои методии мо тахти унвони "Таълими луғат калиди ҳамаи илмҳост" низ мухтасар баён гардидааст, ки як сархати он ба мавзӯи баҳси имрӯзаи мо бевосита дахл дорад, ки мо онро дар зер айнан меорем.

"Аз нигоҳи муаллиф барои ҳалли ҳар гуна нобасомониҳо дар забон беҳтар аст, ки ба методикаи таълими забон дар мактабҳои олӣ бештар диққат диҳем. Воқеан, дар сурати ба ҷои 110 соат ҳамагӣ 60 ва ба ҷои 50 соат 30 соат пешниҳод кардани дарсҳои лексионию амалӣ ба ифодаи муаллиф", аз хатмкардагон омӯзгорони баландихтисос ва ҳаматарафа тараққикардаро умед кардан амри муҳол аст.

Чи хеле ки аз воситаҳои ахбори омма (ВАО) баромад ва суханронии шахсони масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, дар шароити имрӯза сатҳу сифати таълиму тарбия ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дошта, мутахассисони баландихтисос намерасанд. Аз ин рӯ, мо бояд ҳама аз як гиребон сар барорем…

Дар охири ин мақола таманнои онро дорам, ки мо минбаъд дар ҳалли ин ё он масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб кӯр-кӯрона тақлидкорӣ накунем, бетараф набошем, канорачӯӣ накунем, ҳар гуна баҳонаҳои беасос наёрем.

Чунон ки ба насли калонсоли кишвари азизамон маълум аст, дар гузашта дар давраи Ҳокимияти Шӯравӣ танқидро "меваи коммунизм" меномиданд. Аз ин рӯ, ҳар кадоми мо вазифадорем, ки дар роҳи ҳалли мушкилоти мавҷуда ин ё он соҳаи касбу кор олиҳимматӣ нишон диҳем. Ниҳоят, дар хотима аз кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, хусусан, аз он омӯзгороне, ки фанни методикаи забони тоҷикиро дар донишкадаю донишгоҳҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ ва ғайра дарс медиҳанд, сидқан хоҳиш менамоям, ки фикру мулоҳизаҳои шахсии худро дар атрофи масъалаи мавриди баҳс ба таври ошкор ва беибо баён намоянд...

Ҳақ бар ҷониби шоири ширинкалом ва ғазалсарои нодири тоҷик Бадриддин Ҳилолӣ мебошад, ки дар вақташ хело хуб гуфта буд:

***Илме, ки дар ӯ амал набошад,***
***Ҷуз арбадаю ҷадал набошад.***
***Илмат ба амал чу ёр гардад,***
***Қадри ту яке ҳазор гардад.***

# ЗУҲУРИ ТЕРРОРИЗМ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БА ОН

Зуҳуроти терроризм ва мубориза бар зидди он яке аз мушкилоти байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Меарзад дар нисбат ба ду мафҳуми забонзадашудаи ҷаҳони имрӯз назаре андозем, ки терроризм чист ва террорист кист?

Терроризм рафти баамалбарории воситаҳо аз ҷониби иштирокдорони муносибати иртиҷоӣ нисбат ба объект мебошад. Террорист бошад, ҳамчун субъекти амалинамоии терроризм шинохта мешавад. Терроризм ҳамчун муносибати канора аз ҷониби субъектҳои он ба хотири баровардасозии мақсадҳояшон дар фазои дохили давлат, минтақаҳо ва сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ мегардад. Раванди баамалбарории терроризм, ки асалан дар заминаи таъсиррасонии психологӣ дар нисбат ба ҷалби субъектҳои он ба амал бароварда мешавад, ҳамчун зуҳуроти иртиҷоӣ вобаста ба омилҳои сарзании он метавонад пайравонеро дар сафи ташкилотои террористӣ зиёд намояд. Терроризм як шакли экстермизм ба ҳисоб рафта, сабабҳои зуҳури он, таъсири он ба ҷаҳони муосир ақлу ҳуши оламиёнро ба худ кашидааст. Оид ба маънои луғавии калимаи терроризм ба андешаҳои олимон рӯй меоварем. Дар луғати С.И.Ожегов муайян гардидааст, ки терроризм аз калимаи фаронсавии "terrorizer" гирифта шуда, маънои дар заминаи зуроварӣ овардан ба даҳшат ва дар ҳолати тарсу ҳароси доимӣ нигоҳ доштанро ифода менамояд ва ё мувофиқ ба Конвесияи мубориза бар зидди терроризм қабулшудаи Иттиҳоди Аврупо терроризм ин ҳар гуна ҳодисаи зуроварӣ бар зидди озодӣ, ҳаёт ва тандурустии одамон мебошад.

Ба сифати омилҳои асосии раванди бавуҷудоии терроризм метавон як қатор омилҳоро нишон дод. Сатҳи пасти маълумотнокии динию дунёӣ, сатҳи пасти иқтисодӣ, камбизиотӣ, сатҳи баланди ташаккули техникаю технологияи муосир дар раванди пахши иттилоот, нобоварӣ нисбат ба ҳукумати амалкунанда аз ҷониби шаҳрвандон ва раванди тарғибу ташфиқи он аз ҷониби субъектҳои таъсиррасон, сармоягузории хоҷагони берунӣ ба субъектҳои дохилии давлат ва ғайра, ки мехоҳанд фазои дохилиро халалдор созанд ва давлатро вобаста намоянд ба давлатҳои абарқудрату пуриқтидори минтақа ва бунёди шароити мусоид барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва геостратегии ин кишварҳо.Маълумот оид ба ба зуҳури терроризм тавассути ВАО собити онанд, ки нобаста аз чораҳои роҳандозишуда дар нисбат ба терроризм амалҳои террористӣ торафт меафзояд. Ҳолати мувозинатӣ ва осоиштагиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ барҳам мезанад. Таҷрибаи давлатдорӣ исботи онанд, ки дар нисбат ба ташкилотҳои террористӣ ҳар қадаре амалҳои зуроварӣ зиёд мегарданд, амалҳои онҳо ва сатҳи афзоиши пайравони онҳо низ зиёд ба назар мерасанд.

Оё ташкилотҳои террористӣ дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд меоянд? Ҳаргиз не, зеро зуҳури ҳодиса вобаста аст ба субъекти он. Махсусан, дар ташаккули ташкилотҳои террористие, ки таъсири муасирро дар нисбат ба таъсирасонӣ ба давлатҳои рӯ ба инкишоф соҳибанд, дар манотиқи Осиё аз ҷониби давлатҳои абарқудрат, ки даъвои демократия ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон менамоянд, таъсиргузоранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити муосир ва раванди ташаккули таҳдидҳои нави замон, махсусан терроризму экстермизм муносибати ҷиддӣ аз ҷониби ҳукумати амалкунанда ва шаҳрвандони кишаварамон ба роҳ монда шавад, зеро муносибат накардан ба хотири ҳалли ин масоил маънои таъсири он ба мамлакат ва роҳи ҳалли ин мушкилоти замони муосир нест.

Моро мебояд ғамхор дар нисбат ба замини аҷдодиямон бошем ва барои рушду инкишофи он шароит муҳайё сохта, ҳимояи манфиатҳои миллию давлатиро аз манфиатҳои шахсӣ боло гузошта, ба умеди хоҷагони берунӣ нагардем.

***Некрӯзи МАҲМАДХОҶА,***
***ассистенти кафедраи***
***сиёсатшиносӣ***

# ДУ ТУҲФАИ БЕБАҲОИ ЯК ДӮСТИ ҶОНӢ



*Аламхон КӮЧАРОВ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, устоди ДМТ*

Рӯзе профессор Саидқул Сабзаев ба банда занг зада мужда расонд, ки Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рафиқи айёми ҷавониамон Ғоибназар Мирзоев баъди чанде ба синни муборакаи 75 қадам мениҳад. Ин башорат бандаро водор намуд, ки дафтари хотираҳоямро варақ занам ва пеш аз ҳама, ду китоби аз шаҳри Ленинград чун туҳфа фиристодаи ӯ ба ёд расид. Дар вараќи унвони маҷмӯи "Текстология словянских литератур" (Л., 1973) бо хатти зебои дӯсти гиромиам навишта шудааст: "Ба Аламхон ҳамчун туҳфа аз Ленинград фиристода мешавад. 13.11.1973". Дар вараќи унвони "Путь книги" (Л., 1975) ном китоби С.И. Тимина бошад, бо хатти боз ҳам зеботар чунин қайде ҳаст: "Ба бародарам Аламхон ҳамчун туҳфа аз Ленинград фиристода мешавад". Ин китобҳо барои ман басо азиз буда, ҳикмати "як китоби хуб беҳ аз хазинаи бузург"-ро ба ёд меоранд.

Соли 1969, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба Институти давлатии педагогии Кӯлоб роҳхат гирифта, ба кафедраи адабиёти тоҷики факултети забон ва адабиёти тоҷик пазируфта шудам. Дар ин факултет, чун дар тамоми Институт, дар қатори устодони калонсол аксаран ҷавононе ба тадрис машғул буданд, ки ҳамин боргоҳи илмро ба тозагӣ хатм намудаанд ва табиист, ки бо ҳидояти роҳбарияти Донишкада ҳама дар такопӯи навиштани рисолаи номзадӣ заҳмат мекашидем.

Ба Ғоибназар Мирзоев, ки ҳангоми донишҷӯӣ се сол дар сафи Артиши шӯравӣ хизмат карда, забони русиро, як андоза аз худ карда буд, лозим омад, ки ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти забоншиносии АИ СССР дар шаҳри Ленинград шомил шавад. Банда, вобаста ба шароити оилавӣ ба шӯъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил гардидам ва аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар мавзӯи "Тадқиқи текстологии "Одина"-и Айнӣ" кори илмӣ мебурдам. Рости гап, ду сол дар болои ин мавзӯъ кор кардам, вале ҳанӯз ба усули таҳқиқи матншиносии адабиёти даврай нав пурра сарфаҳм намерафтам. Бинобар ин ба Ғоибназар мактуб навишта, ёрӣ пурсидам. Ғоибназар, тавре ёдовар шуд, он ду китоби тозанашрро ба банда фиристод, ки онҳо, хусусан китоби С.И.Тимина "Путь книги" роҳи маро дар таҳқиқи матншиносии адабиёти муосир кушод. Баъдҳо банда ба Ленинград рафта, муаллифи "Путь книги" профессори Донишгоҳи давлатии ба номи Герсен Светлана Ивановна шинос шуда, аз суҳбати он кас баҳравар гардидам. Ва солҳои зиёд аст, ки аз ин китобҳо ман ва шогирдонам истифода карда, аз ин дӯсти шафиқ шукргузорем.

Ғоибназар дастпарвари мактаби забоншиносии Ленинград (ҳозира ш. Санкт-Петербург) мебошад, ки ин муассиса дар дараҷаи аввали илмӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ назир надошт. Вақте ки кас "Суффиксальное словообразование в современном таджикском языке" ном китоби нави Ғ.Мирзоевро варақ мезанад, чун донишманди дараҷаи аввали забоншиносии ҷумҳурӣ будани ӯро бори дигар эҳсос мекунад. Дотсенти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Мирзо Солеҳов таассуроти хешро оид ба забондонии Ғоибназар Мирзоев чунин ифроз медорад: "Ҳангоми дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб чун раиси комиссияи имтиҳони давлатӣ буданам рӯзе ҳамроҳи Ғоиб Мирзоев ба қалъаи Ҳулбук рафтем. Ҳини тамошои ҳафриёт ногоҳ дар наздамон сайёҳони хориҷӣ пайдо шуданд ва касе набуд, ки онҳоро роҳнамоӣ кунад. Онҳо аз мо таърихи ин ёдгориро фаҳмидан хостанд ва Ғоиб Мирзоев ба забони англисӣ вазифаи шореҳиро басо хуб иҷро намуда, сайёҳонро қаноатманд намуд".

Дар солҳои 70-ум ва 80-уми садаи XX аксари мо муаллимони ҷавони Институт дар маҳаллаи 10-уми шаҳр дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекардем ва рафтуои хуб доштем. Баъзан мешуд, ки



ҳангоми рухсатӣ бо мулоҳизаи аз ҷанги хешу табори дохилшавандагон халос шудан ба сафар мебаромадем. Сафари навбатии мо дар ҳайати Ғоибназар, Ҳабибулло Солиев (ёдаш ба хайр!), Мирзо Гадо ва банда хатсайри Кӯлоб - Момандиён - Ларсой -Нишорак - Даштиҷум - Кӯлоб буд. То Момандиён ба мошин рафтем. Аз Момандиён борхалтаҳоро пуштора карда, пиёда роҳ гирифтем. Баъди чанд соати қадамзанӣ аз пеш ҷангали анбуҳ баромад ва роҳгум задем ва маҷбур шудем, ки қадқади сангов боло бароем.

Рӯз бегоҳ шуда буд ва мо, Ғоибназар пеш-пеш, роҳ мерафтем, ки ба бунбасте дучор шудем. Бо машаққат ба замини подачар баромадем ва худро ба як қутани Ларсой гирифтем. Хеле монда шуда будем ва чӯпон, баъди хӯроки шом, дар хиргоҳ бароямон ҷойи хоб тайёр кард. Мо ба чизе, ки ёфтем, печидем, вале Ғоибназари дар Ленинград таълим гирифтаро болопӯшҳои фарсудаву чиркин табъи дил набуд. Оқибат сардии ҳаво ӯро маҷбур кард, ки як ҷомаи фарсудаву аз ҳад зиёд чиркинро ба болояш кашад. Пагоҳ то Нишорак роҳамон вазнин буд. Дар Нишорак як шаб мондем ва моро бобои Сайид меҳмондорӣ кард. Баъд дар Даштиҷум чанд рӯз истода, ба тайёра ба Кӯлоб баргаштем.

Ғоибназар табиатан зариф ва ҳазлкаш аст. Як вақт дар соҳили рӯде чанд нафар истироҳат доштем. Ҳамроҳонам, аз ҷумла Ғоибназар, оббозӣ мекарданд. Ман ки оббозиро наметавонам, ба онҳо ҳасад мебурдам. Яке аз рафиқон таклиф кард, ки ман ҳам оббозӣ кунам, ки ӯ дар ноомади кор ба ман ёрӣ мекунад. Ман чанд метр болотар рафта, худро ба рӯд задам, баъди 4-5 метр рафтан даступозаниям ёрӣ намерасонд. Он рафиқ ба об парида дастам бигирифту аз об баромадем. Ғоибназар то ҳол ҳамон ҳодисаро бо пардоз нақл карда, дар охир гӯё "Наҷот диҳед!" гуфта ёрӣ пурсидани маро махсус таъкид менамояд.

Мо ҳар сол дар факултет ба муносибати Рӯзи артиши шӯравӣ газетаи деворӣ мебаровардем ва ман чанд сол шеъри Ғаффор Мирзо -"Посбон ҳушёр бош!"-ро дар аввали рӯзнома дарҷ мекардам. Дигарон ба ин эътибор намедоданд. Вале Ғоибназар ифодаи -"Посбон ҳушёр бош!"-ро назди ман ба забон оварда, хеле зарифона раво набудани такрори ҳамешагии як шеърро дар рӯзномаи деворӣ хотирнишон менамуд.

Тобистони соли 2017 Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои аъзои пайваста ва вобаста озмун эълон кард ва банда барои ишғоли вазифаи узви вобаста ба шуъбаи илмҳои адабиётшиносӣ ҳуҷҷат супоридам. Бандаро дар ин озмун Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бо имзои Ғоибназар ва Ёралӣ Содиқов дастгирӣ намуд. Оре, чи хеле ки мегӯянд: "Як гули мақсуд дар ин бӯстон, чида нашуд бе мадади дӯстон".

Аз фурсат истифода бурда ин дӯсти қадрдонро бо фарорасии 75-умин баҳори умраш муборакбод карда, сиҳатӣ, осудагӣ ва комёбиҳояшро дар зиндагӣ таманно мекунам. Худо ёрашон бошад!

# 100 КИТОБИ БАРТАРИ АСРИ XX

Ба таваҷҷуҳи дӯстдорони китоб мерасонем, ки 100 китоби бартари асри XX, ки донишмандони тоҷик Абдуқодир Рустам ин рӯйхатро тартиб додааст, ба хонандаи гиромии рӯзномаи "Анвори дониш" пешниҳод мекунем. 40 дарсади ин китобҳоро аз фурӯшгоҳҳои "Ошёни дониш" ва гузаргоҳи зеризаминии "Садбарг"-и шаҳри Душанбе дарёфт кардан мумкин аст. Ҳамчунин, ҳамаи ин китобҳоро хонандагон метавонанд аз дастандаркорони гурӯҳи "Китобкада"-и шабакаи "Фейсбук" дастрас намоянд. Бояд қайд намуд, ки аксари китобҳо бо забони русӣ мебошанд.

Феҳрист танҳо аз китобҳои насри бадеӣ фароҳам шуда ва таълифи шоиронро фаро намегирад.

Тавзеҳ: хондани осори Марсел Пруст, Ҷеймс Ҷойс, Роберт Музил, Герман Брох, Сэмюэл Беккет, Карлос Фуэнтес хеле душвор аст ва аз хонанда диққат ва сабру ҳавсала мехоҳад. Бинобар ин, аз хонандагони ҷавон мехоҳем, то андӯхтани таҷриба китоби ин нависандагонро ба даст нагиранд, чи мумкин аст, чизе нафаҳманд, китобро дур партоянд ва дилашон баякбор аз адабиёти бадеӣ сард бишавад.

Ва аз дӯстодорони адабиёт хоҳиш мешавад, онҳо низ феҳристи китобҳои писандидаашон аз адабиёти қарни XX-ро таҳия бикунанд, то тавонем аз адабиёти қарни XX ҷаҳон феҳристи миллӣ дошта бошем ва ҷавонон дар шаҳри бузурги адабиёт ба тангкӯчаю паскӯчаҳо ворид шуда, роҳгум назананд.

1. Дар ҷустуҷӯи замони аздастрафта. Марсел Пруст (Фаронса)
2. Улисс. Ҷеймс Ҷойс (Ирландия)
3. Сад соли танҳоӣ. Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Абдуғаффори Абдуҷаббор)
4. Ҷанги охирзамон. Марио Варгас Лиоса (Перу)
5. Доктор Фаустус. Томас Манн (Олмон)
6. Гурги даштӣ. Ҳерман Ҳессе (Олмон- Суис)
7. Устод ва Маргарита. Михаил Булгаков (Русия)
8. Ҳикояҳо ва эссеҳо. Хорхе Луис Борхес (Аргентина) (достонҳои "Инҷили Маркус" ва "Садбарги Параселз" - тарҷумаи тоҷикии Қодири Рустам)
9. Пирамард ва дарё . Э.Хэменгуэй (Амрико) (ин китоб ду бор ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, аввал аз русӣ, ки номи тарҷумонро фаромуш кардаам ва баъдан аз ингилисӣ тарҷумаи Салимҷон Азизмуродов)
10. Хазони умри Одамхудо. Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Кӯҳзод)
11. Чевенгур. Андрей Платонов (Русия)
12. Маймунча. Франсуа Мориак (Фаронса)
13. Қаср. Франс Кафка (Чек-Утриш)
14. Ёддоштҳо. Садриддин Айнӣ (Тоҷикистон)
15. Кӯрӣ. Жозе Сарамога (Португалия)
16. Биёбони татар. Дино Бутсатӣ (Италия)
17. Мурофиа. Франс Кафка (Чек-Утриш)
18. Дата Туташхиа. Чабуа Амирэджеби (Гурҷистон)
19. Калидар. Маҳмуди Давлатободӣ (Эрон)
20. Москва - Петушки. В. Ерофеев (Русия)
21. Саргузашти сарбози чобук Швейк. Ярослав Гашек (Чек) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Ҷумъабой Азиқулов)
22. Бори ҳастӣ. Милан Кундера (Чек)
23. Деҳ. Шаҳр. Қаср (романи сегона). Уилям Фолкнер (Амрико)
24. Молики магасҳо. Уилям Голдинг (Ингилистон)
25. Ретгэйм. Эдгар Лоуренс Доктороу (Амрико)
26. Киштии сафед. Чингиз Айтматов (Қиргизистон) (ба тоҷикӣ тарҷумаи Сорбон)
27. Дони ором. Михаил Шолохов (Русия) (тарҷумаи тоҷикӣ аз Ҳабиб Аҳрорӣ)
28. Марги Артемио Крус. Карлос Фуэнтес (Мексика)
29. Қисса ва достонҳои кӯтоҳ. Иван Бунин (Русия)
30. Гора. Робиндранат Такур (Ҳинд) (тарҷум аи тоҷикӣ, тарҷумонро намедонам )
31. Лолита. Владимир Набоков (Русия-Амрико)
32. Гуруснагӣ. Кнут Гамсун (Норвегия)
33. Меллон мимирад. Сэмюэл Беккет (Ирландия)
34. Достонҳои кӯтоҳ. Акутагава. (Жопан) (тарҷумаи тоҷикии "Азобҳои ҷаҳаннам" аз Қодири Рустам)
35. Зиндагии Клим Сангин. Максим Горкий (Русия)
36. Шоҳзодаи кӯчак. Антуан де Сент-Экзюпери (Фаронса) (тарҷумаи тоҷикии Гулназар, Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ ин китобро дар тарҷумаи форсии Абулҳасани Наҷафӣ ба хатти сириллик низ чоп кард)
37. Пойтахти куҳан. Ясунари Кавабата (Жопан)
38. Буфи кӯр. Содиқи Ҳидоят (Эрон)
39. Ғавғо ва ғазаб. Уилям Фолкнер (Амрико)
40. Се рафиқ. Эрих Мария Ремарк (Олмон)
41. 1984. Ҷорҷ Оруэлл (Ингилистон)
42. Роҳи Абай. Мухтор Авезов (Қазоқистон) (тарҷумаи тоҷикии ду ҷилди аввали китоб аз Эммануэл Муллоқандов)
43. Нақораи ҳалабӣ. Гюнтер Грасс. (Олмон)
44. Дарвеш ва марг. Меша Селимович (Югославия (Сербия)
45. Бехонумон. Йонас Авижюс (Литва) (тарҷумаи тоҷикӣ аз Ҷумъабой Азизқулов)
46. Номи садбарг. Умберто Эко (Италия)
47. Дар интизори барбарҳо. Ҷ. М. Кутзее (Африқои Ҷанубӣ)
48. Баччагони нимашаб. Салмон Рушдӣ (Ҳинд - Ингилистон)
49. Фарҳанги хазарӣ. Милорад Павич (Сербия)
50. Достонҳои кӯтоҳ. В. Шукшин (Русия) (тарҷумаи тоҷикии Ҷумъабой Азизқулов, Ҷонибек Акобиров, Анвар Олимов)
51. Нотурдашт. Ҷ. Д. Селинҷер (Амрико)
52. Галаҷазираҳои Гулаг. Александр Солженитсин (Русия)
53. Қиссаҳо. Васил Биков (Беларус) (қиссаи "Сотников" тарҷумаи Аскар Ҳаким)
54. Сандро аз Чегем. Фозил Искандар (Русия)
55. Театри оҳанин. Отар Чиладзе (Гурҷистон)
56. Хӯшаҳои хашм. Ҷон Стейнбек (Амрико)
57. Доктор Живаго. Борис Пастернак (Русия)
58. Педро Парамо. Хуан Рулфо (Мексика)
59. Гэтсбии бузург. Френсис Скотт Фитсҷералд (Амрико)
60. Таҳаввуъ. Жан Пол Сатр (Фаронса)
61. Паямбар. Ҷуброн Халил (Лубнон)
62. Достонҳои кӯтоҳ. Онелио Хорхе Кардосо (Куба)
63. Бозиҳои классикӣ. Хулио Кортасар (Аргентина)
64. Варавва. Пер Лагерквист (Суид)
65. Парвоз бар фарози лонаи фохта. Кен Кизи (Амрико)
66. Хобгардҳо. Герман Брох (Утриш)
67. Зане дар регистон, Кобо Абэ (Жопан)
68. Намоишномаҳо. Бернард Шоу (Ингилистон)
69. Мартин Иден. Ҷек Лондон (Амрико) (тарҷумаи тоҷикии Ӯктами Холиқназар)
70. Моҳ ва фулус. Сомерсат Моэм (Ингилистон)
71. Камо грядеши. Генрик Сенкевич (Лаҳистон)
72. Гойя. Лион Фейхтвангер (Олмон)
73. Асбҳо, асбҳо. Кормак Маккарти (Амрико)
74. Одамкуши кӯр. Маргарет Этвуд (Канада)
75. Пианистка. Элфрид Элинек (Утриш)
76. Бо чашми масхарабоз. Генрих Бёлл (Олмон)
77. Зиндагиномаи воқеии А-Кю. Лу Син (Чин) (тарҷумаи тоҷикии Қодири Рустам)
78. Пистони бузург, сурини лумба. Мо Ян (Чин)
79. Инсони исёнкор. Сизиф. Албер Камю (Фаронса)
80. Одами бешохиса. Роберт Музил (Утриш)
81. Шоша. Исаак Бешевис-Зигнер (Лаҳистон)
82. Саргузашти Шерлок Холм. Артур Конан Дойл (Ингилистон) (тарҷумаи тоҷикии Шариф Шараф)
83. Нафрат. Алберто Моравио (Италия)
84. Бодбурдаҳо. Маргарит Митчелл (Амрико)
85. Қисса ва достонҳо. Валентин Распутин (Русия)
86. Миссис Деллоуэй. Вирджиния Вулф (Ингилистон)
87. Номи ман сурх аст. Урҳон Помук (Туркия) (тарҷумаи тоҷикии Муҳаммадшарифи Рустам)
88. Достонҳои танзӣ. Азиз Несин (Туркия) (тарҷумаи тоҷикии Кӯҳзод ва боз тарҷумони дигаре, ки исмаш ёдам нест)
89. Кушторгоҳи шумораи панҷ, ё юриши салибии баччагон. Курт Воннегут (Амрико)
90. Қиссақҳо. Грант Матевосян (Арманистон) ("Говмеш" тарҷумаи Саттор Турсун, "Водии сабз" тарҷумаи Қодири Рустам)
91. Ҳикояҳо. Фазлиддин Муҳаммадиев (Тоҷикистон)
92. Қонуни абадият. Нодар Думбадзе (Гурҷистон)
93. Амрикоии ором. Грэм Грин. (Ингилистон)
94. Хонанда. Бернхард Шлинк (Олмон)
95. Мисё Иброҳим ва гулҳои Қуръон. Эрик-Эмануэл Шмитт (Фаронса)
96. Ҳикояҳо. Ҷ. Д. Селинҷер (Амрико)
97. Ошиқи леди Чаттерлей. Дэвид Лоуренс (Ингилистон)
98. Лабони рангзада. Мануэл Пуиг (Аргентина)
99. Хонаводаи Паскуал Дуарте. Камило Хосе Села (Испания)
100. Фоҷиаи амрикоӣ. Теодор Драйзер (Амрико)

*Чанд ба ноз парварам меҳри бутони сангдил,*
*Ёди падар намекунанд ин писарони нохалаф. Ҳофиз*

Анвори дониш
№11 (293), ПАНҶШАНБЕ, 27.06.2019

# ХЕЗ, ОЧАҶОН, ГУЛ ОВАРДАМ!



*Бобохон ҶӮРАЕВ, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ*

Омад-омади фасли баҳор буд. Сабзаҳо неш зада, дарахтони бодом, зардолую олуча, себу биҳӣ гуларӯсони чаканпӯшро пеши назар ҷилвагар месохтанд. Насими форами баҳорӣ накҳати хушу мафтункунандаи долу дарахтон ва гулу буттаҳои атрогинро бедареғ ба машоми кас арзонӣ намуда буд. Бинанда аз ин манзараи дилфиреби табиат мафтун гардида, аз нафаси рӯҳафзои ҳаётбахши баҳорӣ лаззати беқиёс мебурд. Вале аз ин марҳамати баҳорӣ бенасиб будӣ, очаҷон, бемории вазнин имкон намедодат, ки зебогиҳои табиати имсоларо бубинию аз он баҳра бардорӣ. Ана, дар ҳамин рӯзҳои накҳатбори баҳорӣ сари турбати хокат омадам, очаҷон. Омадам то тӯҳфаи нобахшидаамро бароят бахшам. Очаҷон, ман дигар кӯдак наям, тарсу нестам, мард шудаам, як тан марди баору номуси Ватан. Аз оғӯши гарму нафаси рӯҳбахшат сер нашуда будам, таркам намудӣ, ҷаҳони кӯдакиям тира гашту торик. Вале оқилони деҳаамон маслиҳат карданду маро ба оғӯши модари дуюмам-мактаб-интернати "Коммунизм"-и овозадори ноҳияи Москва (ҳозира ба номи С. Фаттоеви ноҳияи Шамсиддин Шоҳин) доданд. То кунун ман худро ятиму бекас намедонам. Медонӣ, очаҷон, онҷо модарамро, бародарону хоҳарономамро ёфтам, ҳарчанд ки бе модар, бе хоҳару бародар будам, муаллимони мушфиқу меҳрубон падарвор, мураббияҳо модарвор ва ҳар як тарбиятгирандагони мактаб-интернат ба ман чун фарзанду бародари ҷонии худ муносибат мекарданд. Мо сағермондаҳо худро дар интернат озод ҳис мекардем ва калимаи сағераро аз хотир бароварда будем. Ҳарчанд дар мактаб-интернат ҳеҷ мушкилие надоштам, ҳамеша ёдат мекардам, очаҷон, хаёлан худро дар оғӯшат медидам, навозишҳои гарматро ёд мекардаму ба ҷойҳои хилват рафта мегиристам. Бисёр мегиристам, зеро ягона каси наздикам будӣ дар ин дунё, ки дигар онро ҳам надоштам. Ҳатто рӯи падарамро дар ёд надорам. Фаромӯш накардаам, ки "даҳрӯза будӣ падарат вафот кард", мегуфтӣ. Ҷои меҳри падарамро навозишҳои модаронаат гирифта буд. Ҷойи оғӯши гарм ва навозишҳои модарро ҳеҷ гуна меҳру муҳаббат ва дӯстдориҳо гирифта наметавонистааст, очаҷон.

Очаҷон, ба ёдат ҳаст, се моҳ боз дар бистари беморӣ хоб будӣ ва рӯзе аз ман пурсидӣ:

- Бобоҷон, гули наврӯзӣ баромада бошад?

- Надонам, очаҷон. Гули наврӯзиро дӯст медоред, очаҷон, - гуфта пурсида будам.

- Ҳа-а, ба-чам,- бо овози хаста аранге ҷавоб дода будӣ.

Дар ҳамин асно кампири Обида, ки ниҳоят зани меҳрубону нармсухан буд, ба аёдатат омад. Аз чи бошад, ки дуру дароз ба рӯят синчачакунон нигоҳ карда ба ман: "Рав, Бобоҷон, бо ҷӯраҳоят то ба дилат задана бозӣ карда гард, ман ҳамроҳи модарат то шом шудана мешинаму аз ҳолаш бохабар мешавам" - гуфта буд кампири Обида.

Шодикунон ба кӯча баромадам. Дар майдончаи начандон калони дуртар аз ҳавлиамон, ки аз дарахтони сояафкану мевадиҳанда гулрез буданд, духтарон гурӯҳ- гурӯҳ шуда, қисме ба арғунчакбозӣ (ҳойравӣ), қисме ба панҷакбозӣ ва хурдтаракон ба лухтакбозӣ, бачаҳо бошанд ба чиликбозию гӯштингирӣ машғул буданд. Гурӯҳи дигари бачаҳо, ки синну солашон аз мо калон буданд, байни худ маслиҳат намуданд, ки ба гулчинӣ мераванд. Аз онҳо хоҳиш намудам, ки маро ҳароҳи худ гиранд. Турсунмурод ном бачаи хушфеъле, ки дар синфи нӯҳум мехонд, ба ман гуфт, ки ту хурд ҳастӣ ва қуввати бо мо рафтанро надорӣ, назди очаи беморат рав, гул чида омадем, ба ту ҳам медиҳем. Онҳо рафтанд. Ман андеша кардам, ки бо дастони худам бояд ба модари беморам гули наврӯзиро ҳадя намоям. Рӯ ҷониби талу теппаҳо намудам. Бо гузашти соатҳо ба мавзеи Дашти Мирӣ, ки атрофи онро теппаҳои пасту баланд иҳота карда буданд, расидам. Ин тарафу он тараф давида, оқибат макони гулҳоро ёфтам ва бо шавқи зиёд як даста гул чида, хушҳолона роҳи деҳаро пеш гирифтам. Дар роҳ бо худ меандешишам, ки ба хона расида, аз дар даромадан замон "Ана, очаҷон, гулҳои наврӯзӣ овардам" гуфта, очаамро хурсанд мекунам.

Чун як теппаро пушти сар намуда, будам, ки ҳаво тағйир ёфтан гирифт ва абрҳои сиёҳи баҳорӣ дар як замон осмонро фаро гирифтанд. Чанде нарафта будам, ки борон кам-кам ба боридан сар кард. То расидан ба деҳа камаш як соат роҳ гаштан лозим меомад. Гаштамро тез намудам, вале борон аз ман тезтар буд. Борон чунон ба боридан сар кард, ки гумон мекардӣ гӯё аз осмон об мерехта бошанд. Ин дер давом накард. Тахминан баъди 20-25 дақиқа борон гӯё аз аспи ҷаҳл фуромада буд, оҳиста, вале якзайл меборид. Шамоли хунук ҳам ба вазидан сар карда буд. Шамоли андаке сарди баҳорӣ оҳиста-оҳиста корагар мешуд, ларза баданамро фаро гирифт, зеро либосҳоям аллакай тар шуда буданд, вале ба он аҳамият намедодам. Танҳо орзуи тезтар ба очаам расонидани гулҳои наврӯзиро доштам.

Гашти рӯз бо либосҳои таршудаю лойолуд ба ҳавлиамон наздик шудам. Дидам, ки рӯйи ҳавлиамон пур аз зану мард-ҳамсояҳост. Одамони зиёдро дида, дар ҳайрат мондам, чи будани ҳодисаро сарфаҳм нарафта, ҳайрон-ҳайрон ба онҳо менигаристам. Касе ба ман аҳамият намедод… Кампири Обида наздам омаду оҳиста "Бобоҷон, рав, бо очаат хайрухуш намо!" гуфт. Ман вориди хона шудам. Ҳамсоязанҳо баробари маро дидан ҳой-ҳой карда, ба гиря даромаданд, нолаю фиғон бароварданд. Дидам, ки хоб ҳастӣ, очаҷон. Чунон хоби сахт будӣ, ки омадани бачаи ягонаи сағерамондаатро ҳис накардӣ. Болои сарат рафтаму бо овози ларзон садо кардам:

- Очаҷон, хез, бароят гул овардам. "Гули наврӯзиро дӯст медорам", гуфта будӣ-ку. Чашмонатро кушо, очаҷон, бин, чи хел гулҳои зебо овардаам, бигир инҳоро аз дастам. Охир, барои хурсанд карданат ба гулчинӣ рафтам, то гули дӯстдоштаатро ҳадя намуда, андаке бошад ҳам дили озурдаатро хурсанд намоям… Маро намешунидӣ, очаҷон, ба дастагули дастам нигоҳе намекардӣ. Дили кӯчаки ман он замон гӯё аз тапиш монда буд. Одаму олам бароям якранг буд. Бо дили бирён ва ашки сӯзон, ки рӯямро мешуст, бесадо мегиристаму ба рӯят дида медӯхтам. Рӯи шир барин сафеду лоғаргаштаат боз ҳам зеботар шуда буд. Бори аввал медидам, ки очаи ман ин қадар хушрӯ будааст…




Мардуми деҳа тобутатро ҷониби гӯристон мебурданд. Аз қафои тобутат "Очаамро набаред, шабона бе очаам метарсам, очаҷон, туро куҷо мебаранд," гӯён медавидам. Ким-кадом як мард "Ин кӯдакро намонед сари гӯр равад" гуфт. Вале Рӯҳулло ном мӯйсафеди нуроние, ки ду-се хона болотар дар ҳамсоягиамон мезист, "Монед, мардакча хонаи охирати модарашро бинад!" гуфта сарамро сила карду дастамро гирифта, то лаби гӯрат бурд, очаҷон. Пас аз ба хок мондани мардум ба деҳа баргаштанд. Бобои Рӯҳулло санги начандон калони сафедеро бардошта оварду "Инро болои гӯри модарат мон!" гуфт. Ман, ки ба чизе сарфаҳм намерафтам, аз ӯ сабабашро пурсидам. Санг нишонаест дар оянда барои ёфтани гӯри модарат,- гуфт бобои Рӯҳулло.

Ҳа, очаҷон, қариб фаромӯш карда будам. Маро бубахш, ки ин дафъа аввал ба санги сафед салом додам. Медонам, очаҷон дили нарм дорию баъд аз Худованд бахшандаӣ, маро мебахшӣ, зеро дар ин даҳ соли дар хизмати давлатӣ ва дур аз Тоҷикистони азиз буданам гӯристони деҳа ба маротиб зиёд шудааст ва турбататро аз рӯи ана ҳамин нишона (санги сафед) ба осонӣ ёфтам.

Очаҷон, ба зиёратат омадам ва бо худ як даста гули наврӯзӣ овардам. Наврӯзат муборак, очаҷон.



*Шермуҳаммад ТОИРОВ, ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он*

## ТАВАЛЛУДИ ДУБОРА

*Раҳми парвардигори мо омад,*
*Нури ҳақ бар диёри мо омад.*
*Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,*
*Сулҳи бунёдкори мо омад...*
*Лоиқ Шералӣ*

Шояд мо миллати баргузида бошем, ки ба бахти мо Эмомалӣ Раҳмон сарвари давлатамон гашт ва сулҳеро, ки тамоми пешравиву тараққиёти минбаъдаи мамлакати мо аз он вобастагии калон дорад, овард.

Сулҳ пояҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар замин сахт мустаҳкам сохт ва он барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва фарҳангиву иқтисодӣ заминаҳои комили моддиву маънавӣ фароҳам овард. Сулҳу ваҳдате, ки имрӯз дар бораи он бо ифтихор сухан меронем, ба осонӣ ба даст наомадааст. Барои ба сулҳу оштии миллӣ расидан таҳти роҳбарии мондагортарин чеҳраи сиёсии асри XX ва XX1-и миллати тоҷик сарвари тоҷикони ҷаҳон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо ҷонбозиҳо намуданд.

Тавассути ҳамин шахсияти барҷастаи сиёсӣ 22 сол боз миллати тоҷик дар фазои сулҳу амонӣ зиндагӣ мекунад ва нафаси озод мекашад. 22 сол ин фосила кам нест, чоряки умри одамизод аст.

Дар бисёр мамолики ҷангзада ҳатто як рӯзи онро орзу карда наметавонанд. Ҳатто барои 3 рӯзи оташбас бо Толибон дар Афғонистони ба хун оғӯшта одамон ашки шодӣ рехта, саҷдаи шукр ба ҷо меоварданд. Як сокини афғон бо ҳасрат аз қабристонҳои ҳар рӯзу ҳар соат нав ба нав сухан ронда, гуфт: "Марг моро ҳар куҷо думболагир аст. Мо намедонем, ки дар куҷо мемирем: дар хона, дар ҷогаҳ, дар масҷид, дар роҳ, дар мадраса, дар ҷои кор. Мо дар ҳама ҷо таъқиби маргро мебинем. Занону кӯдакон ҳар рӯз гирифтори қатлу кушторанд. Мо, сарварону роҳбарони хирадмандеро орзу дорем, ки ба сарзамини мо сулҳ биёранд."

Ба андешаи банда шояд чунин роҳбарон мисли сарвари муаззами мамлакати мо ангуштшумор бошанд. Барои ба сулҳу ваҳдат расидан шояд донишу заковати генеалӣ лозим бошад. Барои сулҳу ваҳдат овардан ба мардуми худ хиради азалӣ, нангу номуси миллӣ, ҷасорат ва мардонагӣ, дили орӣ аз бугзу кина, тинати пок ва ҷавонмардӣ лозим аст. Мо хушбахттарин миллате ҳастем, ки сарвари давлати мо чунин хислатҳоро дорост.

Аввалин шуда ба сӯи рақиб дасти оштӣ дароз кард, ин мардонагиро талаб мекунад. Дар қавли худ истодан ин ҷавонмардиро тақозо мекунад. Саъю кӯшишҳои роҳбари давлат дар ин самт бесобиқа арзёбӣ мегардад.

Аз ошҳои оштӣ сар карда, то мулоқот дар дараи Панҷшери Афғонистон ва мулоқотҳои чандкарата дар мавзеъҳои гуногуни Тоҷикистон ва минтақаҳои олам, доимо ба сулҳу салоҳ даъват кардан, гузашт кардан ин намунаи баланди ҷавонмардӣ ва инсондӯстӣ аз тарафи сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Барои ба ифоқа ва ваҳдати миллӣ расидан, Комиссияи оштии миллӣ ташкил карда шуд. Ҳатто вазифаҳои масъули давлатиро мувофиқи талаботи роҳбарони мухолифин Ҳукумати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30%-и вазифаҳои баланд ва масъули давлатиро ба онҳо супорид.

Баъди саъю талошҳои зиёди Эмомалӣ Раҳмон билохира, 27.06.1997 дар шаҳри Маскав бо иштироки ҳайати мухолифин ва ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсиятҳои ҷамъияти созишномаи сулҳ ва истиқрори миллӣ баста шуд. Дар чеҳраи мардум аз хурд то бузург табассум гул мекард. Ҳазорон-ҳазорон аз хурд то бузург ашки шодӣ мерехтанд. Шояд он рӯз рӯзи дубора таваллуд шудани мардуми тоҷик буд.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ таваллуди дубораи мардуми тоҷикро ба тамоми ҳамватанони азиз табрик муборакбод мегӯям.

# ВАҲДАТ - КАФИЛИ БАҚОИ МИЛЛАТ

27-уми июни соли 1997. Ин рӯз барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ, барои ҳар як фарди ватандӯсту худогоҳ рӯзи саиду муқаддас аст. Зеро маҳз дар ҳамин рӯз хуршеди бахту иқбол дар болои сари мардуми азияткашидаи мо тулуъ намуду Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати қонунии Тоҷикистон ва нерӯҳои мухолифин ба имзо расид. Бо ба имзо расидани ин санади муҳиму тақдирсози таърихӣ садои шодии мардум дар паҳнои кишвари ҷангзада ба фазо печид ва аз забонашон суханони шукрона ҷорӣ гардид. Зеро ба хубӣ дарк намуданд, ки сулҳ боиси амну осоиши халқу Ватан ва Ваҳдати миллӣ дар зиндагӣ муҳимтарин дастовардест, ки падидаи ояндасоз ва амаликунандаи орзую ормонҳост. Адибони тоҷик низ аз ин рӯйдоди фараҳбахш илҳом гирифта, шеърҳои мондагору арзандае таълиф намуданд. Аз ҷумла, Лоиқи ширинбаён ин маъниро хеле муассир баён карда буд:

***Раҳми парвардигори мо омад,***
***Нури Ҳақ бар диёри мо омад.***
***Ҷанги девонавори мо бигзашт,***
***Сулҳи деринтизори мо омад.***

Оре, нуре падид омад, ки моро аз зулмот баровард, ҷаҳише ба вуҷуд омад, ки ба таври ҳамешагӣ моро аз муҳтоҷ будан ба бегонаген ва гирифторӣ дар банду бало раҳоӣ бахшид. Ваҳдатеро, ки бо сарсупурдагии фарзандони фарзонаи миллатамон бо сарварии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад, ҷуз ҳадяи Худованд наметавон номгузорӣ кард. Дар роҳи ба даст овардани сулҳ хизмати халқи тоҷик барҷаста аст. Дар ин бора Пешвои миллат хеле хуб ва равшан қайд намудаанд: "Таъкид кардан бамаврид аст, ки барои пирӯзии сулҳ дар Тоҷикистон , пеш аз ҳама хизмати таърихии худи миллати тоҷик , ки



хоку гилаш аз сулҳпарварию инсондӯстӣ сиришта шудааст, басо бузург мебошад". Расидан ба Ваҳдати миллӣ боиси он шуд, ки миллати мо ба қуллаҳои нав ба нав дар ҳама соҳаҳо муваффақ гардад. Ваҳдат ба сифати як шакли зуҳури андешаи миллӣ дар пойдории халқу кишвар нақши бузург бозид. Маҳз ҳамин андешаи миллӣ халқу миллати моро аз озмоишҳои сангини таърих сарбаландона раҳоӣ бахшид, мардумро ба соҳили мурод расонида, умедро ба ноумедӣ, бовариро ба нобоварӣ пирӯз гардонид ва ба мардум фардои хушу хуррам ва босаодатро эҳдо намуд. Имконият фароҳам омад, ки кишвари маҳбуби мо ба марҳлаи нави давлатдории миллӣ қадамҳои устувор гузорад.

Вақте ки дар бораи Ваҳдат сухан меғӯем, бояд пеш аз ҳама маънои ин мафҳумро дуруст дарк намоем. Зеро дар ҷомеаи муосири демократӣ умр ба сар мебарему аз файзи Ваҳдату истиқлолияти комил баҳра мебарем. Вожаи "ваҳдат" дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" ба маънои "ягонагӣ, танҳоӣ, яке будан" шарҳу эзоҳ дода шудааст. Вале онро набояд ба маънои маҳдуд , балки ба маънои васеъ фаҳмид.

Ин вожа бештар ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ дошта, ҳаргиз маънои якнавохтии ҷомеа ва ё дар ҳамаи масъалаҳо мавқеи ягона доштани ҳамаи нерӯҳои сиёсиро надорад, балки ба назари мо шаҳрвандон ва аҳзоби сиёсӣ метавонанд дар масъалаҳои гуногун назари хоси худро дошта бошанд, вале дар масоили ҳифзи давлату миллат, истиқлолияти давлатӣ , якпорчагии кишвар ва манфиатҳои миллӣ бояд мавқеи ягона ва устувор дошта бошанд.

***Назарзода Н.Г., подполковники милитсия, мудири кафедраи фанҳои махсуси МДТ Колеҷи милитсия ВКД ҶТ бо қарогоҳ дар шаҳри Кӯлоб***



*Робиямо КУРБОНОВА, узви гурӯҳи вакилии ҲХДТ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб*

# ИДЕОЛОГИЯИ ТТЭ ҲНИ

Таҷрибаи башари собит месозад, ки ба озодии комилу истиқлолият расидани ҳар як миллату давлат бе ба даст овардани ваҳдати миллӣ, якдигарфаҳмӣ, меҳр ба Ватану сарзамини худ номумкин мебошад. Халқи тоҷик, ки чандин ҳазор сол дар ҷаҳон ҳукмрон буд, дар ҳазор соли охир тахти шиканҷаи бегонагон қарор гирифт. Лекин фарҳанги волои миллат, тахти сарвари фарзандони содиқи Ватан тавонист, ки тоҷикро ҳамчун миллати соҳибватан то имрӯз нигоҳ дорад.

Донистану омӯхтани рукнҳои Ваҳдати миллӣ барои насли имрӯзу фардои Ватан бояд муқаддасу ҷовидонӣ бошад. Хушбахтии ин миллату ин сарзамини биҳиштосо буд, ки бо амри тақдир аз рӯзҳои аввали Сарвари давлати тозабунёди Тоҷикистон интихоб шудани Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқии худро ба савганди хурдааш дар назди халқу миллат собит намуд.

Тоҷикистонро имрӯз мамолики дунё чун давлати воҳиду ягона ва дорои фарҳанги қадиму воло мешиносанд. Дар тули садсолаҳои зиёди таърихи пурфоҷеаи тоҷикон, аввалин бор тахти сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ба Ватан ва хонаи умеди тоҷикони ҷаҳон табдил ёфт.

Аммо ҳоло ҳам душманони миллати тоҷик ором нашуданд. Ба монанди ТТЭ ҲНИ, ки бо тарҳу барномаҳои муғризона мехоҳад Тоҷикистонро боз мисли солҳои навадум ба майдони хунрезиҳо табдил диҳад.

Аъзои ТТЭ ҲНИ ва роҳбарашон Кабирӣ хуб медонанд, ки гуноҳашон дар назди миллат хеле вазнин аст. Бинобар ин, ба хотири ҷуброни маблағҳои аз хориҷа ба даст овардааш Кабирӣ маҷбур гаштааст, ки дар байни баҳри беканори хиёнат дасту почак занад.

Мардуми Тоҷикистон ба идеологияи ТТЭ ҲНИ хуб ошно гашт ва паёмадҳои талхи онро дар солҳои навадум дид. Маълум гашт, ки он идеология ба халқ ба ҷуз бадбахтӣ ҳеҷ чиз дода наметавонад. Аз аввали таъсиси ин ҳизб то имрӯз дастпарварони ТТЭ ҲНИ бештар ба дигар гурӯҳҳои тундрав гаравиданд. Онҳо раҳгумзадагон.

Солҳост шоҳидем, ки дар давлатҳое, ки ҳизбҳои динӣ бо мазҳабҳои худ фаъолияту талоши ба сари қудрат расиданро доранд, дар он давлатҳо фақат кашмакашиву ихтилофҳо ҷой доранд. Шаҳрҳо хароб гашта, одамони бегуноҳ кушта мешаванд.

Дасту почакзаниҳояшон ба ин ҷо расидааст, ки ТТЭ ҲНИ аз ҳисоби як зумра раҳгумзадагони дигар анҷумани бо ном озодандешонро ташкил кунад ва инро тавре содалавҳона, ки гӯё касе намедонад ин ҳамон шохаи ТТЭ ҲНИТ аст. Аммо ҳама аз ин ҳиллаҳои ТТЭ ҲНИ огоҳанд. Ин равиши аввомфиребона боис гардид, ки анҷумани онҳо ба як анҷумани масхара табдил ёбад ва ҳатто дар як нигоштае он "Шайтонанҷумани шайтонбаччаҳои озодандеш дар Вена" ҳам ном гирифта буд. Беле, ин шайтонбаччаҳо роҳи роствиу ҳақиқатро гум кардаанд.

Таърих ҳеҷ гоҳ фаромуш намешавад. Ҳар инсоне, ки тафаккури солим дорад, ҳеҷ гоҳ он рӯзҳои фоҷеаборо миллатро фаромӯш намекунад.

Наҳзатиҳо ҳоло ҳам беватан дар хориҷӣ кишвар «пуштибонӣ» аз Исломро шиори худ намуда, мехоҳад тахти ҳамин шиор тоҷикону тоҷикистониёнро бадном намояд ва аз ин ҳисоб соҳиби маблағу сарпаноҳ гашта, ҳаёт ба сар барад.

Мо, тоҷикон, ки мусулмон ҳастем ба хотири эмин нигоҳ доштани якпорчагии марзу буми Ватани хеш бояд ҳушёриву зиракиро аз даст надиҳем.

# ТАРБИЯИ ФАРЗАНД-ВАЗИФАИ ВОЛИДАЙН



*Умед ЗАРИПОВ, ассистенти кафедраи риёзӣ-табиатшиносии Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

Бояд зикр намуд, ки оила худ як боғест, ки дарахтонаш падару модар ва меваҳояш фарзандон ба шумор мераванд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дарахтон ҳам меваи ширин ва ҳам меваи талх медиҳанд. Фарзандон низ ба мисли меваҳо ҳам ширин ва ҳам талх мешаванд, аммо ин ҳолат аз худи падару модар вобастагӣ дорад. Агар волидайн хоҳанд, ки фарзандашон меваи ширин шаванд, бояд фарзандро хуб тарбия кунанд, то оянда шахси ба ҷомеа муҳиму даркорӣ ба воя расанд.

Бузургон фармудаанд, ки "Бузургтарин хушбахтии ҳар як одам дар руйи дунё фарзанд ба шумор меравад." Ҳакиме дар бораи тарбияи фарзанд чунин мефармояд: "Фарзандро то 5-солагӣ ба мисли шоҳзода тарбия намо, яъне ҳамеша ба ӯ бо меҳру муҳаббати зиёде нигоҳ куну сухан гӯй. Дар ин ҳолат ӯ аз ҳама одами наздиктаринаш дар дунё туро медонад. Аз 5-солагӣ то 12-солагӣ ба мисли ғулом тарбия намо, ӯро тахти фишор қарор бидеҳ. Ҳамеша ӯро кор фармо ва гушмолаш бидеҳ. Аз 12-солагӣ боло ба мисли дӯсти худ бидоннашу кӯшиш намо, ҳамаи мушкилиҳояшро ӯ бо ту дар миён гузорад. Чунки ӯ алакай бузург шудаасту ҳама чизро дарк мекунад."

Албатта ҳар як волидайн мехоҳад, ки писараш дар оянда як шахси намунавӣ дар байни ҷомеа бошад. Бузургон мефармоянд, ки "Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ." Агар волидайн хоҳад, ки писараш дар вақти пирӣ асои дасташ шаваду ӯро нигоҳубин кунад, пас бояд аз хурдӣ то калон шуданаш ӯро ҳамеша бо меҳру муҳаббат тарбия намояд. Албатта дар тарбияи фарзанд сахтгирӣ лозим аст, аммо ин маънои онро надорад, ки аз 5-солагӣ ӯро тахти фишор қарор диҳӣ. Дар дунё ягон одам бегуноҳ намешавад. Аммо писар вақте гуноҳ кард, хубтараш ба ӯ бо меҳру муҳаббат фаҳмонӣ, ки "Писарам, ин коре, ки ту мекунӣ ғалат аст." Мегӯянд ки "Сухани хуб ҳатто морро аз хонааш меборорад." Пас, наход, ки фарзанди одам бо гапи хуб ислоҳ нашавад?

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - САОДАТИ МИЛЛӢ



*Бедилҷон ШАРИФОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*

Баъди зиёда аз ҳазор соле, ки миллати тоҷик дар зери итоати давлатҳои гуногун арзи вуҷуд дошт, 9-уми сентябри соли 1991 истиқлолияти деринтизори худро ба даст овард ва соҳиби давлати соҳибихтиёр - Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Барои миллати тоҷик истиқлолият бузургтарин дастоварди замони муосир гашт, зеро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақил эътироф гардид. Истиқлолият боиси эҳёи шодию хурсандӣ дар хонадони ҳар як тоҷик гардид.

Мутаассифона, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ бадхоҳони миллат баҳри нобудии давлати тозабунёди тоҷикон талош варзиданд. Ин бадхоҳон то ҷое ба мақсадҳои палидонаи худ комёб шуданд ва аз соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оташи ҷанги шаҳрвандиро афрӯхтанд. Ин ҷанги хонумонсӯз, ки то соли 1997 идома ёфта, талафоти зиёдеро ба бор овард. Бахусус, ҳазорҳо шаҳрвандони бегуноҳ ҷони худро аз даст доданд, мардуми зиёде ба давлатҳои ҳамсоя ҳамчун гуреза оввораву саргардон шуданд, қариб тамоми соҳаҳо фалаҷ шуд, гуруснагии шадид кишварро фаро гирифт. Тамоми зарарҳои ин ҷанг зиёда аз 10 миллиард долларро ташкил дод. Ин падидаи номатлуб дар таърихи навини халқи тоҷик ҳамчун "ҷанги шаҳрвандӣ", "ҷанги бародаркуш", "ҷанги хонумонсӯз" дарҷ гардидааст.

Барои хомӯш намудани оташи алангагирифтаи ҷанги шаҳрвандӣ ва барои расидан ба сулҳу ваҳдат музокироти зиёде миёни ҳукумат ва мухолифин баргузор гардид, ки зиёда аз 40 моҳ давом кард. Ниҳоят 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати кишвар ва нерӯҳои мухолифин ба имзо расид. Ин созишнома ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид.

Бояд қайд намуд, ки саҳми фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расидан ба сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ягонагии миллат бениҳоят бузург аст. Маҳз ҷонбозиву ҷонфидоӣ ва роҳбарии дурандешонаи Пешвои миллат буд, ки давлати миллии тозабунёди тоҷикон аз вартаи нобудшавӣ раҳо ёфт, осоиштагӣ дубора ба хонадони миллати тоҷик бозгашт, гурезагони тоҷик аз давлатҳои дигар ба ватани худ баргаштанд ва Тоҷикистон ба роҳи инкишофи устувор равона гашт.

Боиси хушбахтист, ки имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои сулҳу дӯстӣ ва ваҳдату ягонагӣ ҳукмрон аст ва кишвари мо аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз давлатҳои ободу осоиишта эътироф гардидааст. Заминаи асосии рушду инкишофи Тоҷикистон маҳз Ваҳдати миллӣ ба шумор меравад ва ободиву осоиштагии кишвар ва саодати миллат аз баракати Ваҳдати миллӣ мебошад.

Ҷашни Ваҳдати миллӣ муборак бошад! Бигузор сулҳу дӯстӣ ва ягонагии давлати тоҷикон то абад пойдор бошад.

*Маро бӯе расид аз бӯи Ҳаллоҷ,*
*Зи соқӣ бодаи Мансур хоҳам.* Мавлоно

Анвори дониш
№11 (293), ПАНҶШАНБЕ, 27.06.2019

# ИНСОНРО БОЯД АЗ АФСУРДАГӢ БЕРУН КАШИД!

Рафтору гуфтори одамонро дида, осон ба ҳамин хулоса расидан мумкин аст, ки тайи солҳои охир саломатии ҷомеа ба таври ҷиддӣ осеб дидааст. Вақте ки ба омори истеъмоли доруҳои зидди афсурдагӣ (антидепрессант) рӯ меорем, ин хулоса қавитар мегардад. Зеро истеъмоли доруҳои номбурда нисбат ба солҳои қаблӣ дар ҷаҳон даҳ фисад афзудааст. Ин бошад маънои онро дорад, ки нафарони зиёде дар ҷомеа асабониву рӯҳафтода ба сар мебаранд. Ва бисёре аз онҳое ҳам, ки зоҳиран солиму бардам менамоянд, аз доруҳои зикршуда истеъмол мекунанд. Чун истеъмол накунанд, мувозинатро гум карда, дуруст рафтор карда наметавонанд ва дар натиҷа ба худу атрофиёнашон зарар мерасонанд.



Шояд онҳое, ки дар гузашта - дар давраҳои гуногун зистаанд, ба замони мо интиқол ёбанду ҳолу атвори моро бубинанд, шак нест, ки бигӯянд: "инҳо рӯҳан солим нестанд". Табибон аз он изҳори нигаронӣ менамоянд, ки дар ҷомеаи имрӯза гирифторони бемориҳои шизофрения, параноя (девонаавзоӣ) ва ё мегаломания торафт бештару бештар мешаванд. Дардовар он аст, ки худи онҳо, яъне гирифторони бемориҳои равонӣ, аз ҳолати хеш бехабаранд ё онро қабул надоранд. Балки мисли сокинони девонахона худро солим шуморида, атрофиёнро девона меҳисобанд.Табиист, ки ин ҳолат худ аз худ авҷ нагирифтааст. Омилу сабабҳое боис шудаанд. Омилҳои ба психологияи инсон таъсиррасон. Сабаб он аст, ки инсони имрӯза ҳар дақиқат зери фишори равонӣ қарор дорад. Ва ин фишор аллакай аз муҳити хонавода оғоз меёбад. Кӯдак зери фишори волидайн бузург мешавад. Аъзои оила таҳти фишори омилҳои беруна қарор гирифта, бо фишори равонӣ ба хона меоянд, бо ҳамон фишор мехобанд ва боз хаставу афгор бо ҳамон фишор аз хоб мехезанд.

Ин ҳолат ба робитаҳои иҷтимоӣ, оилавӣ, касбиву таълимӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Ин аст, ки асаб хароб гашта, бо ҳар баҳонаи ночиз ба хашм омада, оташ мегирем. Ва наздиконамонро аз рӯи кадом амалу рафтори ноҷояшон, ки дар асл хеле ночизанд, танқид карда, боиси тирагии ҳолаташон мешавем.

Ҳамин тавр сафи дилшикастаҳо меафзоянд, оилаҳои вайроншуда бештар ва афроди ноқис дар ҷомеа зиёд мегардад. Чунин натиҷаи харобиовар дар нафарони заифирода худкуширо ташвиқ мекунад, бесаводиро меафзоянд, бемаърифатона зистанро ривоҷ медиҳад. Бинобар ин ҳарчанд доир ба муҳимияти иқтисодиёти пешрафта, танзими соҳаи тандурустӣ ва беҳбудии тарзи зиндагии ҷомеа суханҳо радду бадал ҳам шавад, барабас аст.

Зимнан, яке аз омилҳои мушаввашкунандаи зеҳну ҳолати одамон дар ҷомеа васоити ахбори умум ва ҳоло шакли маъмули онҳо - сомонаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Агар паҳнкунанда ва истифодабарандаи ин васоит аз одоб, этикаи касбӣ бохабар набошад, барои худ ва барои ҷомеа ҳар гуна расвоиро раво дидан мегирад.

Мафкураи одамони имрӯза нисбат ба мафкура ва ҳамзамон одобу ахлоқи наслҳои пеш қариб ки ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳарчанд арзишҳои маънавии миллатамон буҳтон, ғайбат, дурӯғ гуфтан, касеро сиёҳ кардан, таҳқир намудан барин атвори разиларо қабул надорад, вале ҳоло барои инсони "модерн" чунин паставу касофат минбари аҳсану бартарият ба шумор меравад. Бахусус, агар ба ин "минбар" васоити ахбор низ худро ҷо кардан хоҳад, ҳолати рӯҳӣ-ахлоқии ҷомеа торафт бадтар мешавад. Ҳол он ки вазифаи ин васоит тарбия ва ташаккули зеҳнияти солими ҳар фарди ҷомеа мебошад. Ва ин васоит фишанги хуби таъсиррасон ба зеҳну шуури ҷомеа маҳсуб мегардад.

Пас, коре бояд кард, ки ҳолати рӯҳии инсони бе ин ҳам таҳти фишорҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ қарордоштаро сабук гардонд. На баръакс!

*Дар таърихи забону адабиёти тоҷик шеърҳоеро вохӯрдан мумкин, ки аҳамияту мазмуни бисёр баландро соҳиб ҳастанд. Ин аслан аз донишу заковати муаллифони чунин шеърҳо гувоҳӣ медиҳад. Баъзеи шеърҳои дигар чунон мураккаб ва душворфаҳманд, ки бисёриҳо аз уҳдаи таҳлилаш намебароянд. Шеър чи гунае, ки бошад бояд ба худ як дилчаспи ё ҷаззобияту мазмуни баланде дошта бошад,то хонанда барои аз худ намудани он кӯшиш кунад. Ҳунари баланди муаллифи ин мисраҳои поён гувоҳи он аст, ки тавонистааст 174 калимаро дар қолаби 4 мисраъи шеърӣ ғунҷонад. Дар ҳақиқат ин санъати сухан аст.*

# 174 КАЛИМА ДАР 4 МИСРАЪ

***Душ сармаст ба гулгашт саҳаргаҳ шуда будам, ки яке сарвқаде, лоларухе, ҳуру парӣ, лабшакаре, симбаре, турфанигоре, ки хиромидану рафтору шакархандаву гуфтору ду чашмаш ба фусун - ҳар як аз инҳо ба ҷудоӣ бирабояд зи ошиқ дилу ҷонро.***

***Гуфтам: эй ҷони ҷаҳон, сарви равон, мурмиён, пистадаҳон, абрукамон, ҷумла ҷаҳон сарфи кадамҳои ту созам, агар аз роҳи яқин банданавозӣ бикунӣ, бар сару чашмам қадаме ранҷа намоӣ, ки бувад боиси хушҳолию фархундагию айни сарафрозии ин мухлиси дерини шуморо.***

***Охируламр ба сад нозу карашма ба хиромидану рафтор даромад, ки ту гӯӣ магар ин кабки дарӣ ё ки тазарвест, ки дар боғи синон ҷилвакунон бо ҳаракоту саканоту ба табассум ҳамагӣ сайд кунад шоҳу гадоро.***

***Дар таҳи гулбуни наврустаи пероста binишасту бигуфто, ки ҳало, ошиқи побастаи ман, пеш биёр, он чи ту дорӣ зи шаробу зи кабобу газак аз қанду наботу шакару себу анору биҳию олуву шафтолуву гулқанд, зи ҳар навъ ки бошад, ба назар ор, ки то ҳар ду ба ҳам хандазанон, айшкунон ҷуръа бинушему хурушем, ки кайфияту шавқи дигар аст ин майи гулталъати фархундаи монанди шафақ сурхлиқоро.***

# 10 ДАЛЕЛИ АҶИБИ САЙЁРА

Дар олам бисёр минтақаҳои тамошобобе ҳастанд, ки ҳамагон орзӯи ба он ҷойҳо сафар карданро доранд ва ё бисёр чизҳое ҳастанд, ки барои ҳамагон донистанашон аҷиб мебошад. Ҳоло якчанд далели аҷиброро аз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон пешниҳоди Шумо мегардонем.

1. Оё медонед, ки дар Хитой омӯзгорон ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки 20 дақиқа дар давоми дарс хоб раванд, то дарсҳои минбаъдаро хубтар омӯзанд.

2. Муҳаққиқони илми равоншиносӣ исбот кардаанд, ки ҳар амалеро агар тӯли 21 рӯз ҳамарӯза иҷро кунед, шумо бар он одат мекунед. Дигар барои иҷро кардани он амал шумо танқисӣ намекашед.

3. Ҳунарпеша Ширли Хендерсон замоне, ки 40 сол дошт, дар кинои Гарри Потер нақши духтари мактабхони 13 соларо бозидааст.

4. Оё медонистед, ки Россия аз сайёраи Плутон калонтар мебошад. Маҳз калонии масоҳати ин сарзамин боис гардидааст, ки Россия ҳамчун давлати калонтарини ҷаҳон шинохта шавад.

5. Колибра ягона паррандае мебошад, ки метавонад ҳам ба пеш ва ҳам ба қафо парвоз кунад.

6. Ҷон Рокфеллер дар айёми ҷавонӣ орзӯ карда буд, ки дар зиндагӣ 100 ҳазор доллар кор кунад ва тӯли 100 сол зиндагӣ кунад. Ӯ пайи ин орзӯяш амал намуда, 192млн доллар кор кард ва ҳамагӣ 97 сол умр дид. Афсӯс орзӯи кардаи ӯ амалӣ нагашт.

7. Дар Токио боғи ҳайвонотро дар як сол муддати 2 моҳ махкам мекунанд, то ҳайвонот тавонанд дар ин муддат аз одамон дур бошанд ва истироҳат кунанд.

8. Александр Греям Бел - ихтироъкунандаи телефони мобилӣ ҳеҷ гоҳ бо модар ва ҳамсараш тариқи телефони мобилӣ ҳарф назадааст. Сабабаш дар он ки модар ва ҳамсари ӯ ҳарду кар будаанд.

9. Аз ҳама ибора ва ё калимаи машҳур дар Google ва Яндекс ибораи "Интересные факты" ба шумор меравад.

10. Оё медонед, ки фурӯзонак кай ва аз тарафи кӣ ихтироъ шудаашт? Не? Пас бидонед, ки аввалин маротиби олими машҳури англис Гемфри Дэви дар соли 1806 фурӯзонакро ихтироъ намудааст.

***https://navju.tj***




# АКСҲОИ ГӮЁ





*Ҳайфи умри мард, агар дар бистари зан бигзарад,*
*Ҳайфи умри зан, агар бо оху шеван бигзарад.* Лоиқ



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 3 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард: Акбарова Раҳима (10.06.2019, соати 08:34, бехато), Сафаров Бахтиёр (10.06.2019, соати 16:00, бехато) ва Суфиев Хайриддин (11.06. 2019, соати 14:18, бехато).

Чунон ки аз таърихи рӯз ва соатҳои пешниҳоди ҷавобҳо мебинед, Акбарова Раҳима кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пеш аз ҳама пешниҳод кардааст. Ғолиб Акбарова Раҳима мебошад!

Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад.

Макру ҳила

«Аз бекорӣ - …» (мақол)

Яке аз бозиҳои дӯстдоштаи амрикоиҳо

Муҳофизатгар

Аралашкарда

Сураи Қуръони Карим

Ҳамтаҳдиди Нагасаки

Асъори Тайланд





Нидои мухлисони футбол

Нимдавра дар архитектор

Намаки истеъмолӣ

Ровӣ, наттоқ

… Бероев, актёри рус

Писари Дедал

Ноумедӣ, маъюсӣ

Рақами мушаххаси андозсупор

Маҳрум

Дӯзандаи моҳир

Сабзгун, сиёҳҷурда

Гиёҳи шифобахш

Рафиқ

Бирмаи ҳозира

Калтакалос ин узвашро партофтан метавонад

Алифбо аз нуқтаю тиреҳо

Дарида, пора-пора

Шӯи апа

Бештар, бисёртар

Мадад, ёрӣ (китобӣ)

Вилоят ва кӯл дар Туркия

Аз зону болои пой

«Дил»- и Албания

Амали аз чойник ба пиёла гузарондани моеъ

Дар дарси ҷуғрофия лозим аст



Иринаи хурдсол

Дарё дар Олмон

Номи маймуни Аладдин

Таърихнигорӣ

Ҳузур, пеш

Шаҳр дар Туркия

Шохоби Амазонка

Шавҳари хоҳари завҷа

«Том ва …», филми тасвирӣ

Таоми миллии тоторӣ

Мошини боркаши замони ҷанг

Мунаҷҷим, астроном

Давлат дар Африқои Ҷанубӣ

Актёри амрикоӣ …Норрис

Пайи нохун дар пӯст

Шоир ва гурғулисарои тоҷик

Худои асотирии мисриҳо

Қоидаи баъзе корҳо

Шиповник

Навъи тӯтӣ

Хотирҷамъ

Маҳсулоти миллии ширӣ

Ташкилоти ёрии гуманитарии Аврупо

Чархи фалак, осмон

Вобаста, роҷеъ, дар хусус

Деҳқони беҳуқуқи Спартаи қадим



Варзишгоҳ барои асптозӣ

Журналисти ТВ Орзу

Захми пӯст

Ҷазираи атомӣ дар Малдив



Хабарҳо

Фош, ошкор

Давлат дар Америкои Марказӣ

«Ҳаёт» ба забони юнонӣ

Психолог (тоҷ.)

# СУХАНИ МОНДАГОР

*Иосиф Виссарионович Сталин*

*Ман чанд сухане мехостам дар бораи тоҷикон бигӯям. Тоҷикон мардуми хосаанд. Онҳо на ӯзбеканд, на қазоқ, на қирғиз, онҳо тоҷиконанд - қадимтарин мардуми Осиёи Миёна. Тоҷик маънии тоҷдорро дорад, онҳоро эрониён чунин меномиданд ва тоҷикон ба ин ном сазовор гаштаанд.*



## ТАЪЗИЯНОМА

Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ нисбат ба даргузашти бемаҳали номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерӣ ЮНУСОВ ШАМШЕР сахт андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва хешовандону наздикони марҳум аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил металабанд.

## ЧАНД АҶОИБОТ

1. Пурқувваттарини ҳашарот мӯрча аст. Мӯрча бореро мебардорад, ки аз худаш даҳҳо маротиба вазнинтар аст. Мӯрчаҳо дар умрашон ҳаргиз намехобанд.

2. Маҳатма Гандӣ 13 сол дошт, ки волидайнаш ӯро бо духтараки 13 сола оиладор карданд. Дар он рӯз ду бародари дигараш ҳам оиладор шуданд. Маънои насаби Ганди савдогар аст. Дар ҳаёташ Махатма ягон бор гӯшт нахӯрдааст. Дар вақти донишҷӯияш худ пойлучу либосдарида буд, аммо ёрии



дигаронро ба ниёзмандон бурда медод. Махатмаро панҷ маротиба ба мукофоти Нобелӣ пешниҳод карда буданд. Чандин маротиба ҳабс ҳам шуда буд. Ба қабули маликаи англис Маҳатма бо либоси оддитарини камбағалонааш ҳозир шуда буд. Ба Адолф Гитлел мактуби бисёре навишта хоҳиш карда буд,ки ҷанги дуюми ҷаҳониро оғоз накунад. Панҷ моҳ қабл аз маргаш ба мақсади бузургтаринаш расида буд. Ҳиндустон аз Британия мустақилиятро бо роҳи сулҳ, бе ягон хунрезӣ соҳиб шуд.

2. Олими физик Алберт Эйнштейн навохтани скрипкаро қабл аз сухан гуфтан омӯхта буд. Ҳайрон нашавед, ӯ дар 7 солагиаш гап заданро ёд гирифт. Ҳуҷҷати хатми гимназияро то охири умраш ҳам гирифта натавонист, зеро хатм накарда буд. Варзишро дӯст намедошт. Ягон масъалаи илмиро нафаҳмад, як лаҳза бо скрипка мусиқа менавохт. Он гоҳ худ аз худ фаҳмишаш осонтар мешуд. Баъди олими машҳур шудан одамон аз Эйнштейн дастхат мегирифтанд. Эйнштейн барои ҳар дастхаташ 1 доллар пул мегирифт ва ҷамъ карда ба бенавоён медод. Соли 1933 вақто ки Гитлер ба сари қудрат омад, аз Олмон гурехта ба ИМА рафт. Метарсид, ки ӯро бо мақсади ҷанг кор мефармоянд. Алберт Эйнштейн қабл аз маргаш иҷозат дода буд, ки мағзи сарашро барои таҳқиқ гиранд. Аммо баъди аз тапидан мондани дилаш 7 соат гузашту олиме, ки мағзро бояд омӯхта мебаромад онро бебозгашт рабуд.

3. Айни ҳол дар табиат як миллион намуди ҳашарот маълум шудааст, аммо олимон дар он назаранд, ки то 8 миллион вуҷуд дорад. Зеро ҳар сол зиёда аз 7 ҳазор хел ҳашароти гуногун пайдо карда омӯхта мешавад. Ҳашарот устухон надоранд. Мувофиқи қонуни физика ва аэродинамика гамбусакҳо набояд парвоз карда тавонанд. Олимон то ҳанӯз наомӯхтаанд, ки гамбусакҳо чӣ тавр парвоз мекунанд.

4. Сӯзанак ҳам як намуд аз ҳашарот аст, ки бисёр назаррабост. Сӯзанак ним рӯз зиндагӣ мекунад. Он метавонад дар як соат 60 км парвоз кунад. Ҳар як чашми онназдик ба 20 ҳазор линза дорад.

5.Ягона ҳашароте, ки сарашро ба ҳарду тараф мегардонад, гаҳворачунбон аст.

6. Парвонаҳо маззаи хӯрокро бо дастонашон мефаҳманд. Ҳар сол қариб чоряки ҳосили рӯёнидаи одамонро ҳашарот истеъмол мекунанд.

7. Як оилаи занбӯри асал дар як сол 150 кг асал ҷамъоварӣ мекунанд. Аммо як занбӯр дар тамоми умраш чоряк қошуқча базӯр асал меғундорад. Дар як рӯз дар дунё то 3000 тонна асал ҷамъоварӣ мешавад.

8. Як қабилаи малаххҳоро метавонад то 50 миллиард дона малах ташкил кунад.

## ҶАВОНО!



*Саъдии ШЕРОЗӢ*

*Ҷавоно, раҳи тоъат имрӯз гир,*
*Ки фардо ҷавонӣ наояд зи пир.*
*Фароғи дилат ҳасту нерӯи тан,*
*Чу майдон фарох аст, гӯйе бизан.*
*Ман ин рӯзро қадр нашнохтам,*
*Бидонистам акнун, ки дарбохтам.*
*Қазо рӯзгоре зи ман даррабуд,*
*Ки ҳар рӯзе аз вай шабе Қадр буд.*
*Чи кӯшиш кунад пирхар зери бор,*
*Ту мерав, ки бар бодпоӣ савор.*
*Шикаста қадаҳ в-ар бубанданд чуст,*
*Наёвард хоҳад баҳои дуруст.*
*Кунун, к-ӯфтодат ба ғафлат зи даст,*
*Тариқе надорад, магар бозбаст.*
*Ки гуфтат ба Ҷайҳун дарандоз тан?*
*Чу уфтодӣ, ҳам дасту пое бизан!*
*Ба ғафлат бидодӣ зи даст оби пок,*
*Чи чора кунун ҷуз таяммум ба хок?*
*Чу аз чобукон дар давидан гарав*
*Набурдӣ, ҳам афтону хезон бирав.*
*Гар он бодпоён бирафтанд тез,*
*Ту бе дасту пой аз нишастан бихез.*

## МАРДИ ХИРАД

*(Эҳдо ба Ғоибназар Мирзоев ба шарафи 75-солагиашон)*

*Сарвати фарде агар симу зар аст,*
*Фахри ҳар уқоб аз болу пар аст.*
*Нафъ бар кӣ мерасад аз моли ӯ,*
*Чун кунад парвоз кас бо боли ӯ?*
*Сарвати ту донишу фазлу хирад,*
*Ҷумла олам з-ин ғановат бархӯрад.*
*Ҳар каломат баҳри касб олипараст,*
*Илму фанро махзани симу зар аст.*
*Зинда бодо сарвати ту дар ҷаҳон,*
*Боли парвози шукӯҳат парфишон!*

*Саидқул САБЗАЕВ, майи соли 2019, шаҳри Душанбе*

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи августи солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон ҳалолкорӣ пайваста амалӣ гардад.*

1. **САНГОВ ҚАЮМ,** 03.08.1938, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
2. **МИРЗОЕВ СУЛАЙМОН,** 05.08.1992, ассистенти кафедраи педагогика;
3. **ИСМОИЛОВ ЗАФАР,** 07.08.1992, ассисенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;
4. **ЛАТИПОВА ЗАЙНУРА,** 07.08.1984, ассистенти кафедраи забони ҳозираи рус (35-солагӣ муборак бошад!);
5. **ДАВЛАТОВ НАҶМИДДИН,** 07.08.1992, ассистенти кафедраи забони хориҷӣ;
6. **ШАРИПОВ САФАРАЛӢ,** 08.08.1993, ассистенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих;
7. **РАҲМОНОВ ҲОМИД,** 08.08.1950, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи маводҳо;
8. **АҲМАДОВА САФАРБӢ,** 09.08.1982, фаррош;
9. **САФАРОВ БАХТИЁР,** 12.08.1971, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика;
10. **САИДОВА КАМОЛБӢ,** 13.08.1976, фарош;
11. **ТАБАРОВ ШЕРАФГАН,** 15.08.1971, ассисенти кафедраи забони хориҷӣ;
12. **РАҲМОНОВА ФИРӮЗА,** 17.08.1977, лаборанти кафедраи физика, методикаи таълими он ва технологияи маводҳо;
13. **МИРЗОЕВ СУЛАЙМОН,** 17.08.1989, ассистенти кафедраи химия ва биология (30-солагӣ муборак бошад!);
14. **ҲАЛИМОВА МАЙСАРА,** 18.08.1975, фаррош;
15. **ТИЛЛОЕВА САОДАТ,** 19.08.1969, фаррош (50-солагӣ муборак бошад!);
16. **АШУРОВА НОДИРА,** 19.08.1972, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика;
17. **ПИРОВ МУҲАММАД,** 19.08.1989, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ (30-солагӣ муборак бошад!);
18. **БОБОЕВ НЕЪМАТ,** 25.08.1968, ассистенти кафедраи география ва туризм;
19. **ДАВЛАТОВ АМИНҶОН,** 27.08.1987, мудири синфхонаи кафедраи илмҳои компютерӣ;
20. **БОБОЕВА ХУМОРБӢ,** 29.08.1972, лаборанти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он;
21. **ДАРЁЕВА НАВИШТА,** 29.08.1962, фаррош.

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН, доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор

ҶУМЪАХОН АЛИМӢ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

ХОЛИҚОВ САФАР, номзади илмҳои химия

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ЗАФАР МИРЗОЁН, ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19